# Эътиқоди осон

(дар партави Қуръон ва суннат)

Д. Аҳмад ибни Абдурраҳмон Ал-Қозӣ

العقيدة الميسرة

من الكتاب العزيز والسنة المطهرة

أ. د. أحمد بن عبدالرحمن القاضي

# Эътиқоди осон

(дар партави Қуръон ва суннат)

Таълиф

**Д. Аҳмад ибни Абдурраҳмон Ал-Қозӣ**

Донишгоҳи Қасим – қисми ақида

بسم الله الرحمن الرحيم

Ба номи Худованди
бахшандаи меҳрубон

Муқаддима 7
Эътиқоди осон 13
Имон ба Аллоҳ 15
Имон ба фариштагон 85
Имон ба китобҳои осмонӣ 101
Имон ба паёмбарон 113
Имон ба рӯзи охират 123
Имон ба қазо ва қадар 135
Қуръони карим 145
Дидани Парвардигор 149
Ҳақиқати Имон 153
Имомат ва ҷамоат 163
Саҳоба (Худованд аз онҳо розӣ бод) 167
Авлиё 179
Усули ҷомеъ дар бораи асолат ва истидлол 181
Баъзе аз такмил кунандаҳои эътиқод 183
Дин ва тариқат 187

# Муқаддима

Гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктост ва шарике надорад, ягона ва беҳамтост, Ӯ, ки мефармояд:

﴿ هُوَ ٱلَّذِى بَعَثَ فِى لذى رسولا مِّنْهُمْ يَتْلُواْ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتِهِۦ ويزكيهم وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَٰبَ
وَٱلْحِكْمَةَ وَإِن كَانُواْ مِن قَبْلُ لَفِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٢﴾ ﴾ [الجمعة: ٢]

«Ӯст, ки аз миёни бесаводон паёмбаре аз миёни худашон барангехт, ки оятҳояшро бар онҳо бихонад ва эшонро пок гардонад ва ба онон Китоб [Қуръон] ва ҳикмат биёмӯзад; агарчи пеш аз ин дар гумроҳии ошкор буданд» (Сураи Ҷумъа 2)

Ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, касе ки Аллоҳи мутаол бо биъсати Ӯ бар бандагонаш миннат ниҳод ва фармуд:

﴿ لَقَدْ مَنَّ ٱللَّهُ عَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ بَعَثَ فِيهِمْ رَسُولًا مِّنْ أَنفُسِهِمْ يَتْلُواْ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمْ
وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَإِن كَانُواْ مِن قَبْلُ لَفِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿١٦٤﴾ ﴾ [آل عمران: ١٦٤]

«Ба ростӣ, Аллоҳ таоло бар муъминон миннат ниҳод, ки миёни онон паёмбаре аз худашон барангехт, то оёти Ӯ [Қуръон]–ро бар эшон бихонад ва [аз гуноҳ] покашон гардонад ва ба онон китоби [Қуръон] ва ҳикмат [суннат] биёмӯзад; дар ҳоле ки дар гузашта дар гумроҳии ошкоре буданд» (Сураи Оли Имрон 164)

## Аммо баъд:

Бешак Аллоҳ таоло паёмбараш Муҳаммадро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристод, то мардумро аз торикиҳо ба сӯйи нур ва аз гумроҳии ошкор ба сӯйи ҳидояти комил савқ диҳад; ҳидояте ки боиси кушоиши синаҳо ва оромиши дилҳост. Чаро ки «ҳидоят» ҳамон илми фоиданок ва «дини ҳақ» ҳамон амали нек аст. Ва зиндагии пок бар ин ду рукни муҳим устувор аст.

Аллоҳи мутаол дар китоби бузургаш, ҳарончи бандагон дар ҳавзаи ақоид, ибодот, муомалот ва ахлоқ ниёз доранд, баён доштааст. Ва суннати мутаҳҳари набавӣ ба шарҳу баён ва тафсили ончи дар Қуръон ба сурати муҷмал, мубҳам ва умумӣ омадааст пардохта аст. Чунонки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармудаанд:

«أَلَا إِنِّي أُوتِيتُ الْكِتَابَ، وَمِثْلَهُ مَعَهُ»

«Огоҳ бошед! Ки ба ман Қуръон ва низ монанди он (ҳадис) додашудааст»[1]

Эътиқоди исломӣ сутун ва асосу сирри қуввати ин дин аст, ки ба сабаби ин хусусиятҳояш бар дигар динҳо бартарӣ дорад.

Аз ҷумлаи хусусиятҳои эътиқоди исломӣ нуқтаҳои зайл аст:

Аввал: Тавҳид: Танҳо Аллоҳро ибодат кардан ва аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) пайравӣ кардан.

Дуввум: Тавқифӣ будани эътиқоди исломӣ: Ба маънои илоҳӣ будани аслу марҷаъи эътиқоди исломӣ, Чунонки манбаъ ва сарчашмаи эътиқоди исломӣ фақат Қуръон ва ҳадиси (саҳеҳи) набавӣ мебошад, Ва раъй ё қиёс наметавонад барои эътиқод сарчашма бошад.

Севум: Мувофиқат ва таносуб бо фитрати солим ва поке, ки Худованд мардумро пеш аз онки шаётин ононро фиреб диҳанд, бар он офарид.

Чаҳорум: Мувофиқ будан бо ақли дурусту солим, ки аз шубҳаҳо ва шаҳватҳо пок бошад.

Панҷум: Дарбаргиранда: Чунонки ба баёни ҳама ҷонибҳои ҳасти, зиндаги ва инсон пардохтааст.

(1) (Ривояти Абудовуд, рақами ҳадис 4604, аз ҳадиси Миқдом ибни Маъди Якруб (Худованд аз ӯ рози бошад))

Шашум: Ташобуҳ ва ҳаммонанди: Масъалаҳои эътиқодии ислом ҳамдигарро тасдиқу таъйид мекунанд ва байни онҳо ягон таноқуз ва зиддияте вуҷуд надорад.

Ҳафтум: Эътидол ва миёнагӣ: Эътиқоди исломӣ меъёр ва мизони эътидол ва миёнагӣ байни ифрот ва тафрити (зиёдаравӣ ва кӯтоҳӣ) дигар идеологияҳо ва ақидаҳо аст.

Хусусиятҳои боло сабаб шуданд, ки натиҷаҳои зер ба амал биёянд:

Аввал: Таҳқиқи бандагӣ барои Парвардигори ҷаҳониён ва озоди ва раҳои аз бардагӣ барои махлуқот.

Дуввум: Таҳқиқи пайравӣ аз фиристодаи Худованд ва раҳои аз бидъату бидъатгузорон.

Севум: Оромиши руҳи ва итмиънони қалбӣ бар асари иртибот бо офаридгори тадбиркунандаи ҳаким.

Чаҳорум: Қаноъати фикри ва рушду намои ақлонӣ ва солим мондан аз таноқузот ва хурофотҳо.

Панҷум: Бароварда шудани ниёзҳои руҳӣ, ҷисмӣ ва такомули эътиқод ва рафтор.

Олимони исломӣ ҳамвора ба мавзӯъи эътиқод таваҷҷуҳи хоссе доштанд ва тамоми талошашонро дар омӯзиш ва исботи он ба кор бурдаанд, Ва матлабҳои мухтасару шарҳҳои тӯлоние дар ин бора нигоштаанд. Гоҳе дар қолаби баёни иҷмолӣ ва куллӣи эътиқоди салаф ва гоҳе дар тавзеҳ ва баёни мавзӯъи муайян ва гоҳе дар қолаби посух бар ҳавопарастону бидъатгузорон, китобҳо таълиф намудаанд.

Аз ин ҷиҳат тасмим гирифтам масъалаҳои эътиқодиро бар асоси тартиби аслҳои шашгонаи имон, ки зикршуда дар ҳадиси машҳур ба ҳадиси Ҷибриил бо такя бар ду масдари ваҳйи, Қуръон ва суннати набавӣ, баён кунам. Ва баъд аз ҳар мавзӯъи

аслӣ мавориди фаръиро баён намудам ва дар поён аз гуруҳҳо ва афроде, ки дар мавзӯъи зикршуда ба бероҳа рафтаанд, ном бурда ва ба таври мухтасар посухашонро додаам.

Дар натиҷа ин китоби эътиқодӣ, китоби мутавасит ва возеҳу равшану осон ва бо ибораи осону тартиби мавзӯъӣ гаштааст, то ҳама мусалмонон битавонанд аз он истифода кунанд. Ва ҳадаф аз таваҷҷуҳ ба эътиқоди куллӣ ва иҷмолии салафи солеҳ ҳосил шавад. Ва ин китобро

“Ал-ақида ал-муяссара мин ал-китобил-азизи ва ас-суннатил мутаҳҳараҳ”

“Эътиқоди осон дар партавӣ Қуръон ва суннат” номидам.

Аз Аллоҳи мутаол мехоҳам ин амалро холис барои ризогии худаш ва судмандӣ барои бандагонаш бигардонад.

وصلّى الله وسلّم على نبيّنا محمّد وعلى آله وصحبه أجمعين.

Ва дуруду саломи Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва ҳамаи олу асҳобаш бод.

**Навиштаи:**

**Доктор:**

**Аҳмад ибни Абдурраҳмон Ал-Қозӣ**

**Донишкадаи шариъат ва мутолиъоти исломӣ – бахши ақида, Донишгоҳи Қасим**

**E-mail: al-aqidah@al-aqidah.com**

**E-mail: qadisa@yahoo.com**

**Почта; (246) рамзи почта (51911) Унайза**

# ЭЪТИҚОДИ ОСОН

## ДАР ПАРТАВӢ ҚУРЪОНИ КАРИМ ВА СУННАТИ МУТАҲҲАР

Поя ва асоси эътиқоди исломӣ, имон ба Аллоҳ, малоика, китобҳои осмонӣ, паёмбарон, рӯзи охират ва тақдир, хайру шарри он мебошад.

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ ۞ وَلَٰكِنَّ ٱلۡبِرَّ مَنۡ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ وَٱلۡكِتَٰبِ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ ١٧٧ ﴾ [البقرة: ١٧٧]

"Балки некӣ [рафтори] он касе аст, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат ва фариштагону китоби [осмонӣ] ва паёмбарон имон оварда бошад" (Сураи Бақара 177)

﴿ ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ
وَرُسُلِهِۦ ٢٨٥ ﴾ [البقرة: ٢٨٥]

«Расул [-и Аллоҳ таоло] ба он чи аз [сӯйи] Парвардигораш бар ӯ нозил шуда, имон овардааст ва муъминон [низ] ҳамагӣ ба Аллоҳ таоло ва фариштагону китобҳо ва паёмбаронаш имон овардаанд» (Сураи Бақара 285)

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِي نَزَّلَ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِيٓ
أَنزَلَ مِن قَبۡلُۚ وَمَن يَكۡفُرۡ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ فَقَدۡ ضَلَّ ضَلَٰلَۢا
بَعِيدًا ١٣٦ ﴾ [النساء : ١٣٦]

«Эй касоне, ки имон овардаед, ба Аллоҳ таоло ва паёмбараш ва китобе, ки бар ӯ нозил кардааст ва [ба ҳар] китобе, ки пеш аз ин фиристодааст, имон биёваред [ва бар он пойдор бошед] ва ҳар, ки ба Аллоҳ таоло ва фариштагони Ӯ ва китобҳову паёмбаронаш ва рӯзи қиёмат куфр биварзад, бе тардид, дар гумроҳии дуру дарозе афтодааст» (Сураи Нисо 136)

﴿ إِنَّا كُلَّ شَيۡءٍ خَلَقۡنَٰهُ بِقَدَرٖ ٤٩ ﴾ [القمر: ٤٩]

«Бе тардид, (бе шак) Мо ҳар чизеро ба андоза офаридаем» (Сураи Қамар 49)

Ва ҳангоме ки Ҷибриил аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар бораи имон пурсид, эшон чунин посух доданд:

«أَنْ تُؤْمِنَ بِاللهِ، وَمَلَائِكَتِهِ، وَكُتُبِهِ، وَرُسُلِهِ، وَالْيَوْمِ الْآخِرِ، وَتُؤْمِنَ بِالْقَدَرِ خَيْرِهِ وَشَرِّهِ»

"(Имон яъне): Инки ба Аллоҳ, фариштагон, китобҳо ва паёмбарони илоҳӣ, рӯзи охират ва ба тақдир, хайр ва шарри он, имон биёварӣ".

# ИМОН БА АЛЛОҲ

Имон ба Аллоҳ, яъне: Эътиқод ва боварии қатъӣ ва яқинӣ ба вуҷуди Ӯ ба инки Ӯ таоло парвардигори ҳама махлуқот аст, Ва танҳо Ӯ сазовори ибодат ва муттасиф ба сифатҳои камол ва муназзаҳ аз сифатҳои накс аст.

Имон ба Аллоҳ дар бар гирандаи чаҳор мавриди зер мешавад:

**Аввал: Имон ба вуҷуди Аллоҳ.**

Вуҷуди Аллоҳи мутаол бузургтарин ҳақиқат аст:

﴿ ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدْعُونَ مِن دُونِهِۦ هُوَ ٱلْبَٰطِلُ وَأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْعَلِيُّ ٱلْكَبِيرُ ﴾ [الحج: ٦٢]

«Ин бад-он сабаб аст, ки Аллоҳ таоло ҳақ аст ва он чиро, ки [мушрикон] ҷуз ӯ мехонанд, [ҳама] ботил аст ва Аллоҳ таоло баландмартабаи бузург аст» (Сураи Ҳаҷ 62)

Ва шакку тардид дар бораи вуҷуди Аллоҳ, ифтиро ва инкор ба шумор меравад:

﴿ قَالَتْ رُسُلُهُمْ أَفِي ٱللَّهِ شَكٌّ فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ يَدْعُوكُمْ لِيَغْفِرَ لَكُم مِّن ذُنُوبِكُمْ وَيُؤَخِّرَكُمْ إِلَىٰٓ أَجَلٍ مُّسَمًّى قَالُوٓاْ إِنْ أَنتُمْ إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُنَا تُرِيدُونَ أَن تَصُدُّونَا عَمَّا كَانَ يَعْبُدُ ءَابَآؤُنَا فَأْتُونَا بِسُلْطَٰنٍ مُّبِينٍ ﴾ [ابراهيم: ١٠]

«Паёмбаронашон гуфтанд: «Оё дар [ягонагии] Аллоҳ таоло – Офаринандаи осмонҳо ва замин тардиде ҳаст? Ӯ шуморо [ба имон] фаро мехонад, то гуноҳонатонро бибахшояд ва ба шумо то муддати муайяне муҳлат диҳад» (Сураи Иброҳим 10)

Ва инкори вуҷуди Аллоҳ такаббур ва зулму куфр аст:

﴿ قَالَ لَقَدْ عَلِمْتَ مَآ أَنزَلَ هَٰٓؤُلَآءِ إِلَّا رَبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ بَصَآئِرَ وَإِنِّى لَأَظُنُّكَ يَٰفِرْعَوْنُ مَثْبُورًا ﴿١٠٢﴾ ﴾ [الاسراء: ١٠٢]

«[Мӯсо] Гуфт: «Ту, ҳатман, медонӣ, ки инҳо [муъҷизот]-ро [касе] ҷуз Парвардигори осмонҳо ва замин нафиристодааст. [Ин муъҷизот] Далоили равшан [дар бораи қудрату ягонагии Аллоҳ таоло ва ростгӯии паёмбараш ҳастанд]; ва, эй Фиръавн, ба ростӣ, ки туро ҳалокшуда [ва зиёндида] мепиндорам» (Сураи Исро 102)

﴿ قَالَ فِرْعَوْنُ وَمَا رَبُّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٢٣﴾ قَالَ رَبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَآ إِن كُنتُم مُّوقِنِينَ ﴿٢٤﴾ قَالَ لِمَنْ حَوْلَهُۥٓ أَلَا تَسْتَمِعُونَ ﴿٢٥﴾ قَالَ رَبُّكُمْ وَرَبُّ ءَابَآئِكُمُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٢٦﴾ قَالَ إِنَّ رَسُولَكُمُ ٱلَّذِىٓ أُرْسِلَ إِلَيْكُمْ لَمَجْنُونٌ ﴿٢٧﴾ قَالَ رَبُّ ٱلْمَشْرِقِ وَٱلْمَغْرِبِ وَمَا بَيْنَهُمَآ إِن كُنتُمْ تَعْقِلُونَ ﴿٢٨﴾ قَالَ لَئِنِ ٱتَّخَذْتَ إِلَٰهًا غَيْرِى لَأَجْعَلَنَّكَ مِنَ ٱلْمَسْجُونِينَ ﴿٢٩﴾ ﴾ [الشعراء: ٢٣، ٢٩]

"Фиръавн гуфт: "Парвардигори ҷаҳониён кист? 23 [Мӯсо] Гуфт: "Парвардигори осмонҳо ва замин ва он чи миёни онҳост. Агар аҳли яқин ҳастед [танҳо ӯро бипарастед] 24 [Фиръавн] Ба касоне, ки дар атрофаш буданд [бо тамасхур] гуфт: "Оё мешунавед [чи мегӯяд]? 25 [Мӯсо] Гуфт: "[Аллоҳ таоло] Парвардигори шумо ва Парвардигори ниёгони шумост 26 [Фиръавн] Гуфт: "Ин паёмбаратон, ки ба сӯйи шумо фиристода шудааст, яқинан девона аст 27 [Мӯсо] Гуфт: "Агар биандешед, [хоҳед донист, ки Ӯ] Парвардигори машриқ ва мағриб аст ва ҳар он чи миёни он ду қарор дорад" 28 [Фиръавн] Гуфт: "Агар маъбуде ҷуз ман баргузинӣ, ҳатман, зиндонат мекунам 29" (Сураи Шуъаро 23-29)

Далоили мухталиф ва гуногуне баёнгари вуҷуди Аллоҳ аст, аз ҷумла:

## 1. Фитрати солим (офариниши табиъии инсон, ки бар он офарида шудааст)

Иборат аз сириште аст, ки инсон бар он офарида шуд, пеш аз онки омӯзише дида бошад, чунонки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ فَأَقِمۡ وَجۡهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفٗاۚ فِطۡرَتَ ٱللَّهِ ٱلَّتِي فَطَرَ ٱلنَّاسَ عَلَيۡهَاۚ لَا تَبۡدِيلَ لِخَلۡقِ ٱللَّهِۚ ذَٰلِكَ ٱلدِّينُ ٱلۡقَيِّمُ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٣٠ ﴾ [الروم: ٣٠]

«Пас, [эй паёмбар,] ҳақгароёна ва холисона ба ин дин рӯ овар. [Ин оини пок] Ислом аст, ки Аллоҳ таоло фитрати мардумро бар асоси он сиришта аст. Ҳеҷ тағйире дар офариниши Аллоҳ таоло нест. Ин аст [роҳи рост ва] дини устувор, вале бештари мардум [ҳақиқатро] намедонанд» (Сураи Рум 30)

Дар саҳеҳ Бухорӣ ривоят шудааст, ки Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

قَالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «مَا مِنْ مَوْلُودٍ إِلَّا يُولَدُ عَلَى الفِطْرَةِ، فَأَبَوَاهُ يُهَوِّدَانِهِ أَوْ يُنَصِّرَانِهِ، أَوْ يُمَجِّسَانِهِ»

"Ҳар фарзанде бар фитрат (и поки ислом) таваллуд мешавад, аммо падару модараш ӯро яҳудӣ ё масеҳӣ ё маҷусӣ мекунанд". Ва дар саҳеҳ Муслим омадааст, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд;

«مَا مِنْ مَوْلُودٍ يُولَدُ إِلَّا وَهُوَ عَلَى الْمِلَّةِ»

"Ҳеҷ фарзанде таваллуд намешавад, магар инки бар миллат (фитрати поки ислом) аст". Ва низ фармуданд: " Магар инки бар ин миллат (и ислом таваллуд мешавад) то инки забонаш онро баён мекунад". Дар ривояти дигар чунин омадааст: "Ҳеҷ фарзанде нест, ки таваллуд шавад, магар бар ин фитрат (тавҳид ва ислом) аст, то инки забонаш аз он таъбир намуда ва баёнаш мекунад"(2).

(2) Саҳеҳ Бухорӣ шумораи ҳадис:1358, Саҳеҳ Муслим шумораи ҳадис: 2658, ба ривояти Абуҳурайра.

Бинобарин ҳар махлуқе бар фитрати аслии худ мебошад, ба ин гуна, ки дар вуҷудаш имон ба вуҷуди Аллоҳро эҳсос мекунад ва меёбад, магар инки чизе бар фитраташ ру ба ру гардида онро фосид намояд. Аллоҳи бузург дар ҳадиси қудсӣ чунин мефармояд:

"إِنِّي خَلَقْتُ عِبَادِي حُنَفَاءَ كُلَّهُمْ، وَإِنَّهُمْ أَتَتْهُمُ الشَّيَاطِينُ فَاجْتَالَتْهُمْ عَنْ دِينِهِمْ،"

"Ҳамоно ман ҳама бандагонамро ҳаниф (мусалмон ва пок аз гуноҳ) офаридаам, Аммо шаётин бар онон тохта ва онҳоро аз динашон боз медоранд"[3].

Бисёр вақтҳо мешавад, ки шубуҳот ва шаҳавот парда ва монеъи фитрат қарор мегиранд, Вале ҳангоми сахтиҳо ва ранҷу бӯҳронҳо ҳақиқати фитрат ошкор мешавад. Чигунае ки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ فَإِذَا رَكِبُوا۟ فِى ٱلْفُلْكِ دَعَوُا۟ ٱللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ فَلَمَّا نَجَّىٰهُمْ إِلَى ٱلْبَرِّ إِذَا هُمْ يُشْرِكُونَ ﴿٦٥﴾ ﴾
[العنكبوت: ٦٥]

«Вақте [мушрикон] дар киштӣ савор мешаванд, Аллоҳро бо ихлос мехонанд, аммо чун ононро ба хушкӣ мерасонад ва [аз хатари ғарқ шудан] мераҳонад, он гоҳ [боз ҳам] ширк меварзанд» (Сураи Анкабут 65)

## 2. Ақли солим

Яъне ақле ки аз шубҳаҳо ва хоҳишоти нафсонӣ солим ва пок аст. Чунин ақл ҳукм мекунад, ки махлуқот қатъан ва яқинан офаридгоре доранд, Зеро имкон надорад, ки ин махлуқот тасодуфи ва бе офаридгор ба вуҷуд омада бошанд. Ва низ имкон надоард, ки онҳо худ ба худ ба вуҷуд омада бошанд. Чунки адам (набудан) ва нести наметавонад вуҷуд ва ҳастиро

(3) (Ривояти Абудовуд, рақами ҳадис 4604, аз ҳадиси Микдом ибни Маъди Якруб (Худованд аз ӯ рози бошад))

эҷод ва пайдо кунад. Пас бояд офаридгоре, халққунандае ба вуҷуд оварандае бошад, ки Ӯ Аллоҳ аст.

Замоне ки Ҷубайр ибни Мутъим дар ҷумлаи фидяи асирони ғазваи Бадр назди Паёмбар (Друруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) омад – дар он вақт мушрик буд – шунид, ки Паёмбар (Друруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар намози шом сураи Турро тиловат карданд ва ҳангоме ки ба ин оятҳо расиданд:

﴿ أَمْ خُلِقُوا۟ مِنْ غَيْرِ شَىْءٍ أَمْ هُمُ ٱلْخَٰلِقُونَ ﴿٣٥﴾ أَمْ خَلَقُوا۟ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ ۚ بَل لَّا يُوقِنُونَ ﴿٣٦﴾ أَمْ عِندَهُمْ خَزَآئِنُ رَبِّكَ أَمْ هُمُ ٱلْمُصَۣيْطِرُونَ ﴿٣٧﴾ ﴾ [الطور: ٣٤، ٣٦]

«Оё онон аз ҳеҷ офарида шудаанд ё худ офаринандаи хешанд? 35 Оё онон осмонҳо ва заминро офаридаанд? [На] Балки онон яқин надоранд [ки Аллоҳ таоло офаринандаи мутлақ аст] 36 Оё ганҷинаҳои [неъмат ва ҳидояти] Парвардигорат назди эшон аст? Оё [бар ҳама чиз] тасаллут доранд? 37 (Сураи Тур 35-37)

Ҷубайр гӯфт:» Қариб, ки дилам аз ҷояш канда шавад»[4]. Ва ин аввалин бор буд, ки имон дар дилаш ворид шуд.

Хатиби араб дар даврони ҷоҳили Қисс ибни Соъидаи Иёдӣ, бо ақли солими худ чунин далил гирифт ва гӯфт: «Саргини шутур далолат бар вуҷуди шутур мекунад, ва пайи пой далолат бар рафтан (и як нафар) аст, Пас оё осмони дорои бурҷҳо ва замини дорои дарраҳо бар вуҷуди офаридгори бохабару огоҳ далолат намекунад?» (Албатта далолат мекунад)

(4) Саҳеҳ Бухорӣ шумораи ҳадис:1358, Саҳеҳ Муслим шумораи ҳадис: 2658, ба ривояти Абуҳурайра.

## 3. Чизҳои ҳисси ва мушоҳида шаванда

Худованди мутаол мефармояд:

﴿ سَنُرِيهِمْ ءَايَٰتِنَا فِى ٱلْءَافَاقِ وَفِىٓ أَنفُسِهِمْ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ ٱلْحَقُّ ۗ أَوَلَمْ يَكْفِ بِرَبِّكَ أَنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدٌ ۝٥٣ ﴾ [فصلت: ٥٣]

"[Дар ин дунё ва ҳангомаи қиёмат] нишонаҳои [тавону тадбири] худро дар офоқи [ҷаҳон] ва дар [вуҷуди] худашон ба онон нишон хоҳем дод, то барояшон равшан шавад, ки Қуръон ҳақ аст" (Сураи Фуссилат 53)

Ин маврид намунаҳои гуногуне дорад, Аз ҷумла муъҷизаҳои паёмбарон, каромоти авлиё ва солеҳон, ва пазириши дуои дуокунандагон.

Аллоҳ таоло дар бораи паёмбараш Нуҳ (Алайҳиссалом) чунин мефармояд:

﴿ فَدَعَا رَبَّهُۥٓ أَنِّى مَغْلُوبٌ فَٱنتَصِرْ ۝١٠ فَفَتَحْنَآ أَبْوَٰبَ ٱلسَّمَآءِ بِمَآءٍ مُّنْهَمِرٍ ۝١١ وَفَجَّرْنَا ٱلْأَرْضَ عُيُونًا فَٱلْتَقَى ٱلْمَآءُ عَلَىٰٓ أَمْرٍ قَدْ قُدِرَ ۝١٢ وَحَمَلْنَٰهُ عَلَىٰ ذَاتِ أَلْوَٰحٍ وَدُسُرٍ ۝١٣ تَجْرِى بِأَعْيُنِنَا جَزَآءً لِّمَن كَانَ كُفِرَ ۝١٤ ﴾ [القمر: ١٠، ١٤]

«Пас, ӯ Парвардигорашро хонд [ва гуфт]: «Ман мағлуб шудаам; пас, ёриам фармо [ва аз онон интиқом бигир]» 10 Мо низ дарҳои осмонро барои [резиши] борони селосо кушудем 11 Ва аз замин низ чашмаҳо ҷорӣ сохтем ва обҳо [аз замину осмон] барои тӯфоне, ки муқаддар шуда буд, ба ҳам пайваст 12 Ва Нуҳро бар [киштии] сохта ва пардохта аз тахтаҳо ва меххо савор кардем 13 Ки тахти назар [ва ҳифозати] Мо ҳаракат мекард. Ин подоши касе буд, ки [қавмаш] инкораш карда буданд 14 « (Сураи Қамар 10-14)

Ва мефармояд:

﴿ فَأَوْحَيْنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنِ ٱضْرِب بِّعَصَاكَ ٱلْبَحْرَ ۖ فَٱنفَلَقَ فَكَانَ كُلُّ فِرْقٍ كَٱلطَّوْدِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٦٣﴾ وَأَزْلَفْنَا
ثَمَّ ٱلْءَاخَرِينَ ﴿٦٤﴾ وَأَنجَيْنَا مُوسَىٰ وَمَن مَّعَهُۥٓ أَجْمَعِينَ ﴿٦٥﴾ ثُمَّ أَغْرَقْنَا ٱلْءَاخَرِينَ ﴿٦٦﴾ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً ۖ
وَمَا كَانَ أَكْثَرُهُم مُّؤْمِنِينَ ﴿٦٧﴾ ﴾ [الشعراء : ٦٣، ٦٧]

«Пас, ба Мӯсо ваҳй кардем: «Асоятро ба дарё бизан», пас, [Нил] шикофта шуд ва ҳар бахше [аз он] ҳамчун кӯҳе бузург гашт 63 Ва он гурӯҳи дигар [сипоҳи Фиръавн]-ро ба он ҷо кашондем 64 Ва Мӯсо ва ҳамаи касонеро, ки ҳамроҳаш буданд, наҷот додем 65 Ва дигаронро ғарқ намудем 66 Ҳатман, дар ин [моҷаро] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст, вале бештарашон муъмин набуданд 67» (Сураи Шуъаро 63-67)

Ва дар мавриди сайидамон Исо (Алайҳиссалом) мефармояд:

﴿ وَرَسُولًا إِلَىٰ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ أَنِّى قَدْ جِئْتُكُم بِـَٔايَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ ۖ أَنِّىٓ أَخْلُقُ لَكُم مِّنَ ٱلطِّينِ
كَهَيْـَٔةِ ٱلطَّيْرِ فَأَنفُخُ فِيهِ فَيَكُونُ طَيْرًۢا بِإِذْنِ ٱللَّهِ ۖ وَأُبْرِئُ ٱلْأَكْمَهَ وَٱلْأَبْرَصَ وَأُحْىِ ٱلْمَوْتَىٰ بِإِذْنِ
ٱللَّهِ ۖ وَأُنَبِّئُكُم بِمَا تَأْكُلُونَ وَمَا تَدَّخِرُونَ فِى بُيُوتِكُمْ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً لَّكُمْ إِن كُنتُم
مُّؤْمِنِينَ ﴿٤٩﴾ ﴾ [آل عمران: ٤٩]

«Ва паёмбаре ба сӯйи Бани Исроил аст, ки [ба онон мегӯяд]: «Ман аз сӯйи Парвардигоратон барои шумо нишонае овардаам: Ман аз гил бароятон [чизе] ба шакли парранда месозам; он гоҳ дар он медамам ва ба фармони Аллоҳ таоло [он гили беҷон табдил ба] паррандае мешавад; ва [ҳамчунин] ба фармони Аллоҳ таоло кӯри модарзод ва мубталоён ба песиро беҳбудӣ мебахшам ва мурдагонро зинда мекунам ва аз он чи мехӯред ва дар хонаҳоятон захира мекунед, ба шумо хабар медиҳам. Мусалламан, агар имон доштa бошед, дар инҳо нишонае барои шумост [ки нубувватамро бовар кунед]» (Сураи Оли Имрон 49)

Монанди ин муъҷизаҳо барои паёмбарамон Муҳаммад (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) низ иттифоқ афтодааст. Чунонки Анас ибни Молик ривоят мекунад:

عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ: أَنَّ رَجُلًا، دَخَلَ المَسْجِدَ يَوْمَ جُمُعَةٍ مِنْ بَابٍ كَانَ نَحْوَ دَارِ القَضَاءِ، وَرَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَائِمٌ يَخْطُبُ، فَاسْتَقْبَلَ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَائِمًا، ثُمَّ قَالَ: يَا رَسُولَ اللَّهِ، هَلَكَتِ الأَمْوَالُ وَانْقَطَعْتِ السُّبُلُ، فَادْعُ اللَّهَ يُغِيثُنَا، فَرَفَعَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يَدَيْهِ، ثُمَّ قَالَ: «اللَّهُمَّ أَغِثْنَا، اللَّهُمَّ أَغِثْنَا، اللَّهُمَّ أَغِثْنَا» قَالَ أَنَسٌ: وَلاَ وَاللَّهِ، مَا نَرَى فِي السَّمَاءِ مِنْ سَحَابٍ، وَلاَ قَزَعَةً وَمَا بَيْنَنَا وَبَيْنَ سَلْعٍ مِنْ بَيْتٍ وَلاَ دَارٍ، قَالَ: فَطَلَعَتْ مِنْ وَرَائِهِ سَحَابَةٌ مِثْلُ التُّرْسِ فَلَمَّا تَوَسَّطَتِ السَّمَاءَ انْتَشَرَتْ، ثُمَّ أَمْطَرَتْ، فَلاَ وَاللَّهِ، مَا رَأَيْنَا الشَّمْسَ سِتًّا، ثُمَّ دَخَلَ رَجُلٌ مِنْ ذَلِكَ البَابِ فِي الجُمُعَةِ، وَرَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَائِمٌ يَخْطُبُ، فَاسْتَقْبَلَهُ قَائِمًا، فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللَّهِ هَلَكَتِ الأَمْوَالُ وَانْقَطَعَتِ السُّبُلُ، فَادْعُ اللَّهَ يُمْسِكْهَا عَنَّا، قَالَ: فَرَفَعَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يَدَيْهِ، ثُمَّ قَالَ: «اللَّهُمَّ حَوَالَيْنَا وَلاَ عَلَيْنَا، اللَّهُمَّ عَلَى الآكَامِ وَالظِّرَابِ، وَبُطُونِ الأَوْدِيَةِ، وَمَنَابِتِ الشَّجَرِ» قَالَ: فَأَقْلَعَتْ، وَخَرَجْنَا نَمْشِي فِي الشَّمْسِ»

"Марде рӯзи ҷумъа аз даре ки аз тарафи дорул-қазо буд, вориди масҷид шуд, дар ҳоле ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) барои мардум хутба мехонданд, Он мард ру ба руи Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) биистод ва гӯфт: Эй Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод)! Молҳо нобуд шуданд ва роҳҳо баста шуданд, пас аз Аллоҳ бихоҳ, ки бар мо борон биборонад. Пас Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дастонашро боло бардошт ва ингуна дуо намуд: "Парвардигоро! Ба мо борон ато кун! Илоҳо ба мо борон ато кун! Илоҳо ба мо борон ато кун". Анас мегӯяд: Қасам ба Аллоҳ дар осмон абре ё пораи абре дида намешуд, ва миёни мо ва кӯҳи Салъ[5] хона ва манзиле набуд, сипас аз пушти он кӯҳ абре ҳамчун сипар[6] падидор шуд ва замоне, ки дар байни осмон қарор гирифт, паҳн ва мунташир шуд, сипас борон борид. Қасам ба Аллоҳ, ки офтоброрӯзи шанбе надидем, Ҷумъаи оянда, дар ҳоле, ки Паёмбар истода хутба мехонд, марде аз ҳамон дар ворид шуд. Он мард ру ба руи Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) истод ва гӯфт: Эй Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) молҳо нобуд ва роҳҳо баста шуданд, пас дуо кун, ки Аллоҳ таоло боронро нигаҳ дорад. Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар

(5) Саҳеҳ Муслим шумораи ҳадис 2865, дар ҳадиси тулонӣ, ба ривояти Иёз ибни Ҳимори Муҷошиъӣ.

(6) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3050, 4023, 4852.

Ӯ бод) дастонашро бардошт ва чунин дуо кард: "Илоҳо! Атрофи мо ва на бар мо (борон биборад) Парвардигоро онро бар тепаҳо, кӯҳҳо, дараҳо ва ҷои баромадани (ҷангалҳо) дарахтон биборад". Анас мегӯяд: Пас борон бозистод, мо аз масҷид баромадем ва дар офтоб роҳ мерафтем. Ҳадиси муттафақ алайҳи аст[7].

Аллоҳи мутаол ба шакли умуми ва куллӣ мефармояд:

﴿أَمَّن يُجِيبُ ٱلْمُضْطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكْشِفُ ٱلسُّوٓءَ وَيَجْعَلُكُمْ خُلَفَآءَ ٱلْأَرْضِ ۗ أَءِلَٰهٌ مَّعَ ٱللَّهِ ۚ قَلِيلًا مَّا تَذَكَّرُونَ ﴿٦٢﴾﴾ [النمل: 62]

«[Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки [дуои] дармондаро – чун бихондаш – иҷобат мекунад ва гирифториро бартараф месозад ва шуморо ҷонишинони [пешиниён дар] замин қарор медиҳад? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? Чи андак панд мегиред!» (Сураи Намл 62)

Дар натиҷа, муъҷизаҳои паёмбарон, иҷобати дуои дуокунандагон ва наҷоти мусибатдидагон, далелҳои махсусе ҳастанд, ки мардум онро дарк кардаанд, Ва ин яқинан ва қатъан баёнгари вуҷуди зоте ҳаст, ки паёмбарон ва муъҷизаҳояшонро фиристодааст, ва дуои мардумро иҷобат мекунад ва ба фарёди мусибатзадагон мерасад, Яъне он зоти бузург Аллоҳ аст.

### 4. Шариъати саҳеҳ ва дуруст

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلْقُرْءَانَ ۚ وَلَوْ كَانَ مِنْ عِندِ غَيْرِ ٱللَّهِ لَوَجَدُوا۟ فِيهِ ٱخْتِلَٰفًا كَثِيرًا ﴿٨٢﴾﴾ [النساء: ٨٢]

«Оё дар Қуръон намеандешанд, ки агар аз сӯйи [касе] ғайр аз Аллоҳ таоло буд, ҳатман, ихтилоф [ва таноқузи] бисёре дар он меёфтанд?» (Сураи Нисо 82)

(7) гирд ва доирашакл, ва ташбиҳи абр ба сипар дар ҳаҷм ва гирдии он аст.

﴿ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدۡ جَآءَكُم بُرۡهَٰنٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَأَنزَلۡنَآ إِلَيۡكُمۡ نُورٗا مُّبِينٗا ١٧٤ ﴾
[النساء : ١٧٤]

«Эй мардум, ба ростӣ, ки барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон далели равшан [Муҳаммад] омад ва нури ошкор [Қуръон] ба сӯятон нозил кардем» (Сураи Нисо 174)

﴿ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدۡ جَآءَتۡكُم مَّوۡعِظَةٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَشِفَآءٞ لِّمَا فِي ٱلصُّدُورِ وَهُدٗى وَرَحۡمَةٞ لِّلۡمُؤۡمِنِينَ ٥٧ ﴾ [يونس : ٥٧]

«Эй мардум, ба ростӣ, барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон мавъизае омадааст ва шифое барои ончи дар дилҳост ва ҳидояту раҳмате барои муъминон» (Сураи Юнус 57)

﴿ أَوَ لَمۡ يَكۡفِهِمۡ أَنَّآ أَنزَلۡنَا عَلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ يُتۡلَىٰ عَلَيۡهِمۡۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَرَحۡمَةٗ وَذِكۡرَىٰ لِقَوۡمٖ يُؤۡمِنُونَ ٥١ ﴾ [العنكبوت: ٥١]

«Оё барояшон кофӣ нест, ки Мо Қуръонро бар ту нозил кардем, ки [пайваста] бар онон хонда мешавад? Бе гумон, дар ин [Қуръон] барои мардуме, ки имон меоваранд, раҳмату панд аст» (Сураи Анкабут 51)

Хабарҳои ғайбӣ ва ба амал омада, ақидаҳои саҳеҳу дуруст, шариъатҳо ва ҳукмҳои одилона ва масъалаҳои собиту устувор ва дурусти ахлоқии дар Қуръон мавҷуд буда, нишондиҳандаи он аст, ки ин китоб аз ҷониби Аллоҳ таоло аст ва имкон надорад сохта ва пардохтаи касе аз махлуқот бошад.

Бинобар далелҳои дар боло зикршуда, ҳеҷ яке аз инсонҳо ҳақиқатан мункири вуҷуди Аллоҳ набуданд ва нестанд, ва фақат бархе аз гуруҳҳои мулҳид дар қадим ва замони муосир, тазоҳур ба инкори вуҷуди Аллоҳ карданд ва мекунанд, монанди:

### 1. Даҳриҳо (бедин, моддигаро, материалист)

Ҳамон файласуфони даҳрӣ ки муътақид ба қадим ва ҷовидонагии ҷаҳон буданд, дар ин замон афроди машҳур ба «мулҳидони ҷадид (нав)» монанди онон ҳастанд.

Даҳриҳо мегӯянд: (Дар Қуръон аз забони даҳриҳо оварда шудааст)

﴿ وَقَالُواْ مَا هِيَ إِلَّا حَيَاتُنَا ٱلدُّنۡيَا نَمُوتُ وَنَحۡيَا وَمَا يُهۡلِكُنَآ إِلَّا ٱلدَّهۡرُۚ وَمَا لَهُم بِذَٰلِكَ مِنۡ عِلۡمٍۖ إِنۡ هُمۡ إِلَّا يَظُنُّونَ ٢٤ ﴾ [الجاثية : ٢٤]

«[Мушрикон] мегӯянд: «Ҷуз зиндагии дунёи мо ҳеҷ [хабаре] нест. Зиндагӣ мекунем ва мемирем ва ин гардиши рӯзгор аст, ки моро ба коми марг мебарад». Онон дар мавриди ин [амр] бе иттилоанд ва фақат аз ҳадсу гумон пайравӣ мекунанд» (Сураи Ҷосия 24)

Онон иддиъо доранд, ки ҷаҳони ҳасти худ ба худ дар гардиш ва ҷараён аст ва аз қадим ҳаминхел будааст ва ҳаминхел хоҳад монд, Ва мегӯянд: Махлуқотро шикамҳо ба вуҷуд меоваранд, ва замин онҳоро мебалъад ва фақат рӯзгор моро аз байн мебарад. Бинобарин муътақиданд, ки Аллоҳ таоло ҳеҷ иртибот ва тасарруфе дар эҷод ва аз байн бурдани махлуқот надорад. Аллоҳ таоло дар ҷавобашон фармуданд:

« Онон ба ба ин (кор) ҳеҷ илме надоранд»

Яъне: На далили ақлӣ доранд ва нақлӣ, ва на ҳиссӣ доранду на фитрӣ, Балки иддиъо  ва суханашон ёвагӯӣ ва таваҳҳуми маҳз аст:

«Ва онон фақат (ваҳм ва) гумон мекунанд» (Сураи Ҷосия 24)

## 2. Табиатгароҳо

Касоне, ки муътақиданд, ҷаҳони ҳасти худ ба худ ба вуҷуд омадааст ва хилқати онҳо ба зоти худи онҳо боз мегардад, монанди: гиёҳон, ҳайвонот, ҷимодот ва хасоисионҳо, худашон ва ҳаракатҳояшонро ба вуҷуд овардаанд. Иштибоҳ ва нодурустии ин иддиъо ва суханашон бадиҳӣ ва равшану ошкор аст. Зеро имкон надорад як чиз дар як вақт ҳам холиқ ва ҳам махлуқ бошад. Аллоҳи бузург мефармояд:

﴿ أَمْ خُلِقُوا۟ مِنْ غَيْرِ شَىْءٍ أَمْ هُمُ ٱلْخَـٰلِقُونَ ﴿٣٥﴾ ﴾ [الطور: ٣٤]

«Оё онҳо аз ҳеҷ (ва бидуни офаринанда) офарида шудаанд, ё худ холиқи (хеш)анд?!» (Сураи Тур 34)

Табиате, ки эҷод ва офариданро ба у нисбат медиҳанд, дастае аз ҷимодоти ношунаво ва куру кару гунг ҳастанд, ки ҳеҷ эҳсосу шуъуре надоранд. Пас чигуна метавонанд махлуқоти зиндаро ба вуҷуд оваранд, ки мешунаванд ва мебинанду гап мезананд ва ҳисиёт доранду дарду ранҷро эҳсос мекунанд? Мавҷуде, ки фоқиди як хусусият бошад, наметавонад он хусусиятро ба дигарон бидиҳад ва онро ба вуҷуд оварад.

## 3. Тасодуфиҳо

Касоне, ки муътақиданд мавҷудот комилан тасодуфӣ ва ногаҳони ба вуҷуд омадаанд. Ба ин маъно ки ҷузъиёт хурд ва зарраҳо ба шакли ногаҳони ва тасодуфӣ ба ҳам якҷоя шуда ҳаётро ва махлуқоти гуногунеро ба вуҷуд овარданд. Бидуни инки пеш аз он тадбире ва чаҳорчубе вуҷуд дошта бошад! Фақат тасаввур кардани ин иддиъо басанда аст, ки инсон нодуруст будани онро исбот намояд. Чаро ки дақиқ будан ва назми шигифтангези ҷаҳони ҳасти ва давоми он бар асоси қавонини собит ва ақлонӣ ва таодулу назми устувораш, иддиъои

тасодуфӣ будани онро комилан ботил месозад. Аллоҳи бузург мефармояд:

﴿صُنْعَ ٱللَّهِ ٱلَّذِىٓ أَتْقَنَ كُلَّ شَىْءٍۚ إِنَّهُۥ خَبِيرٌۢ بِمَا تَفْعَلُونَ ۝٨٨﴾ [النمل : 88]

«(Ин) Сунъ (ва офариниши) Аллоҳ аст, ки ҳама чизро муҳкам (ва устувор) сохтааст» (Сураи Намл 88)

﴿ٱللَّهُ ٱلَّذِى خَلَقَ سَبْعَ سَمَٰوَٰتٍ وَمِنَ ٱلْأَرْضِ مِثْلَهُنَّ يَتَنَزَّلُ ٱلْأَمْرُ بَيْنَهُنَّ لِتَعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ وَأَنَّ ٱللَّهَ قَدْ أَحَاطَ بِكُلِّ شَىْءٍ عِلْمًۢا ۝١٢﴾ [الطلاق : ١٢]

«Аллоҳ таоло аст, ки ҳафт осмонро офарид ва аз замин [низ] ҳаммонанди онҳоро [офарид] ва фармони [Аллоҳ таоло] пайваста дар миёни онҳо нозил мешавад, то бидонед, ки Аллоҳ таоло бар ҳар чиз тавоност ва ин ки илми Аллоҳ таоло бар ҳама чиз иҳота дорад» (Сураи Талоқ 12)

## 4. Комунистҳо

Пайравони (Карл Маркс), ки мегӯянд: «Ҳеҷ маъбуд ва худое вуҷуд надорад, ва ғайр аз зиндагии моддӣ, зиндагии дигаре вуҷуд надорад».

Ва замоне, ки давлаташон (Иттиҳоди советӣ шуравӣ) -ро бар лаби ин партгоҳ ва эътиқоди ботил таъсис карданд, дер напоид ва фурупошида ба давлатҳои мутаъаддиде табдил гашт.

## 5. Афроди ғайри табӣи, камёб дар гузашти таърих

Монанди Фиръавн, ки тазоҳур ба инкори парвардигор мекард ва мегуфт:

﴿قَالَ فِرْعَوْنُ وَمَا رَبُّ ٱلْعَٰلَمِينَ ۝٢٣﴾ [الشعراء : ٢٣]

«Парвардигори ҷаҳониён чист?» (Сураи Шуъаро 23)

Сипас рубубиятро ба худаш нисбат дода гуфт:

﴿ فَقَالَ أَنَا۠ رَبُّكُمُ ٱلۡأَعۡلَىٰ ٢٤ ﴾ [النازعات: ٢٤]

«Ман парвардигори бартари шумо ҳастам» (Сураи Нозиъот 24)

Дар идома саркашии ӯ бештар шуд ва иддиъои улуҳият кард ва гуфт:

﴿ وَقَالَ فِرۡعَوۡنُ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡمَلَأُ مَا عَلِمۡتُ لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرِي ٣٨ ﴾ [القصص: ٣٨]

«Ман маъбуде ҷуз худам барои шумо намешиносам» (Сураи Қасас 38)

Мӯсо (Алайҳиссалом) ро таҳдид карда ва гуфт:

﴿ قَالَ لَئِنِ ٱتَّخَذۡتَ إِلَٰهًا غَيۡرِي لَأَجۡعَلَنَّكَ مِنَ ٱلۡمَسۡجُونِينَ ٢٩ ﴾ [الشعراء : ٢٩]

« [Фиръавн] Гуфт: Агар маъбуде ҷуз ман баргузини, ҳатман, зиндонат мекунам» (Сураи Шуъаро 29)

Ва монанди Намруд, ки бо Иброҳим (Алайҳиссалом) дар мавриди Парвардигораш низоъ ва мухосама кард:

﴿ أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِي حَآجَّ إِبۡرَٰهِـۧمَ فِي رَبِّهِۦٓ أَنۡ ءَاتَىٰهُ ٱللَّهُ ٱلۡمُلۡكَ إِذۡ قَالَ إِبۡرَٰهِـۧمُ رَبِّيَ ٱلَّذِي يُحۡيِۦ وَيُمِيتُ قَالَ أَنَا۠ أُحۡيِۦ وَأُمِيتُۖ قَالَ إِبۡرَٰهِـۧمُ فَإِنَّ ٱللَّهَ يَأۡتِي بِٱلشَّمۡسِ مِنَ ٱلۡمَشۡرِقِ فَأۡتِ بِهَا مِنَ ٱلۡمَغۡرِبِ فَبُهِتَ ٱلَّذِي كَفَرَۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٢٥٨ ﴾ [البقرة: ٢٥٨]

« Ҳангоме ки Иброҳим гуфт: «Парвардигори ман касе аст, ки зинда мекунад ва мемиронад». [Намруд] Гуфт: «Ман [низ] зинда мекунам ва мемиронам». Иброҳим гуфт: «Аллоҳ таоло хуршедро аз машриқ [берун] меоварад, пас, ту онро аз мағриб биёвар». [Дар ин ҷо] Он ки куфр варзида буд, мабҳут шуд; ва Аллоҳ таоло ситамгоронро ҳидоят намекунад» (Сураи Бақара 258)

Ҳамаи ин афрод бо худашон ба душмани ва таноқузгӯӣ бархоста ва бо фитраташон мухолифат варзида ва онро инкор

намуданд. Чунонки Аллоҳ таоло др Қуръони карим алайҳи онон чунин мефармояд:

﴿ وَجَحَدُواْ بِهَا وَٱسۡتَيۡقَنَتۡهَآ أَنفُسُهُمۡ ظُلۡمٗا وَعُلُوّٗاۚ فَٱنظُرۡ كَيۡفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلۡمُفۡسِدِينَ ١٤ ﴾
[النمل : ١٤]

« Ва онҳоро аз рӯи ситаму саркашӣ инкор карданд, дар ҳоле ки дилҳояшон ба онҳо яқин доштанд; пас бингар, ки саранҷоми муфсидон чи гуна бувад» (Сураи Намл 14)

Ба ҳамин сабаб ҳеҷ асаре аз онҳо боқӣ намонд ва ба куллӣ фаромуш шуданд.

**Дуввум: Имон ба рубубияти Аллоҳи мутаол**

Яъне: Эътиқод ва боварии қатъӣ ба инки фақат Аллоҳ ягона, парвардигор, офаридгор, молик, ва амркунанда аст. Ва «Рабб» ба маънои сарвар, молик, ва мутасарриф аст. Зоте ки тамоми ҷаҳониёнро бо неъматҳои худ парвариш медиҳад. Аллоҳи бузург мефармояд:

﴿ قَالَ فَمَن رَّبُّكُمَا يَٰمُوسَىٰ ٤٩ قَالَ رَبُّنَا ٱلَّذِيٓ أَعۡطَىٰ كُلَّ شَيۡءٍ خَلۡقَهُۥ ثُمَّ هَدَىٰ ٥٠ ﴾
[طه: ٤٩، ٥٠]

« [Фиръавн] Гуфт: «Эй Мӯсо, Парвардигори шумо кист?» 49 [Мӯсо] гуфт: «Парвардигори мо касест, ки ба ҳар чизе офариниши [зоҳир ва вижагиҳои муносиби] ӯро бахшида ва сипас [онро] ҳидоят намудааст»» (Сураи Тоҳо 49-50)

**Бинобар ин меҳвари рубубият се чиз аст:**

### 1. Халқ кардан

Аллоҳ таоло офаридгори ҳама чиз аст, ва ҳама чиз ғайри Ӯ махлуқ мебошад. Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَيۡءٖۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ وَكِيلٞ ٦٢ ﴾ [الزمر: ٦٢]

«Аллоҳ таоло офаридгори ҳар чизест ва Ӯ бар ҳама чиз [нигаҳбону] корсоз аст» (Сураи Зумар 62)

﴿ وَخَلَقَ كُلَّ شَيۡءٖ فَقَدَّرَهُۥ تَقۡدِيرٗا ٢ ﴾ [الفرقان: ٢]

«Ва ҳама чизро офаридааст ва андозаи ҳар чизро – чунон ки муносибаш мебошад – тадбир намудааст»(Сураи Фурқон 2)

Ҳар халқу офаринише, ки ба ғайри Аллоҳ нисбат дода мешавад, нисбӣ ва ба маънои созмон додан ва ҷамъовари ва санҷишу андоза гирифтан аст. Ва мурод аз он, ба вуҷуд овардан аз нести ва адам нест. Чунонки Аллоҳ мефармояд:

﴿ فَتَبَارَكَ ٱللَّهُ أَحۡسَنُ ٱلۡخَٰلِقِينَ ١٤ ﴾ [المؤمنون : ١٤]

«Пас (пурбаракат ва) бузургвор аст Аллоҳ, ки беҳтарини офаринандагон аст» (Сураи Муъминун 14)

## 2. Моликият

Аллоҳ Молик аст, ва ҳама чиз ҷуз Ӯ мамлук ҳастанд. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ أَلَمۡ تَعۡلَمۡ أَنَّ ٱللَّهَ لَهُۥ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۗ وَمَا لَكُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ مِن وَلِيّٖ وَلَا نَصِيرٍ ١٠٧ ﴾ [البقرة: ١٠٧]

«Оё намедонӣ, ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст ва шумо ба ҷуз Аллоҳ таоло [ҳеҷ] дӯсту ёваре надоред [ки корсозатон бошад]» (Сураи Бақара 107)

﴿ وَلِلَّهِ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٌ ١٨٩ ﴾ [آل عمران: ١٨٩]

«Фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло ба ҳар чизе тавоност» (Сураи Оли Имрон 189)

﴿ قُلِ ٱللَّهُمَّ مَٰلِكَ ٱلۡمُلۡكِ تُؤۡتِي ٱلۡمُلۡكَ مَن تَشَآءُ وَتَنزِعُ ٱلۡمُلۡكَ مِمَّن تَشَآءُ ﴿٢٦﴾ ﴾ [آل عمران: ٢٦]

«[Эй паёмбар] Бигӯ: «Бор Илоҳо, эй Фармонравои ҳастӣ, ҳар киро бихоҳӣ, ҳукумат мебахшӣ ва аз ҳар ки бихоҳӣ, ҳукуматро бозпас мегирӣ;» (Сураи Оли Имрон 26)

﴿ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ شَرِيكٞ فِي ٱلۡمُلۡكِ ﴿١١١﴾ ﴾ [الاسراء: ١١١]

"Ва Ӯро дар фармонравои ҳеҷ шарике нест" (Сураи Исро 111)

﴿ ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمۡ لَهُ ٱلۡمُلۡكُۚ وَٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ مَا يَمۡلِكُونَ مِن قِطۡمِيرٍ ﴿١٣﴾ ﴾ [فاطر: ١٣]

" Ин аст Аллоҳ таоло–Парвардигори шумо; фармонравоӣ аз они Ӯст ва касонеро, ки ба ҷойи Ӯ мехонед, [дар баробараш чунон фақиранд, ки ҳатто] пусти ҳастаи хурмоеро доро нестанд" (Сураи Фотир 13)

Ҳар навъ моликияте ки ба ғайри Аллоҳ нисбат дода мешавад, моликияти нисбӣ, муваққатӣ ва ҷуъӣ аст. Чунонки дар Қуръони карим омадааст:

﴿ يَٰقَوۡمِ لَكُمُ ٱلۡمُلۡكُ ٱلۡيَوۡمَ ظَٰهِرِينَ فِي ٱلۡأَرۡضِ ﴿٢٩﴾ ﴾ [غافر: ٢٩]

"Эй қавми ман! имрӯз фармонравои аз они шумост, дар ин сарзамин пирӯзед" (Сураи Ғофир 29)

﴿ أَوۡ مَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡۚ ﴿٣﴾ ﴾ [النساء : ٣]

"Ё ба ончи (аз канизон), ки моликашон ҳастед (иктифо кунед)" (Сураи Нисо 3)

Вале моликияти комилу мутлақ фақат аз они Аллоҳ аст, ки дар ин бора мефармояд:

﴿ إِنَّا نَحْنُ نَرِثُ ٱلْأَرْضَ وَمَنْ عَلَيْهَا وَإِلَيْنَا يُرْجَعُونَ ۝٤٠ ﴾ [مريم: ٤٠]

" Яқинан, Мо замин ва ҳар киро бар он аст, ба ирс мебарем ва [ҳама] ба сӯйи Мо бозгардонида шаванд" (Сураи Марям 40)

### 3. Амр

Аллоҳи мутаол амркунанда (омир) аст ва ғайри Ӯ маъмуранд. Аллоҳи мутаол дар ин бора фармудааст:

﴿ قُلْ إِنَّ ٱلْأَمْرَ كُلَّهُۥ لِلَّهِ ۗ ۝١٥٤ ﴾ [ال عمران: ١٥٤]

"Бигӯ: ҳамаи корҳо барои (ва дар ихтиёри) Аллоҳ аст" (Сураи Оли Имрон 154)

﴿ أَلَا لَهُ ٱلْخَلْقُ وَٱلْأَمْرُ ۗ تَبَارَكَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلْعَٰلَمِينَ ۝٥٤ ﴾ [الاعراف: 54]

"Огоҳ бошед, ки офариниш ва фармонравои аз они Ӯст, пур баракат (ва бениҳоят бузург) аст Аллоҳ, ки парвардигори ҷаҳониён аст" (Сураи Аъроф 54)

﴿ وَقُضِيَ ٱلْأَمْرُ ۚ وَإِلَى ٱللَّهِ تُرْجَعُ ٱلْأُمُورُ ۝٢١٠ ﴾ [البقرة: ٢١٠]

"Ва кор ба анҷом расонида шавад, ва [огоҳ бошед, ки ҳамаи] корҳо ба сӯйи Аллоҳ баргардонида мешавад" (Сураи Бақара 210)

Ва ба Паёмбараш мефармояд:

﴿ لَيْسَ لَكَ مِنَ ٱلْأَمْرِ شَيْءٌ ۝١٢٨ ﴾ [ال عمران: ١٢٨]

"Ҳеҷ чиз аз кор (и бандагон) дар дасти ту нест" (Сураи Оли Имрон 128)

Пас дигар мардумон, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) мартабаи поинтар доранд, чигуна метавонанд соҳиби амр бошанд? Ва мефармояд:

﴿ لِلَّهِ ٱلۡأَمۡرُ مِن قَبۡلُ وَمِنۢ بَعۡدُۚ ﴾ [الروم: ٤]

«Пеш аз (ин пирӯзӣ) ва баъд аз ин (пирӯзӣ) фармон аз они Аллоҳ аст» (Сураи Рум 4)

Бинобар ин фақат Аллоҳ соҳиби амру фармон дар бораи махлуқоташ мебошад, Ва амру фармоне, ки ба ғайри Ӯ нисбат дода мешавад, амру фармони нисбӣ ва дохил дар ирода ва хости Аллоҳи мутаол аст, ки агар бихоҳад, онро иҷро мекунад вагарна монеъи он мешавад, Монанди ин ояти Қуръон, ки мефармояд:

﴿ وَمَآ أَمۡرُ فِرۡعَوۡنَ بِرَشِيدٖ ﴾ [هود: ٩٧]

«Пас (онон) аз фармони Фиръавн пайравӣ карданд ва фармони Фиръавн дуруст (ва бихрадона) набуд» (Сураи Ҳуд 97)

Амри Парвардигор шомили амри таквинӣ ва шаръӣ мешавад, ки амри таквинӣ ҳатман иҷро мегардад, ва муродифи машият (хостаи Худованд) аст. Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ إِنَّمَآ أَمۡرُهُۥٓ إِذَآ أَرَادَ شَيۡـًٔا أَن يَقُولَ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴾ [يس: ٨٢]

«Ҷуз ин нест, ки фармони Ӯ, чун чизеро ирода кунад, (ин аст) ки ба он мегӯяд: мавҷуд шав, пас (бедаранг) мавҷуд мешавад» (Сураи Ёсин 82)

Аммо амри шаръӣ маҳалли озмоиш ва муродиф бо муҳаббат аст, ки баъзе вақтҳо иҷро мешавад ва гоҳе иҷро намешавад, Аммо ҳарду навъи амр дохил дар умуми машият ва хости Аллоҳ аст. Чунонки Худованд мефармояд:

﴿ لِمَن شَآءَ مِنكُمۡ أَن يَسۡتَقِيمَ ٢٨ وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢٩ ﴾ [التكوير: ٢٨، ٢٩]

"Барои ҳар як аз шумо, ки бихоҳад роҳи рости [ҳақро] дар пеш

гирад 28 Ва шумо [чизеро] намехоҳед, магар он ки Парвардигори ҷаҳониён [ирода кунад ва] бихоҳад 29" (Сураи Таквир 28-29)

Дигар сифатҳои рубубияти Аллоҳ ба ин се мавридд -халқ, мулк ва амр - бармегардад. Ҳамчун: ризқ додан, зинда кардан, миронидан, борон фиристодан, руёнидани зироатҳо ва дарахтону гиёҳон дар замин, ба гардиш даровардани бодҳо, дар ҷараён андохтани киштиҳо, пай дар пай овардани шабу рӯз, ва вазъи ҳамлу саломатию бемори ва иззату зиллату хорӣ ва ғайра....

Имон ба рубубияти Аллоҳ дар фитрат ва сириштти инсон ниҳода шудааст, Ва барои ақлҳо бисёр равшану бадеҳӣ аст, Ва дар ҳастӣ қобили мушоҳида ва эҳсос аст, ва дар ин бора нусуси зиёде омадааст. Чуноне ки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ إِنَّ فِي خَلْقِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَٱخْتِلَٰفِ ٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ وَٱلْفُلْكِ ٱلَّتِي تَجْرِي فِي ٱلْبَحْرِ بِمَا يَنفَعُ ٱلنَّاسَ وَمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مِن مَّآءٍ فَأَحْيَا بِهِ ٱلْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا وَبَثَّ فِيهَا مِن كُلِّ دَآبَّةٍ وَتَصْرِيفِ ٱلرِّيَٰحِ وَٱلسَّحَابِ ٱلْمُسَخَّرِ بَيْنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ لَأَيَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ ١٦٤ ﴾
[البقرة: ١٦٤]

«Ба ростӣ дар офариниши осмонҳо ва замину гузари шабу рӯз ва киштиҳое, ки барои баҳрабардории мардум дар дарё равонанд ва обе, ки Аллоҳ таоло аз осмон нозил намудааст, ки бо он заминро пас аз хушкӣ ва хазонаш зинда карда ва анвоъи ҷунбандагонро дар он пароканда аст ва [ҳамчунин] дар тағйири масири бодҳо ва абрҳое, ки дар миёни осмон ва замин ба хидмат [-и инсон] гумошта шудаанд, барои касоне, ки меандешанд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст» (Сураи Бақара 164)

﴿ تُولِجُ ٱلَّيْلَ فِي ٱلنَّهَارِ وَتُولِجُ ٱلنَّهَارَ فِي ٱلَّيْلِ وَتُخْرِجُ ٱلْحَيَّ مِنَ ٱلْمَيِّتِ وَتُخْرِجُ ٱلْمَيِّتَ مِنَ ٱلْحَيِّ وَتَرْزُقُ مَن تَشَآءُ بِغَيْرِ حِسَابٍ ٢٧ ﴾ [آل عمران: ٢٧]

"Шабро ба рӯз дармеоварӣ ва рӯзро ба шаб дармеоварӣ [ва аз тӯли яке мекоҳӣ ва бар дигаре меафзоӣ] ва [мавҷуди] зиндаро аз [моддаи] беҷон берун меоварӣ [рӯйиши гиёҳ аз дона]

ва [моддаи] беҷонро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозӣ [берун омадани тухм аз паррандагон] ва ба ҳар ки бихоҳӣ, бешумор рӯзӣ медиҳӣ" (Сураи Оли Имрон 27)

﴿ ۞إِنَّ ٱللَّهَ فَالِقُ ٱلۡحَبِّ وَٱلنَّوَىٰۖ يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَمُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتِ مِنَ ٱلۡحَيِّۚ ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُۖ
فَأَنَّىٰ تُؤۡفَكُونَ ٩٥ فَالِقُ ٱلۡإِصۡبَاحِ وَجَعَلَ ٱلَّيۡلَ سَكَنٗا وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَ حُسۡبَانٗاۚ ذَٰلِكَ تَقۡدِيرُ
ٱلۡعَزِيزِ ٱلۡعَلِيمِ ٩٦ وَهُوَ ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلنُّجُومَ لِتَهۡتَدُواْ بِهَا فِي ظُلُمَٰتِ ٱلۡبَرِّ وَٱلۡبَحۡرِۗ قَدۡ
فَصَّلۡنَا ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَعۡلَمُونَ ٩٧ وَهُوَ ٱلَّذِيٓ أَنشَأَكُم مِّن نَّفۡسٖ وَٰحِدَةٖ فَمُسۡتَقَرّٞ وَمُسۡتَوۡدَعٞۗ قَدۡ
فَصَّلۡنَا ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَفۡقَهُونَ ٩٨ وَهُوَ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ فَأَخۡرَجۡنَا بِهِۦ نَبَاتَ كُلِّ شَيۡءٖ
فَأَخۡرَجۡنَا مِنۡهُ خَضِرٗا نُّخۡرِجُ مِنۡهُ حَبّٗا مُّتَرَاكِبٗا وَمِنَ ٱلنَّخۡلِ مِن طَلۡعِهَا قِنۡوَانٞ دَانِيَةٞ وَجَنَّٰتٖ مِّنۡ
أَعۡنَابٖ وَٱلزَّيۡتُونَ وَٱلرُّمَّانَ مُشۡتَبِهٗا وَغَيۡرَ مُتَشَٰبِهٍۗ ٱنظُرُوٓاْ إِلَىٰ ثَمَرِهِۦٓ إِذَآ أَثۡمَرَ وَيَنۡعِهِۦٓۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكُمۡ
لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يُؤۡمِنُونَ ٩٩ ﴾ [الانعام: ٩٥، ٩٩]

"Бе тардид Аллоҳ таоло шикофандаи дона[-и гиёҳҳо] ва ҳаста[-и хурмо дар дили замин] аст. [Мавҷуди] Зиндаро аз [моддаи] беҷон берун меоварад [равиши гиёҳ аз дона] ва [моддаи ба зоҳир] беҷонро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад [берун омадани тухм ё нутфа аз ҳайвонот]. Ин Аллоҳ таолост, [ки чунин қудрати мутлақе дорад]. Пас, чигуна [аз роҳи бандагии Ӯ] бозгарданда мешавед? 95

[Ӯ] Шикофандаи сапедадам аст ва шабро [мояи] оромиш қарор дод ва хуршеду моҳро [низ] бо ҳисоб [ва назми дақиқ падид овард]. Тақдири [Парвардигори] шикастнопазири доно чунин аст 96

Ва [эй фарзандони Одам] Ӯст, ки ситорагонро бароятон қарор дод, то дар торикиҳои хушкӣ ва дарё ба [кумаки] онҳо роҳ ёбед. Ба ростӣ, ки мо нишонаҳо [-и тавону тадбири хеш]-ро барои мардуме, ки медонанд, ба тафсил баён кардаем 97

Ва Ӯст, ки шуморо аз як тан офарид, пас, барои шумо [дар раҳими модар] қароргоҳе аст ва [дар пушти падар] амонатгоҳе. Мо оёт [-и худ]-ро барои мардуме, ки [каломи илоҳиро] мефаҳманд, ба тафсил баён кардаем 98

Ва Ӯст, ки аз осмон обе фурӯ рехт ва аз он [борон] ҳар гуна рӯйидание баровардем ва аз он [низ ҳар кишту гиёҳи] сабзеро рӯёнидем, [ки] аз он [гиёҳҳо низ барои тағзияи шумо] донаҳои мутарокиме [ҳамчун гандуму ҷав] падид меоварем ва [ҳамчунин] аз шукуфтаи нахл хӯшаҳои наздик ба якдигар [рӯёнидем] ва боғҳое аз ангур ва зайтуну анор [офаридем меваҳое, ки] бархе ҳаммонанд ва бархе ноҳаммонанд ҳастанд. Вақте ба бор нишаст ба меваҳои он ва [тарзи] расиданаш бингаред. Дар ин [офариниш] барои мардуме, ки имон доранд, нишонаҳои [равшану қудрати илоҳӣ] аст 99" (Сураи Анъом 95-99)

﴿ ٱللَّهُ ٱلَّذِى رَفَعَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ بِغَيْرِ عَمَدٍ تَرَوْنَهَا ۖ ثُمَّ ٱسْتَوَىٰ عَلَى ٱلْعَرْشِ ۖ وَسَخَّرَ ٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَ ۖ كُلٌّ يَجْرِى لِأَجَلٍ مُّسَمًّى ۚ يُدَبِّرُ ٱلْأَمْرَ يُفَصِّلُ ٱلْءَايَٰتِ لَعَلَّكُم بِلِقَآءِ رَبِّكُمْ تُوقِنُونَ ۝٢ وَهُوَ ٱلَّذِى مَدَّ ٱلْأَرْضَ وَجَعَلَ فِيهَا رَوَٰسِىَ وَأَنْهَٰرًا ۖ وَمِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِ جَعَلَ فِيهَا زَوْجَيْنِ ٱثْنَيْنِ ۖ يُغْشِى ٱلَّيْلَ ٱلنَّهَارَ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ ۝٣ وَفِى ٱلْأَرْضِ قِطَعٌ مُّتَجَٰوِرَٰتٌ وَجَنَّٰتٌ مِّنْ أَعْنَٰبٍ وَزَرْعٌ وَنَخِيلٌ صِنْوَانٌ وَغَيْرُ صِنْوَانٍ يُسْقَىٰ بِمَآءٍ وَٰحِدٍ وَنُفَضِّلُ بَعْضَهَا عَلَىٰ بَعْضٍ فِى ٱلْأُكُلِ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ ۝٤ ﴾ [الرعد: ٢، ٤]

"Аллоҳ таоло аст, ки осмонҳоро бидуни сутунҳое, ки онҳоро бубинед, барафрошт, он гоҳ бар Арш қарор гирифт ва хуршеду моҳро ба хидмат [-и инсон] гумоштааст, ки ҳар як то замоне муайян дар [мадори худ] равон бошанд. Ӯ кор [-и ҷаҳон]-ро тадбир мекунад ва оёти [хеш]-ро ба равшани баён медорад, бошад, ки ба дидори Парвардигоратон яқин пайдо кунед. 2

Ва Ӯст он ки заминро бигустард ва дар он кӯҳҳои устувор ва ҷӯйборҳо падид овард ва дар он аз ҳар гуна мевае ду гуна офарид, шабро ба рӯз [ва рӯзро ба шаб] мепӯшонад. Ҳатман, дар инҳо барои мардуме, ки меандешанд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст. 3

Ва дар замин қитаоте аст дар канори ҳам [ки бо якдигар мутафовитанд] ва [низ] боғҳое аз ангур ва киштзорҳову дарахтони хурмо, ки [нару модаанд ва] гоҳ аз як реша мерӯянд

ва гоҳ аз решаҳое мутафовитанд ва [ҳамаи онҳо] бо як об сероб мешаванд. Ва [бо ин ҳол] баъзе аз онҳоро дар [таъму хосияти] мева бар дигаре бартарӣ медиҳем. Бе тардид, дар ин [амр низ] барои мардуме, ки хирад меварзанд, нишонаҳо [-и равшане] ҳаст. 4 (Сураи Раъд 2-4)

﴿ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ بِٱلۡحَقِّۚ تَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ٣ خَلَقَ ٱلۡإِنسَٰنَ مِن نُّطۡفَةٖ فَإِذَا هُوَ
خَصِيمٞ مُّبِينٞ ٤ وَٱلۡأَنۡعَٰمَ خَلَقَهَاۖ لَكُمۡ فِيهَا دِفۡءٞ وَمَنَٰفِعُ وَمِنۡهَا تَأۡكُلُونَ ٥ وَلَكُمۡ فِيهَا
جَمَالٌ حِينَ تُرِيحُونَ وَحِينَ تَسۡرَحُونَ ٦ وَتَحۡمِلُ أَثۡقَالَكُمۡ إِلَىٰ بَلَدٖ لَّمۡ تَكُونُواْ بَٰلِغِيهِ إِلَّا بِشِقِّ
ٱلۡأَنفُسِۚ إِنَّ رَبَّكُمۡ لَرَءُوفٞ رَّحِيمٞ ٧ وَٱلۡخَيۡلَ وَٱلۡبِغَالَ وَٱلۡحَمِيرَ لِتَرۡكَبُوهَا وَزِينَةٗۚ وَيَخۡلُقُ مَا لَا
تَعۡلَمُونَ ٨ وَعَلَى ٱللَّهِ قَصۡدُ ٱلسَّبِيلِ وَمِنۡهَا جَآئِرٞۚ وَلَوۡ شَآءَ لَهَدَىٰكُمۡ أَجۡمَعِينَ ٩ هُوَ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ
مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗۖ لَّكُم مِّنۡهُ شَرَابٞ وَمِنۡهُ شَجَرٞ فِيهِ تُسِيمُونَ ١٠ يُنۢبِتُ لَكُم بِهِ ٱلزَّرۡعَ
وَٱلزَّيۡتُونَ وَٱلنَّخِيلَ وَٱلۡأَعۡنَٰبَ وَمِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّقَوۡمٖ يَتَفَكَّرُونَ ١١ وَسَخَّرَ لَكُمُ
ٱلَّيۡلَ وَٱلنَّهَارَ وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَۖ وَٱلنُّجُومُ مُسَخَّرَٰتُۢ بِأَمۡرِهِۦٓۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَعۡقِلُونَ ١٢
وَمَا ذَرَأَ لَكُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ مُخۡتَلِفًا أَلۡوَٰنُهُۥٓۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّقَوۡمٖ يَذَّكَّرُونَ ١٣ وَهُوَ ٱلَّذِي سَخَّرَ
ٱلۡبَحۡرَ لِتَأۡكُلُواْ مِنۡهُ لَحۡمٗا طَرِيّٗا وَتَسۡتَخۡرِجُواْ مِنۡهُ حِلۡيَةٗ تَلۡبَسُونَهَاۖ وَتَرَى ٱلۡفُلۡكَ مَوَاخِرَ فِيهِ
وَلِتَبۡتَغُواْ مِن فَضۡلِهِۦ وَلَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ١٤ وَأَلۡقَىٰ فِي ٱلۡأَرۡضِ رَوَٰسِيَ أَن تَمِيدَ بِكُمۡ وَأَنۡهَٰرٗا وَسُبُلٗا
لَّعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ ١٥ وَعَلَٰمَٰتٖۚ وَبِٱلنَّجۡمِ هُمۡ يَهۡتَدُونَ ١٦ أَفَمَن يَخۡلُقُ كَمَن لَّا يَخۡلُقُۚ أَفَلَا
تَذَكَّرُونَ ١٧ وَإِن تَعُدُّواْ نِعۡمَةَ ٱللَّهِ لَا تُحۡصُوهَآۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَغَفُورٞ رَّحِيمٞ ١٨ ﴾ [النحل: ٣، ١٨]

"Ӯ осмонҳо ва заминро ба ҳақ [ва ҳадафманд] офарид [ва] аз он чи [бо вай] шарик месозанд, бартар аст 3

[Аллоҳ таоло] Инсонро аз нутфае офарид ва он гоҳ ӯ ситезагари ошкор шуд 4

Ва чаҳорпоёнро бароятон офарид, ки дар онон пӯшиш [-и гарм] ва манофеъ [-и дигаре] аст ва аз [гӯшти бархе аз] онон мехӯред 5

Ва дар онҳо бароятон зебоӣ [ва шукӯҳ] аст, он гоҳ ки [онҳоро шомгоҳон] аз чаро бозмеоваред ва [бомдодон] барои чаро [ба саҳро] мефиристед 6

[Онҳо] Борҳои сангини шуморо [аз шаҳре] ба шаҳре мебаранд, ки [агар чунин намекарданд] ҷуз бо заҳмат додан ба бадани хеш наметавонистед ба он ҷо бирасед. Ба ростӣ, ки Парвардигоратон дилсӯзу меҳрубон аст 7

Ва аспону шутурон ва харонро [низ офарид] то бар онҳо савор шавед ва [низ бароятон мояи] таҷаммул [аст] ва чизҳое меофаринад, ки намедонед. 8

Бар Аллоҳ таоло аст, ки роҳи рост [ ислом]-ро [ба бандагонаш бинамояд] ва бархе аз он [роҳҳо] бероҳа аст; ва агар [Аллоҳ таоло] мехост, ҳамаи шуморо ҳидоят мекард 9

Ӯст, ки аз осмон обе фурӯ фиристод, ки ошомидании шумо аз он аст ва [гиёҳ ва] дарахте, ки [чаҳорпоёни худро] дар он мечаронед, [низ] аз он [об] аст 10

[Аллоҳ таоло] Ба василаи он кишт ва зайтун ва дарахтони хурмо ва ангур ва ҳама навъ меваҳо[-и гуногун] бароятон мерӯёнад. Ба ростӣ, ки дар инҳо барои мардуме, ки меандешанд нишонае [аз қудрати Парвардигор] аст 11

Ва шабу рӯз ва хуршеду моҳро ба хидмататон гумошт; ва ситорагон [низ] ба фармонаш дар хидмат [-и инсон] ҳастанд. Бе тардид, дар ин [офариниш] барои мардуме, ки хирадварзӣ мекунанд, нишонае [аз қудрати Парвардигор] аст 12

Ва он чиро, ки бароятон дар замин ба рангҳои гуногун офарид [низ ба хидмати шумо гумошт]. Бе тардид, дар ин [умур] барои мардуме, ки панд мегиранд, нишонае [аз қудрати Парвардигор] аст. 13

Ӯст, ки дарёро ба хидмататон гумошт, то аз [сайди] он гӯшти тоза бихӯред ва аз он зеваре [ҳамчун марворид ва марҷон] берун меоваред, ки мепӯшед; ва киштиҳоро дар он [дарё] мебинӣ, ки [амвоҷро] мешикофанд, то шумо аз фазл [-у бахшиши] Аллоҳ таоло баҳраманд гардед ва бошад, ки сипос гузоред 14

Ва дар замин кӯҳҳои устувор [ва муҳкаме] дарафканд, ки мабодо шуморо биларзонад ва ҷӯйборҳо [-е падид овард], то [бидуни гум шудан] роҳи худро биёбед 15

Ва нишонаҳое [барои ёфтани масирҳо дар тӯли рӯз офарид] ва тавассути ситора[-ҳо низ дар шаб] роҳёбӣ мекунанд 16

Оё он ки меофаринад, ҳамчун касе аст, ки [ҳеҷ] намеофаринад? Оё панд намегиред? 17

Агар [бихоҳед] неъмат[-ҳои] Аллоҳро бишморед, наметавонед онро ба шумораш дароваред. Бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст 18 " (Сураи Наҳл 3 -18)

﴿ ٱلَّذِينَ يَرِثُونَ ٱلۡفِرۡدَوۡسَ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ١١ وَلَقَدۡ خَلَقۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ مِن سُلَٰلَةٖ مِّن طِينٖ
١٢ ثُمَّ جَعَلۡنَٰهُ نُطۡفَةٗ فِي قَرَارٖ مَّكِينٖ ١٣ ثُمَّ خَلَقۡنَا ٱلنُّطۡفَةَ عَلَقَةٗ فَخَلَقۡنَا ٱلۡعَلَقَةَ مُضۡغَةٗ
فَخَلَقۡنَا ٱلۡمُضۡغَةَ عِظَٰمٗا فَكَسَوۡنَا ٱلۡعِظَٰمَ لَحۡمٗا ثُمَّ أَنشَأۡنَٰهُ خَلۡقًا ءَاخَرَۚ فَتَبَارَكَ ٱللَّهُ أَحۡسَنُ
ٱلۡخَٰلِقِينَ ١٤ ثُمَّ إِنَّكُم بَعۡدَ ذَٰلِكَ لَمَيِّتُونَ ١٥ ثُمَّ إِنَّكُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ تُبۡعَثُونَ ١٦ وَلَقَدۡ
خَلَقۡنَا فَوۡقَكُمۡ سَبۡعَ طَرَآئِقَ وَمَا كُنَّا عَنِ ٱلۡخَلۡقِ غَٰفِلِينَ ١٧ وَأَنزَلۡنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءَۢ بِقَدَرٖ
فَأَسۡكَنَّٰهُ فِي ٱلۡأَرۡضِۖ وَإِنَّا عَلَىٰ ذَهَابِۭ بِهِۦ لَقَٰدِرُونَ ١٨ فَأَنشَأۡنَا لَكُم بِهِۦ جَنَّٰتٖ مِّن نَّخِيلٖ
وَأَعۡنَٰبٖ لَّكُمۡ فِيهَا فَوَٰكِهُ كَثِيرَةٞ وَمِنۡهَا تَأۡكُلُونَ ١٩ وَشَجَرَةٗ تَخۡرُجُ مِن طُورِ سَيۡنَآءَ تَنۢبُتُ
بِٱلدُّهۡنِ وَصِبۡغٖ لِّلۡأٓكِلِينَ ٢٠ وَإِنَّ لَكُمۡ فِي ٱلۡأَنۡعَٰمِ لَعِبۡرَةٗۖ نُّسۡقِيكُم مِّمَّا فِي بُطُونِهَا وَلَكُمۡ فِيهَا
مَنَٰفِعُ كَثِيرَةٞ وَمِنۡهَا تَأۡكُلُونَ ٢١ وَعَلَيۡهَا وَعَلَى ٱلۡفُلۡكِ تُحۡمَلُونَ ٢٢ ﴾ [المؤمنون : ١١، ٢٢]

«[Ҳамон] Касоне, ки биҳишти баринро ба ирс мебаранд [ва] дар он ҷовидонанд 11

Ва дар ҳақиқат, инсонро аз чакидае аз гил офаридем 12

Сипас ӯро ба шакли нутфае дар қароргоҳе устувор [раҳим] ниҳодем 13

Сипас нутфаро [Ба шакли] хуни баста сохтем ва он гоҳ хуни бастаро [ба сурати] порагӯште сохтем, сипас порагӯштро [ба шакли] устухон даровардем ва он гоҳ бар устухонҳо гӯшт пӯшонидем. Сипас он [ҷанин]-ро офаринише дигар бахшидем.

Пас, [пурбаракату] бузургвор аст Аллоҳ таоло, ки накутарин офаринанда аст 14

Сипас шумо [пас аз тайи мароҳили зиндагӣ] ҳатман, хоҳед мурд 15

Он гоҳ бе тардид, дар рӯзи қиёмат барангехта мешавед 16

Ва ба яқин Мо бар фарозатон ҳафт осмон офаридем ва [ҳаргиз] аз офариниш ғофил набудаем 17

Ва аз осмон ба андозае муайян [барои ниёзи махлуқот] обе фиристодем ва онро дар замин ҷой додем ва ҳатман, барои аз байн бурданаш [низ] комилан тавоноем 18

Сипас тавассути он [об] бароятон боғҳое аз дарахтони хурмо ва ангур падид овардем, ки дар он [боғҳо] барои шумо меваҳое бисёре аст ва аз он [маҳсулот] мехӯред 19

Ва дарахте [офаридем], ки аз Тӯри Сино бармеояд ва равғани [зайтун] медиҳад ва хӯрише барои хӯрандагон аст 20

Ва бе тардид, барои шумо дар [вуҷуди] чаҳорпоён ибрате [аз қудрати Аллоҳ таоло] аст: аз он чи дар шиками онҳост ба шумо [шир] менӯшонем ва дар [вуҷуди] онҳо бароятон судҳои бисёре вуҷуд дорад ва аз [гӯшти] онҳо мехӯред 21

[Дар хушкӣ] Бар онҳо савор мешавед ва [дар об] бар киштиҳо 22» (Сураи Муъминун 11-22)

﴿أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يُزْجِى سَحَابًا ثُمَّ يُؤَلِّفُ بَيْنَهُۥ ثُمَّ يَجْعَلُهُۥ رُكَامًا فَتَرَى ٱلْوَدْقَ يَخْرُجُ مِنْ
خِلَٰلِهِۦ وَيُنَزِّلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مِن جِبَالٍ فِيهَا مِنۢ بَرَدٍ فَيُصِيبُ بِهِۦ مَن يَشَآءُ وَيَصْرِفُهُۥ عَن
مَّن يَشَآءُ ۖ يَكَادُ سَنَا بَرْقِهِۦ يَذْهَبُ بِٱلْأَبْصَٰرِ ﴿٤٣﴾ يُقَلِّبُ ٱللَّهُ ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَعِبْرَةً
لِّأُو۟لِى ٱلْأَبْصَٰرِ ﴿٤٤﴾ وَٱللَّهُ خَلَقَ كُلَّ دَآبَّةٍ مِّن مَّآءٍ ۖ فَمِنْهُم مَّن يَمْشِى عَلَىٰ بَطْنِهِۦ وَمِنْهُم مَّن يَمْشِى
عَلَىٰ رِجْلَيْنِ وَمِنْهُم مَّن يَمْشِى عَلَىٰٓ أَرْبَعٍ ۚ يَخْلُقُ ٱللَّهُ مَا يَشَآءُ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٤٥﴾﴾
[النور: ٤٣، ٤٥]

«Оё надидӣ, ки Аллоҳ таоло абрҳоеро ба оромӣ меронад, сипас байни [аҷзои] он пайванд медиҳад, он гоҳ тӯдаи анбӯҳе падид меоварад, пас, қатраҳои боронро мебинӣ, ки аз миёнаш таровиш мекунад ва аз кӯҳҳое [аз анбӯҳи абрҳо], ки дар осмон аст, донаҳои жола фурӯ меборад, пас, онро ба ҳар ки бихоҳад фурӯ мерезад ва аз ҳар ки бихоҳад бозмедорад. Наздик аст, дурахшандагии барқаш чашмҳоро [аз байн] барад 43

Аллоҳ таоло шабу рӯзро мегардонад [ва паёпай меоварад]. Яқинан, дар ин [гардиш] ибрате барои аҳли басират аст 44

Ва Аллоҳ таоло ҳар мавҷуди зиндаеро аз об офарид, пас, бархе аз онон бар шиками худ мераванд ва бархе бар ду по роҳ мераванд ва бархе аз онон чаҳор [по] роҳ мераванд. Аллоҳ таоло ҳар чи бихоҳад меофаринад. Бе тардид, Аллоҳ таоло бар ҳама чиз тавоност 45» (Сураи Нур 43 – 45)

﴿أَلَمْ تَرَ إِلَىٰ رَبِّكَ كَيْفَ مَدَّ ٱلظِّلَّ وَلَوْ شَآءَ لَجَعَلَهُۥ سَاكِنًا ثُمَّ جَعَلْنَا ٱلشَّمْسَ عَلَيْهِ دَلِيلًا
٤٥ ثُمَّ قَبَضْنَٰهُ إِلَيْنَا قَبْضًا يَسِيرًا ٤٦ وَهُوَ ٱلَّذِى جَعَلَ لَكُمُ ٱلَّيْلَ لِبَاسًا وَٱلنَّوْمَ سُبَاتًا وَجَعَلَ
ٱلنَّهَارَ نُشُورًا ٤٧ وَهُوَ ٱلَّذِىٓ أَرْسَلَ ٱلرِّيَٰحَ بُشْرًۢا بَيْنَ يَدَىْ رَحْمَتِهِۦ ۚ وَأَنزَلْنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً طَهُورًا
٤٨ لِّنُحْـِۧىَ بِهِۦ بَلْدَةً مَّيْتًا وَنُسْقِيَهُۥ مِمَّا خَلَقْنَآ أَنْعَٰمًا وَأَنَاسِىَّ كَثِيرًا ٤٩ وَلَقَدْ صَرَّفْنَٰهُ بَيْنَهُمْ
لِيَذَّكَّرُوا۟ فَأَبَىٰٓ أَكْثَرُ ٱلنَّاسِ إِلَّا كُفُورًا ٥٠ وَلَوْ شِئْنَا لَبَعَثْنَا فِى كُلِّ قَرْيَةٍ نَّذِيرًا ٥١ فَلَا تُطِعِ
ٱلْكَٰفِرِينَ وَجَٰهِدْهُم بِهِۦ جِهَادًا كَبِيرًا ٥٢ ۞ وَهُوَ ٱلَّذِى مَرَجَ ٱلْبَحْرَيْنِ هَٰذَا عَذْبٌ فُرَاتٌ وَهَٰذَا
مِلْحٌ أُجَاجٌ وَجَعَلَ بَيْنَهُمَا بَرْزَخًا وَحِجْرًا مَّحْجُورًا ٥٣ وَهُوَ ٱلَّذِى خَلَقَ مِنَ ٱلْمَآءِ بَشَرًا فَجَعَلَهُۥ
نَسَبًا وَصِهْرًا ۗ وَكَانَ رَبُّكَ قَدِيرًا ٥٤﴾ [الفرقان: ٤٥، ٥٤]

«Оё [офариниши] Парвардигоратро надидаӣ, ки чи гуна сояро густаронидааст ва агар мехост, онро собит менамуд? Он гоҳ [тағйири ҷойгоҳи] хуршед [нисбат ба замин]-ро далели [густаришу ҳаракати] он [соя] қарор додем 45

Сипас [бо тағйири баландии хуршед сояро кӯтоҳ мекунем ва] онро андак-андак ба сӯйи хеш бозмегирем 46

Ва Ӯст, ки шабро [бо торикии фарогираш] пӯшише барои шумо қарор дод ва хобро мояи осоиш ва рӯзро ҳангоми бархостан [ва кору талош] сохт 47

Ва Ӯст, ки пеш аз [борони] раҳматаш бодҳоро башоратбахш фиристод ва аз осмон обе пок [ва поккунанда] фурӯ фиристодем 48

То бо он сарзамини [хушку] мурдаро зинда гардонем ва чаҳорпоён ва инсонҳои бисёреро, ки офаридаем, сероб созем 49

Ва ба ростӣ, он [далоилу нишонаҳои қудрати илоҳӣ]-ро ба суратҳои гуногун баён кардем, то панд гиранд, вале бештар мардум ҷуз [инкору] носипосӣ накарданд 50

Ва агар мехостем, дар ҳар диёре бимдиҳандае бармеангехтем 51

Пас, [эй паёмбар] аз кофирон итоат накун ва ба василаи Қуръон бо онон ба ҷиҳоди бузурге бархез [ва дар ин роҳ шикебо бош] 52

Ва Ӯст, ки ду дарёро ба ҳам омехт: ин яке хушгувор ва ширин аст ва он яке шӯру талх ва дар миёни он ду монеаи нуфузнопазире қарор дод [то бо ҳам наёмезанд] 53

Ва Ӯст, ки инсонро аз оби [манӣ] офарид ва ӯро дорои пайванди насабӣ ва сабабӣ гардонид ва Парвардигорат ҳамвора тавоност 54» (Сураи Фурқон 45 – 54)

﴿ فَسُبۡحَٰنَ ٱللَّهِ حِينَ تُمۡسُونَ وَحِينَ تُصۡبِحُونَ ١٧ وَلَهُ ٱلۡحَمۡدُ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَعَشِيّٗا وَحِينَ
تُظۡهِرُونَ ١٨ يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَيُحۡيِ ٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ مَوۡتِهَاۚ وَكَذَٰلِكَ
تُخۡرَجُونَ ١٩ وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنۡ خَلَقَكُم مِّن تُرَابٖ ثُمَّ إِذَآ أَنتُم بَشَرٞ تَنتَشِرُونَ ٢٠ وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦٓ
أَنۡ خَلَقَ لَكُم مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ أَزۡوَٰجٗا لِّتَسۡكُنُوٓاْ إِلَيۡهَا وَجَعَلَ بَيۡنَكُم مَّوَدَّةٗ وَرَحۡمَةًۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ
لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَتَفَكَّرُونَ ٢١ وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦ خَلۡقُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَٱخۡتِلَٰفُ أَلۡسِنَتِكُمۡ وَأَلۡوَٰنِكُمۡۚ

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَٰتٖ لِّلۡعَٰلِمِينَ ٢٢ وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦ مَنَامُكُم بِٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ وَٱبۡتِغَآؤُكُم مِّن فَضۡلِهِۦٓۚ إِنَّ
فِي ذَٰلِكَ لَآيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَسۡمَعُونَ ٢٣ وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦ يُرِيكُمُ ٱلۡبَرۡقَ خَوۡفٗا وَطَمَعٗا وَيُنَزِّلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ
مَآءٗ فَيُحۡيِۦ بِهِ ٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ مَوۡتِهَآۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَعۡقِلُونَ ٢٤ وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦٓ أَن تَقُومَ
ٱلسَّمَآءُ وَٱلۡأَرۡضُ بِأَمۡرِهِۦۚ ثُمَّ إِذَا دَعَاكُمۡ دَعۡوَةٗ مِّنَ ٱلۡأَرۡضِ إِذَآ أَنتُمۡ تَخۡرُجُونَ ٢٥ وَلَهُۥ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ
وَٱلۡأَرۡضِۖ كُلّٞ لَّهُۥ قَٰنِتُونَ ٢٦ وَهُوَ ٱلَّذِي يَبۡدَؤُاْ ٱلۡخَلۡقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥ وَهُوَ أَهۡوَنُ عَلَيۡهِۚ وَلَهُ ٱلۡمَثَلُ ٱلۡأَعۡلَىٰ فِي
ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٢٧ ﴾ [الروم: ١٧، ٢٧]

«Пас, Аллоҳро ба покӣ ситоиш кунед, он гоҳ ки ба шаб дармеоед ва он дам, ки ба субҳ мерасед 17

ва асргоҳон ва ҳангоме ки ба нимрӯз мерасед ва ҳамду ситоиш дар осмонҳо ва замин аз они Ӯст 18

Ӯ [мавҷуди] зиндаро аз [моддаи] беҷон [нутфа] падид меоварад ва [моддаи] беҷонро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад ва заминро – пас аз хушкӣ ва хазонаш – зинда месозад ва [шумо низ рӯзи қиёмат] инчунин барангехта мешавед 19

Ва аз нишонаҳои Ӯ [ин] аст, ки шуморо аз хок офарид, сипас инсонҳое шудед [ки таваллуди мисл кардед ва дар замин] пароканда гаштед 20

Ва дар нишонаҳои Ӯ [ин] аст, ки барои шумо аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то дар канорашон ором гиред ва миёнатон муҳаббату меҳрубонӣ падид овард. Бе гумон, дар ин [неъмат] барои хирадварзон нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст 21

Ва аз нишонаҳои Ӯ офариниши осмонҳо ва замин ва ихтилофи забонҳо ва рангҳои шумост. Бе тардид, дар ин [умур] барои донишварон нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст 22

Ва аз нишонаҳои Ӯ хоби шумо дар шаб ва рӯз ва талошатон барои баҳрагирӣ аз бахшиши Парвардигор [ва таъмини маош] аст. Бе гумон, дар ин умур барои онон, ки гӯши шунаво доранд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст 23

Ва аз нишонаҳои Ӯ [ин] аст, ки соиқаро барои биму умед нишонатон медиҳад ва аз осмон обе мефиристад ва заминро – пас аз хушкӣ ва хазонаш – бо он зинда месозад. Бе гумон, дар ин умур барои онон, ки меандешанд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст 24

Ва аз нишонаҳои Ӯ [ин] аст, ки осмонҳо ва замин ба фармонаш барпост ва [рӯзи қиёмат] ҳангоме ки бо нидое шуморо аз замин фаро мехонад, ногаҳон [ҳамагӣ аз гӯрҳо] берун меоед 25

Ҳар ки [ва ҳар чи] дар осмонҳо ва замин аст аз они Аллоҳ таоло аст ва ҳамагӣ [таслиму] фармонбари Ӯ ҳастанд 26

Ӯст, ки офариниширо оғоз мекунад, сипас онро [пас аз маргаш] бозмегардонад ва ин кор барояш осонтар [аз офариниши нахустин] аст ва бартарин васф дар осмонҳо ва замин барои Ӯст ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст 27» (Сураи Рум 17 – 27)

﴿ ٱلرَّحۡمَٰنُ ١ عَلَّمَ ٱلۡقُرۡءَانَ ٢ خَلَقَ ٱلۡإِنسَٰنَ ٣ عَلَّمَهُ ٱلۡبَيَانَ ٤ ٱلشَّمۡسُ وَٱلۡقَمَرُ بِحُسۡبَانٖ
٥ وَٱلنَّجۡمُ وَٱلشَّجَرُ يَسۡجُدَانِ ٦ وَٱلسَّمَآءَ رَفَعَهَا وَوَضَعَ ٱلۡمِيزَانَ ٧ أَلَّا تَطۡغَوۡاْ فِي ٱلۡمِيزَانِ ٨
وَأَقِيمُواْ ٱلۡوَزۡنَ بِٱلۡقِسۡطِ وَلَا تُخۡسِرُواْ ٱلۡمِيزَانَ ٩ وَٱلۡأَرۡضَ وَضَعَهَا لِلۡأَنَامِ ١٠ فِيهَا فَٰكِهَةٞ وَٱلنَّخۡلُ ذَاتُ
ٱلۡأَكۡمَامِ ١١ وَٱلۡحَبُّ ذُو ٱلۡعَصۡفِ وَٱلرَّيۡحَانُ ١٢ فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ١٣ خَلَقَ ٱلۡإِنسَٰنَ
مِن صَلۡصَٰلٖ كَٱلۡفَخَّارِ ١٤ وَخَلَقَ ٱلۡجَآنَّ مِن مَّارِجٖ مِّن نَّارٖ ١٥ فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ
١٦ رَبُّ ٱلۡمَشۡرِقَيۡنِ وَرَبُّ ٱلۡمَغۡرِبَيۡنِ ١٧ فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ١٨ مَرَجَ ٱلۡبَحۡرَيۡنِ يَلۡتَقِيَانِ ١٩
بَيۡنَهُمَا بَرۡزَخٞ لَّا يَبۡغِيَانِ ٢٠ فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٢١ يَخۡرُجُ مِنۡهُمَا ٱللُّؤۡلُؤُ وَٱلۡمَرۡجَانُ ٢٢
فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٢٣ وَلَهُ ٱلۡجَوَارِ ٱلۡمُنشَـَٔاتُ فِي ٱلۡبَحۡرِ كَٱلۡأَعۡلَٰمِ ٢٤ فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا
تُكَذِّبَانِ ٢٥ ﴾ [الرحمن: ١، ٢٥]

«[Аллоҳи] Раҳмон 1 Қуръонро омӯзиш дод 2 Инсонро офарид 3 [Ва] Ба ӯ сухан гуфтан омӯхт 4 Хуршеду моҳ бо ҳисобе муназзам [-у дақиқ] дар гардишанд 5 Ва ситора ва дарахт [барояш] саҷда мекунанд 6 Ӯ осмонро барафрошт ва мизони [адолатро дар замин] барқарор намуд 7 [Эй мардум, чунин кард] То дар вазну паймона [ба якдигар] ситам накунед; 8 Ва санҷиш [-и ҳуқуқи дигарон]-ро ба адолат баровард кунед ва дар санҷиш

зиён нарасонед [ва камфурӯшӣ накунед] 9 Ӯ заминро барои [зиндагии] инсонҳо муқаррар дошт 10 Ки дар он [анвои] меваҳо ва нахлҳои хушадор аст 11 Ва [ҳамчунин] ҳубуботи баргдор ва гиёҳони хушбӯ 12 Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед? 13 Ӯ инсонро аз гиле ҳамчун сафол офарид 14 Ва ҷинро аз шуълае аз оташ халқ кард 15 Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед? 16 Парвардигори машриқҳо ва мағрибҳост 17 Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед? 18 Ӯ ду дарё [-е шӯру ширин]-ро равон кард, то [ба якдигар] бирасанд 19 [Дар айни ҳол] Миёнашон монеъе аст, ки бо ҳам намеомезанд 20 Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед? 21 Аз он ду [дарё] марвориду марҷон ба даст меояд 22 Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед? 23 Киштиҳои кӯҳпайкари бодбонбарафрошта дар дарё барои Ӯст 24 Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед? 25» (Сураи Раҳмон 1 – 25)

﴿أَلَمْ نَجْعَلِ ٱلْأَرْضَ مِهَٰدًا ﴿٦﴾ وَٱلْجِبَالَ أَوْتَادًا ﴿٧﴾ وَخَلَقْنَٰكُمْ أَزْوَٰجًا ﴿٨﴾ وَجَعَلْنَا نَوْمَكُمْ سُبَاتًا
﴿٩﴾ وَجَعَلْنَا ٱلَّيْلَ لِبَاسًا ﴿١٠﴾ وَجَعَلْنَا ٱلنَّهَارَ مَعَاشًا ﴿١١﴾ وَبَنَيْنَا فَوْقَكُمْ سَبْعًا شِدَادًا ﴿١٢﴾ وَجَعَلْنَا
سِرَاجًا وَهَّاجًا ﴿١٣﴾ وَأَنزَلْنَا مِنَ ٱلْمُعْصِرَٰتِ مَآءً ثَجَّاجًا ﴿١٤﴾ لِّنُخْرِجَ بِهِۦ حَبًّا وَنَبَاتًا ﴿١٥﴾ وَجَنَّٰتٍ
أَلْفَافًا ﴿١٦﴾﴾ [النبأ: ٦، ١٦]

«Оё заминро бистаре [барои осоиши шумо] қарор нададем? 6 Ва кӯҳҳоро меххо [-и он] қарор нададем? 7 Ва шуморо ҷуфт [нару мода] офаридем. 8 Ва хоби шуморо [мояи] оромишатон қарор додем 9 Ва шабро пӯшише [бароятон] қарор додем 10 Ва рӯзро [василаи] зиндагӣ ва [касби маош] қарор додем 11 Ва бар фарози шумо ҳафт [осмон] муҳкам бино кардем 12 Ва [хуршедро] чароғе дурахшон офаридем 13 Ва аз абрҳои боронзо обе фаровон фурӯ фиристодем 14 То бад-он дона ва гиёҳ бисёр бирӯёнем 15 Ва боғҳое пурдарахт [бо он парвариш диҳем] 16» (Сураи Наба 6 – 16)

﴿ ءَأَنتُمۡ أَشَدُّ خَلۡقًا أَمِ ٱلسَّمَآءُۚ بَنَىٰهَا ٢٧ رَفَعَ سَمۡكَهَا فَسَوَّىٰهَا ٢٨ وَأَغۡطَشَ لَيۡلَهَا وَأَخۡرَجَ ضُحَىٰهَا ٢٩ وَٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ ذَٰلِكَ دَحَىٰهَآ ٣٠ أَخۡرَجَ مِنۡهَا مَآءَهَا وَمَرۡعَىٰهَا ٣١ وَٱلۡجِبَالَ أَرۡسَىٰهَا ٣٢ مَتَٰعًا لَّكُمۡ وَلِأَنۡعَٰمِكُمۡ ٣٣ ﴾ [النازعات: ٢٧، ٣٣]

«Оё офариниши шумо [баъд аз марг] сахттар аст ё осмоне, ки [Аллоҳ таоло] онро бино кард? 27 Сақфи онро барафрошту ба он шаклу назм дод 28 Ва шабашро торик ва рӯзашро равшан гардонид 29 Ва заминро баъд аз он густаронид 30 Ва аз он об [чашмаҳо ва чоҳҳо ва] чарогоҳашро берун овард 31 Ва кӯҳҳоро муҳкам ва устувор [бар рӯйи замин] қарор дод 32 [Ҳамаи инҳо] барои баҳрагирии шумо ва чаҳорпоёнатон аст 33 « (Сураи Нозиъот 27 -33)

﴿ فَلۡيَنظُرِ ٱلۡإِنسَٰنُ إِلَىٰ طَعَامِهِۦٓ ٢٤ أَنَّا صَبَبۡنَا ٱلۡمَآءَ صَبًّا ٢٥ ثُمَّ شَقَقۡنَا ٱلۡأَرۡضَ شَقًّا ٢٦ فَأَنۢبَتۡنَا فِيهَا حَبًّا ٢٧ وَعِنَبًا وَقَضۡبًا ٢٨ وَزَيۡتُونًا وَنَخۡلًا ٢٩ وَحَدَآئِقَ غُلۡبًا ٣٠ وَفَٰكِهَةً وَأَبًّا ٣١ مَّتَٰعًا لَّكُمۡ وَلِأَنۡعَٰمِكُمۡ ٣٢ ﴾ [عبس : ٢٤، ٣٢]

«Пас, инсон бояд ба ғизои хеш [ва офариниши он] бингарад 24 Мо оби фаровон [аз осмон] фуру рехтем 25 Сипас заминро аз ҳам шикофтем 26 Он гоҳ дар он дона [-ҳои фаровон] рӯёнидем 27 Ва ангуру сабзӣ [хӯрокии бисёр] 28 Ва зайтуну нахл 29 Ва боғҳое [анбуҳ ва] пурдарахт 30 Ва [анвои] мева ва алаф [падид овардем] 31 [Ҳамаи инҳо] Барои баҳрагирии шумо ва чаҳорпоёнатон аст 32» (Сураи Абаса 24 – 32)

Дар умум ҳама инсонҳо ба рубубияти Аллоҳ иқрор доранд, Ба инки Ӯ холиқ, молик ва мудаббир аст, Ҳатто мушрикони араб ба он муътариф буданд. Аллоҳ таоло дар оятҳое аз Қуръони карим мефармояд:

﴿ قُل لِّمَنِ ٱلۡأَرۡضُ وَمَن فِيهَآ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٨٤ سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ٨٥ قُلۡ مَن رَّبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ ٱلسَّبۡعِ وَرَبُّ ٱلۡعَرۡشِ ٱلۡعَظِيمِ ٨٦ سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ أَفَلَا تَتَّقُونَ ٨٧ قُلۡ مَنۢ بِيَدِهِۦ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيۡءٖ وَهُوَ يُجِيرُ وَلَا يُجَارُ عَلَيۡهِ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٨٨ سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ فَأَنَّىٰ تُسۡحَرُونَ ٨٩ ﴾ [المؤمنون : ٨٤، ٨٩]

«[Эй паёмбар, ба мункирони меод] бигӯ: «Агар медонед, [бигӯед], замин ва ҳар ки дар он аст, аз они кист?» 84 Хоҳанд гуфт: «[Ҳама] Аз они Аллоҳ таоло аст». Бигӯ: «Пас, оё панд намегиред?» 85 Бигӯ: «Парвардигори ҳафт осмон ва Парвардигори Арши бузург кист?» 86 Хоҳанд гуфт: «[Ҳама] Аз они Аллоҳ таоло аст». Бигӯ: «Пас, оё [аз Аллоҳ таоло] парво намекунед?» 87 Бигӯ: «Агар медонед, [бигӯед] фармонравоии ҳама чиз ба дасти кист? Ва [кист, ки] паноҳ медиҳад ва касе дар баробари [азоби] ӯ паноҳ надорад?» 88 Хоҳанд гуфт: «[Фармонравоии ҳама чиз] Аз они Аллоҳ таоло аст». Бигӯ: «Пас, чи гуна афсун мешавед [ва намеандешед]?» 89» (Сураи Муъминун 84 – 89)

﴿ وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ خَلَقَهُنَّ ٱلْعَزِيزُ ٱلْعَلِيمُ ۝٩ ﴾ [الزخرف: ٩]

«[Эй паёмбар] Агар аз мушрикон бипурсӣ: «Осмонҳо ва заминро чи касе офардиааст?» Ҳатман, мегӯянд: «[Аллоҳи] Шикастнопазири доно»» (Сураи Зухруф 9)

Дар ин замина фақат навъӣ гумроҳи ва инҳирофи ҷузъӣ аз суи ададе аз гуруҳҳо сурат гирифтааст, ба гунае, ки дар рубубияти Аллоҳ ширк варзидаанд. Монанди:

1, Дугонапарастон, маҷусиҳо, зардуштиҳо ва монавиҳо: Афроде, ки муътақид бар онанд, ҷаҳон ду офаридгор дорад, Худои нур, ки хайрро меофаринад, Ва худои торики ва зулмат, ки шарро ба вуҷуд меоварад. Ва бо ҳам иттифоқ доранд, ки нур аз зулмат беҳтар аст. Аммо дар бораи зулмат ихтилоф доранд, оё қадим аст, ё муҳдас (ҷадид, нав) аст?

2, Насрониҳо: Касоне ки муътақид ба таслис (сегонагӣ) ҳастанд, ва ба гумони хеш маъбуди ягонаро се уқнум ва шахс, яъне: падар, писар ва руҳул қудс медонанд.

Аммо барои ҷаҳон, қоил ба се парвардигори ҷудо аз ҳам нестанд, балки муттафиқанд, ки офаридгори ҷаҳон якто аст.

3, Мушрикони араб: Касоне, ки муътақиданд, худоёнашон метавонанд нафъ ва зараре ба махлуқот бирасонанд, ва соҳиби идора ва тадбири баъзе аз корҳояшон ҳастанд, ва чизҳоро бо тири қимор миёни худ тақсим мекарданд.

4, Қадария (касоне ки қадарро нафйи мекунанд), ки мегӯянд: Банда корҳо ва амалҳои худро худаш меофарад ва ба вуҷуд меоварад, бидуни инки Аллоҳ дар он тасарруфе дошта бошад.

Тамоми ин инҳирофот бо далелҳои фитрӣ, ақлӣ, ҳиссӣ ва шаръӣ, ки баёнгари ягонагии Парвардигор дар халқ кардан, моликият ва амраш мебошад, мардуд ва беасос мебошад. Аллоҳ мефармояд:

﴿ مَا ٱتَّخَذَ ٱللَّهُ مِن وَلَدٍ وَمَا كَانَ مَعَهُۥ مِنْ إِلَٰهٍۚ إِذًا لَّذَهَبَ كُلُّ إِلَٰهِۭ بِمَا خَلَقَ وَلَعَلَا بَعْضُهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍۚ سُبْحَٰنَ ٱللَّهِ عَمَّا يَصِفُونَ ٩١ ﴾ [المؤمنون : ٩١]

«Аллоҳ таоло ҳаргиз фарзанде барнагузидааст ва ҳеҷ маъбуде бо Ӯ нест. [Агар чунин буд] Он гоҳ ҳар маъбуде он чиро офарида буд, [бо худ] мебурд ва мусалламан, бархе бар бархе дигар бартарӣ меҷустанд [ва низоми ҳастӣ табоҳ мегашт]. Аллоҳ таоло аз он чи [мушрикон] тавсиф мекунанд, муназзаҳ аст» (Сураи Муъминун 91)

Маъбуди бар ҳақ бояд офаринанда ва анҷомдиҳандаи ончи бихоҳад бошад, Ва агар шарике дошта бошад ва он шарикаш низ бояд биёфарад ва коре анҷом диҳад, ки дар ин ҳолат ду эҳтимол вуҷуд дорад:

- Ё инки ҳар маъбуд махлуқоташро дар ихтиёр мегирад ва дар ҳокимияту қудраташ мастақил аст, ки назми ҷаҳон ин мавридро намепазирад.
- Ва ё инки дар байни ду худо ғалаба ва кашмакаш эҷод мешавад, Чунон ки агар яке аз он ду иродаи ҳаракати ҷисмеро дошта бошад ва дигари бихоҳад, ки он ҷисм бидуни ҳаракат бимонад, Ё яке аз он ду иродаи зинда

кардани чизеро дошта бошад ва дигари бихоҳад, ки онро бимиронад. Дар чунин ҳолатҳо, ё иродаи ҳарду ҳосил мешавад, ва ё иродаи яке аз онҳо, ва ё иродаи ҳеҷ кадоми аз онҳо ҳосил намешавад. Дар мавриди аввал ва севум ғайри мумкин аст, чун нақизу зидди якдигаранд ва намешавад бо ҳам ҷамъ шаванд ва низ имкон надорад иродаи ҳарду иҷро нашавад. Дар натиҷа мавриди дувум шакл мегирад, ва муроди кадоме аз онҳо ҳосил шавад, ҳамон худой тавоно аст ва дувуми шоистагии худой надорад. Бино бар ин танҳо як парвардигори ягона ва офаридгори якто ва подшоҳи беҳамто ва тадбиркунандаи бешарике исбот мегардад.

Ин матлабро далили тамонуъ мегӯянд.

### **Севум:** Имон ба улуҳияти Аллоҳ таоло

Яъне эътиқод ва боварии қатъӣ ба инки фақат Аллоҳ, ягона маъбуди барҳақ ва сазовори ибодат аст.

Вожаи «Илоҳ» ба маънои «Маълуҳ» яъне маъбуд (ибодат карда шуда) аст. Зоте ки дилҳо аз руи муҳаббат ва таъзим Ӯро ибодат мекунанд. Ва ҳақиқати ибодат, камоли муҳаббат бо ҳамроҳии камоли фурутани ва хузуъу таъзим аст, ки ин кор фақат барои Аллоҳи беҳамто сурат мегирад. Бузургтарин шаҳодат дар ин замина, аз бузургтарин гувоҳидиҳанда дар мавриди бузургтарин ва муҳимтарин мавзӯъи шаҳодат додашуда, омадааст, чунонки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ شَهِدَ ٱللَّهُ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةُ وَأُو۟لُوا۟ ٱلْعِلْمِ قَآئِمًۢا بِٱلْقِسْطِ ۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿١٨﴾ ﴾ [آل عمران: ١٨]

«Аллоҳ таоло, ки [дар ҷаҳони ҳастӣ] барподорандаи адл аст, гувоҳӣ додааст, ки маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест ва фариштагону уламо [низ бар ягонагӣ ва адолати илоҳӣ гувоҳӣ медиҳанд]. Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, [ки] шикастнопазиру ҳаким аст» (Сураи Оли Имрон 18)

﴿ وَإِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلرَّحۡمَٰنُ ٱلرَّحِيمُ ١٦٣ ﴾ [البقرة: ١٦٣]

«[Эй мардум] маъбуди шумо маъбуди ягона аст [ки] ба ҷуз Ӯ [ҳеҷ] маъбуде [ба ҳақ] нест; бахшандаву меҳрубон аст» (Сураи Бақара 163)

Бидуни шак Аллоҳ тамоми махлуқот, инсонҳо ва ҷиниёнро барои онки фақат Ӯро ибодат кунанд, офарид, бо вуҷуди инки ниёзе ба онҳо надошт. Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ وَمَا خَلَقۡتُ ٱلۡجِنَّ وَٱلۡإِنسَ إِلَّا لِيَعۡبُدُونِ ٥٦ مَآ أُرِيدُ مِنۡهُم مِّن رِّزۡقٖ وَمَآ أُرِيدُ أَن يُطۡعِمُونِ ٥٧ ﴾ [الذاريات: ٥٦، ٥٧]

"Ва ҷинну инсро фақат барои ин офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд] 56 На аз онон рӯзӣ мехоҳам, на ин ки Маро хӯрок диҳанд 57 " (Сураи Зориёт 56-57)

Ва тамоми паёмбаронашро ба суи мардум фиристод то ин имон ва бовариро муҳаққақ ва исбот кунанд ва мардумро фаро хонанд, ки фақат Ӯ таолоро ибодат намоянд ва дучори ширк нагарданд. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَلَقَدۡ بَعَثۡنَا فِي كُلِّ أُمَّةٖ رَّسُولًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجۡتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَۖ ٣٦ ﴾ [النحل: ٣٦]

«Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ таоло] дурӣ кунед». (Сураи Наҳл 36)

Паёмбарон дар ибтидо ба қавмашон гуфтанд:

﴿ يَٰقَوۡمِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرُهُۥٓ ٥٩ ﴾ [الاعراف: ٥٨]

«Эй қавми ман! Аллоҳро ибодат кунед, ки ҷуз Ӯ маъбуди (барҳақ) барои шумо нест» (Сураи Аъроф 59, 65, 73, 85)

﴿ وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِيٓ إِلَيۡهِ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدُونِ ٢٥ ﴾ [الانبياء: ٢٥]

«Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: «Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед»» (Сураи Анбиё 25)

Таҳқиқ ва ҳосил шудани ин имон металабад, ки тамоми навъҳои ибодатҳо фақат барои Аллоҳи ягона сурат гирад. Бинобар ин ҳар касе кадом навъе аз ибодатро барои ғайри Аллоҳ анҷом диҳад, мушрик ва кофир мешавад.

Ибодатҳо бар чанд навъ ҳастанд:

### 1, Ибодатҳои қалбӣ (дил)

Монанди «муҳаббат», ки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَندَادٗا يُحِبُّونَهُمۡ كَحُبِّ ٱللَّهِۖ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَشَدُّ حُبّٗا لِّلَّهِۗ ١٦٥ ﴾ [البقرة: ١٦٥]

"[Бо вуҷуди ин оёти равшан] бархе аз мардум ҳамтоёни ғайр аз Аллоҳро [барои парастиш] бармегузинанд ва онҳоро ҳамчун Аллоҳ таоло дӯст медоранд, вале касоне, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст доранд" (Сураи Бақара 165)

Ва монанди "хавфу тарс", чунонки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ فَلَا تَخَافُوهُمۡ وَخَافُونِ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ ١٧٥ ﴾ [ال عمران: ١٧٥]

«Пас агар имон доред аз онҳо натарсед ва аз ман битарсед» (Сураи Оли Имрон 175)

Ва «умед», дар Қуръони карим мехонем:

﴿ قُلۡ إِنَّمَآ أَنَا۠ بَشَرٞ مِّثۡلُكُمۡ يُوحَىٰٓ إِلَيَّ أَنَّمَآ إِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ فَمَن كَانَ يَرۡجُواْ لِقَآءَ رَبِّهِۦ فَلۡيَعۡمَلۡ عَمَلٗا صَٰلِحٗا وَلَا يُشۡرِكۡ بِعِبَادَةِ رَبِّهِۦٓ أَحَدَۢا ﴿١١٠﴾ ﴾ [الكهف: ١١٠]

"[Эй паёмбар] Бигӯ: «Ман фақат башаре [оддӣ] ҳамчун шумо ҳастам. Ба ман ваҳй мешавад, ки танҳо маъбудатон Аллоҳ таоло яктост; пас, ҳар ки ба дидори Парвардигораш [дар охират] умед дорад, бояд кори шоиста анҷом диҳад ва ҳеҷ касро дар парастиши Парвардигораш шарик насозад»" (Сураи Каҳф 110)

Се амали дар боло зикршуда, муҳимтарини амалҳо ва асли ибодатҳои қалбӣ ҳастанд. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ يَدۡعُونَ يَبۡتَغُونَ إِلَىٰ رَبِّهِمُ ٱلۡوَسِيلَةَ أَيُّهُمۡ أَقۡرَبُ وَيَرۡجُونَ رَحۡمَتَهُۥ وَيَخَافُونَ عَذَابَهُۥٓۚ ﴿٥٧﴾ ﴾ [الاسراء: ٥٧]

"Касонеро, ки онон мехонанд, худ [бо парастиш ва накукорӣ] василае [барои тақарруб] ба Парвардигорашон меҷӯянд [ва дар рақобатанд, то бидонанд] кадом як аз аз онон [ба парастиши Аллоҳ таоло] наздиктаранд ва ба раҳматаш умедворанд ва аз азобаш метарсанд;" (Сураи Исро 57)

Наметавон бар анҷом додани баъзе аз ин ибодатҳо иктифо кард, чаро ки ҳар касе Аллоҳро фақат аз руи тарсу хавф ибодат мекунад, (ҳururӣ- фирқае аз хавориҷ) аст, Ва касе ки Худовандро фақат аз руи умед ибодат мекунад, (мурҷиӣ) аст, Ва ҳар касе Аллоҳи мутаолро фақат аз руи муҳаббат ибодат мекунад, (зиндиқ) аст, Аммо касе ки Аллоҳро бо муҳаббат ва хавфу умед ибодат мекунад, (яктопараст ва ҳаниф) аст.

Ислоҳи дил, асл ва асоси ислоҳи ҷисм аст, Чунонки дар ҳадис омадааст:

" أَلاَ وَإِنَّ فِي الجَسَدِ مُضْغَةً: إِذَا صَلَحَتْ صَلَحَ الجَسَدُ كُلُّهُ، وَإِذَا فَسَدَتْ فَسَدَ الجَسَدُ كُلُّهُ، أَلاَ وَهِيَ القَلْبُ"

"Бидонед, ки дар бадан порагуште аст, ки агар он ислоҳ шавад, тамоми бадан ислоҳ мешавад, ва агар он фосид шавад, тамоми бадан фосид мегардад, Огоҳ бошед, ки он (порагушт) дил аст" Ҳадис муттафақун алайҳӣ мебошад.[8]

**2, Ибодатҳои қавлӣ**

Мисли "дуо" Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَأَنَّ ٱلْمَسَٰجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدْعُواْ مَعَ ٱللَّهِ أَحَدًا ۝١٨ ﴾ [الجن: ١٨]

«Ва инки масҷидҳо аз они Аллоҳ аст, пас касеро бо Аллоҳ нахонед» (дуо накунед) (Сураи Ҷин 18)

Ва «истиъоза» ва паноҳ бурдан ба Аллоҳ, ки дар Қуръони карим омадааст;

﴿ قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلْفَلَقِ ۝١ ﴾ [الفلق: ١]

"(Эй Паёмбар!) Бигу: ба парвардигори сапедадам паноҳ мебарам" (Сураи Фалақ 1)

﴿ قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ۝١ ﴾ [الناس: ١]

"(Эй Паёмбар!) Бигу: ба парвардигори мардум паноҳ мебарам" (Сураи Нос 1)

Ва "истиғоса" ва кумак хостан аз Аллоҳ. Парвардигори ҷаҳониён мефармояд:

﴿ إِذْ تَسْتَغِيثُونَ رَبَّكُمْ فَٱسْتَجَابَ لَكُمْ ﴾ [الانفال: ٩]

"(Ба ёд оваред) Ҳангомеро ки аз парвардигоратон (кумак ва ) ёри мехостед, сипас Ӯ (хостаи ) шуморо пазируфт" (Сураи Анфол 9)

Ва "зикр" бо ҳама навъҳояш. Аллоҳ таоло мефармояд:

(8) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 52, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1599, Ба ривояти Нуъмон ибни Башир.

﴿ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱذْكُرُوا۟ ٱللَّهَ ذِكْرًا كَثِيرًا ﴿٤١﴾ ﴾ [الاحزاب : ٤١]

"Эй касоне ки имон овардаед! Аллоҳро бисёр ёд (зикр) кунед" (Сураи Аҳзоб 41)

Ва "тиловати Қуръон", ки Аллоҳ мефармояд:

﴿ ٱتْلُ مَآ أُوحِىَ إِلَيْكَ مِنَ ٱلْكِتَـٰبِ ﴿٤٥﴾ ﴾ [العنكبوت: ٤٥]

"(Эё паёмбар!) Онҷиро ки аз (ин) китоб (Қуръони карим) бар ту ваҳйи шудааст, тиловат кун" (Сураи Анкабут 45)

Ва ҳама суханҳои хубу пок. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ إِلَيْهِ يَصْعَدُ ٱلْكَلِمُ ٱلطَّيِّبُ ﴿١٠﴾ ﴾ [فاطر: ١٠]

«Суханони хубу пок ба суи Ӯ боло меравад» (Сураи Фотир 10)

Ва дигар ибодатҳои қавлӣ (забонӣ).

### 3, Ибодатҳои баданӣ

Монанди «намоз, ҳаҷ, қурбони кардан», ки дар Қуръони карим омадааст:

﴿ قُلْ إِنَّ صَلَاتِى وَنُسُكِى وَمَحْيَاىَ وَمَمَاتِى لِلَّهِ رَبِّ ٱلْعَـٰلَمِينَ ﴿١٦٢﴾ ﴾ [الانعام: ١٦٢]

«Бигӯ: «Бе тардид, намозам ва қурбониҳои ман ва зиндагӣ ва маргам ҳама барои Аллоҳ таоло – Парвардигори ҷаҳониён аст» (Сураи Анъон 162)

﴿ فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنْحَرْ ﴿٢﴾ ﴾ [الكوثر: ٢]

"Пас барои Парвардигорат намоз бихон ва қурбони кун" (Сураи Кавсар 2)

Ва "тавоф" Аллоҳ таоло фармудааст:

﴿ وَلۡيَطَّوَّفُواْ بِٱلۡبَيۡتِ ٱلۡعَتِيقِ ٢٩ ﴾ [الحج : ٢٩]

«Ва (бар гирди) хонаи куҳансол (каъба) тавоф кунанд» (Сураи Ҳаҷ 29)

Ва «дур кардани ончи сабаби озору азият аст аз масири роҳ» Паёмбари Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар бораи хусусиятҳои имон фармудааст:

« وَأَدْنَاهَا إِمَاطَةُ الْأَذَى عَنِ الطَّرِيقِ»

«Ва поинтаринашон (хусусиятҳои имон) дур кардани озору азият аз миёни роҳ аст».(9)

Ва дигар ибодатҳои баданӣ.

**4, Ибодатҳои молӣ**

Монанди нафақаҳое ки ба қасди ибодат анҷом дода мешавад, аз ҷумла: закотҳо, садақаҳо васиятҳо, вақфҳо ва бахшишҳо. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّمَا ٱلصَّدَقَٰتُ لِلۡفُقَرَآءِ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱلۡعَٰمِلِينَ عَلَيۡهَا وَٱلۡمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمۡ وَفِي ٱلرِّقَابِ وَٱلۡغَٰرِمِينَ وَفِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِۖ فَرِيضَةٗ مِّنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ٦٠ ﴾ [الانسان: ٨، ٩]

«Садақот [ва закот] ихтисос дорад ба фақирон [-и тиҳидаст] ва мустамандон [-и тангдаст] ва коргузорон [-и ҷамъоварӣ ва тавзеи] он ва дилҷӯшудагон [тозамусулмон] ва барои [озод кардани] бардагон ва [пардохти воми] қарздорон ва дар роҳи Аллоҳ таоло ва [кумак ба] дарроҳмондагон. [Ин] Фаризаи [муқарраршуда] аз ҷониби Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст.» (Сураи Тавба 60)

(9) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 35, ба ривояти Абуҳурайра.

﴿وَمِنَ ٱلۡأَعۡرَابِ مَن يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ وَيَتَّخِذُ مَا يُنفِقُ قُرُبَٰتٍ عِندَ ٱللَّهِ وَصَلَوَٰتِ ٱلرَّسُولِۚ أَلَآ إِنَّهَا قُرۡبَةٞ لَّهُمۡۚ سَيُدۡخِلُهُمُ ٱللَّهُ فِي رَحۡمَتِهِۦٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٩٩﴾ [التوبة: ٩٩]

«Ва бархе аз аъроб [-и бодиянишин] ҳастанд, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи вопасин имон доранд ва ончиро, ки инфоқ мекунанд, боиси наздикӣ ба Аллоҳ таоло ва дуоҳои паёмбар [дар ҳаққи хеш] медонанд. Огоҳ бошед! [Ин инфоқ] Мояи наздикии онҳост. Аллоҳ таоло [дар қиёмат] ононро дар ҷивори раҳмати хеш дархоҳад овард. Бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст» (Сураи Тавба 99)

Ва таъом додан, Дар Қуръони карим омадааст:

﴿وَيُطۡعِمُونَ ٱلطَّعَامَ عَلَىٰ حُبِّهِۦ مِسۡكِينٗا وَيَتِيمٗا وَأَسِيرًا ٨ إِنَّمَا نُطۡعِمُكُمۡ لِوَجۡهِ ٱللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنكُمۡ جَزَآءٗ وَلَا شُكُورًا ٩﴾ [الانسان: ٨، ٩]

"Ва ғизоро бо ин ки [ниёз ва] дӯст доранд, ба мустаманду ятим ва асир мебахшанд. 8 [Ва дар дил мегӯянд] «Мо фақат ба хотири Аллоҳ таоло ба шумо ғизо медиҳем, на аз шумо подоше мехоҳем ва на сипосе. 9" (Сураи Инсон 8-9)

Имон ба улуҳияти Аллоҳ таоло лозима ва муқтазои имон ба рубубияти Ӯ таоло аст. Бино бар ин ҳар касе ки ба офаридгор ва молику мудаббир будани Аллоҳ иқрор кунад, бояд ба улуҳияташ низ иқрор кунад ва фақат Ӯро ибодат намояд. Аллоҳи мутаол дар оятҳои гуногуне аз Қуръони карим ба ин иқрор ҳуҷҷат бар мушриконро тамом кардааст. Монанди:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱعۡبُدُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِي خَلَقَكُمۡ وَٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ٢١ ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلۡأَرۡضَ فِرَٰشٗا وَٱلسَّمَآءَ بِنَآءٗ وَأَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ فَأَخۡرَجَ بِهِۦ مِنَ ٱلثَّمَرَٰتِ رِزۡقٗا لَّكُمۡۖ فَلَا تَجۡعَلُواْ لِلَّهِ أَندَادٗا وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٢٢﴾ [البقرة: ٢١، ٢٢]

«Эй мардум, Парвардигори худро парастиш кунед; он касе, ки шумо ва пешиниёни шуморо офарид. Бошад, ки парҳезгор шавед. 21 Он, ки заминро барои шумо бигустурд ва осмонро

[ҳамчун сақфе] болои саратон қарор дод ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он анвои меваҳоро ба вуҷуд овард, то рӯзии шумо бошад. Бинобар ин барои Аллоҳ таоло ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки [ҳақиқатро] медонед. 22» (Сураи Бақара 21-22)

﴿قُلۡ مَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ أَمَّن يَمۡلِكُ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَمَن يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ
ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَمَن يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَۚ فَسَيَقُولُونَ ٱللَّهُۚ فَقُلۡ أَفَلَا تَتَّقُونَ ٣١ فَذَٰلِكُمُ
ٱللَّهُ رَبُّكُمُ ٱلۡحَقُّۖ فَمَاذَا بَعۡدَ ٱلۡحَقِّ إِلَّا ٱلضَّلَٰلُۖ فَأَنَّىٰ تُصۡرَفُونَ ٣٢﴾ [يونس : ٣١، ٣٢]

«[Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Кист, ки аз осмону замин ба шумо рӯзӣ мебахшад? Ё кист, ки бар гӯшҳо ва дидагон ҳоким аст? Ва кист, ки [мавҷуди] зиндаро аз [модаи] беҷон берун меоварад ва [модаи] беҷони мурдаро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад? Ва кист, ки кори [ҷаҳону ҷаҳониён]-ро тадбир мекунад»? Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ таоло». Пас, бигӯ: «Оё парво намекунед»? 31 Ва пас аз ҳақиқат ҷуз гумроҳӣ чист? Пас, чигуна [аз ҳақ] бозгардонда мешавед? 32» (Сураи Юнус 31-32)

﴿قُلِ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ وَسَلَٰمٌ عَلَىٰ عِبَادِهِ ٱلَّذِينَ ٱصۡطَفَىٰٓۗ ءَآللَّهُ خَيۡرٌ أَمَّا يُشۡرِكُونَ ٥٩ أَمَّنۡ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ
وَٱلۡأَرۡضَ وَأَنزَلَ لَكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ فَأَنۢبَتۡنَا بِهِۦ حَدَآئِقَ ذَاتَ بَهۡجَةٖ مَّا كَانَ لَكُمۡ أَن تُنۢبِتُواْ
شَجَرَهَآۗ أَءِلَٰهٞ مَّعَ ٱللَّهِۚ بَلۡ هُمۡ قَوۡمٞ يَعۡدِلُونَ ٦٠ أَمَّن جَعَلَ ٱلۡأَرۡضَ قَرَارٗا وَجَعَلَ خِلَٰلَهَآ أَنۡهَٰرٗا
وَجَعَلَ لَهَا رَوَٰسِيَ وَجَعَلَ بَيۡنَ ٱلۡبَحۡرَيۡنِ حَاجِزًاۗ أَءِلَٰهٞ مَّعَ ٱللَّهِۚ بَلۡ أَكۡثَرُهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ ٦١ أَمَّن
يُجِيبُ ٱلۡمُضۡطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكۡشِفُ ٱلسُّوٓءَ وَيَجۡعَلُكُمۡ خُلَفَآءَ ٱلۡأَرۡضِۗ أَءِلَٰهٞ مَّعَ ٱللَّهِۚ قَلِيلٗا مَّا
تَذَكَّرُونَ ٦٢ أَمَّن يَهۡدِيكُمۡ فِي ظُلُمَٰتِ ٱلۡبَرِّ وَٱلۡبَحۡرِ وَمَن يُرۡسِلُ ٱلرِّيَٰحَ بُشۡرَۢا بَيۡنَ يَدَيۡ رَحۡمَتِهِۦٓۗ
أَءِلَٰهٞ مَّعَ ٱللَّهِۚ تَعَٰلَى ٱللَّهُ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ٦٣ أَمَّن يَبۡدَؤُاْ ٱلۡخَلۡقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥ وَمَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ
ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِۗ أَءِلَٰهٞ مَّعَ ٱللَّهِۚ قُلۡ هَاتُواْ بُرۡهَٰنَكُمۡ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ٦٤﴾ [النمل : 59-64]

"Бигӯ: «Ситоишу сипос аз они Аллоҳ таоло аст ва салом бар бандагонаш, ки [ононро] баргузидааст» Оё Аллоҳ таоло беҳтар аст ё он чи [бо Ӯ] шарик месозанд? 59 [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки осмонҳо ва заминро офарид ва аз осмон бароятон обе нозил кард ва бо он борон бӯстонҳое хуррам

[-у зебо] рӯёнидем, ки ҳаргиз тавони рӯёнидани дарахтонро надоштед? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло аст? [Ҳаргиз] Балки онҳо гурӯҳе ҳастанд, ки [махлуқотро] ҳамтирози [Аллоҳ таоло] қарор медиҳанд. 60 [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки заминро қароргоҳи [амне] сохт ва миёнаш ҷӯйборҳое равон кард ва барояш кӯҳҳое [устувор] падид овард ва миёни ду дарё монеае қарор дод [то оби шӯру ширин бо ҳам наёмезанд]? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? [Ҳаргиз] Аммо бештарашон намедонанд. 61 [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки [дуои] дармондаро – чун бихондаш – иҷобат мекунад ва гирифториро бартараф месозад ва шуморо ҷонишинони [пешиниён дар] замин қарор медиҳад? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? Чи андак панд мегиред! 62 [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки дар торикиҳои биёбон ва дарё [ба василаи моҳу ситорагон] ҳидоятатон мекунад ва он ки пеш аз [борони] раҳматаш бодҳоро ба мужда мефиристад? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? Аллоҳ таоло аз он чи [барояш] шарик қарор медиҳанд, бартар аст. 63 [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки офариниширо оғоз кард ва сипас онро бозмегардонад ва [ё] он ки аз осмон ва замин ба шумо рӯзӣ медиҳад? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? Бигӯ: «Агар ростгӯед, далелатонро биёваред» 64" (Сураи Намл 59-64)

Бар ин асос Аллоҳ таоло бо иқрор гирифтан аз мушрикон ба тавҳиди рубубият, ҳуҷҷатро бар онон барои исботи тавҳиди улуҳият тамом кард.

Ҳамонгуна, ки улуҳияти худоёни мушриконро бо ин далил ботил сохт, ки онҳо муттасиф ба ҳеҷ яке аз сифатҳои рубубият нестанд. Чунон ки мефармояд:

﴿ أَيُشْرِكُونَ مَا لَا يَخْلُقُ شَيْـًٔا وَهُمْ يُخْلَقُونَ ١٩١ وَلَا يَسْتَطِيعُونَ لَهُمْ نَصْرًا وَلَآ أَنفُسَهُمْ
يَنصُرُونَ ١٩٢ وَإِن تَدْعُوهُمْ إِلَى ٱلْهُدَىٰ لَا يَتَّبِعُوكُمْ ۚ سَوَآءٌ عَلَيْكُمْ أَدَعَوْتُمُوهُمْ أَمْ أَنتُمْ صَٰمِتُونَ
١٩٣ إِنَّ ٱلَّذِينَ تَدْعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ عِبَادٌ أَمْثَالُكُمْ ۖ فَٱدْعُوهُمْ فَلْيَسْتَجِيبُوا۟ لَكُمْ إِن كُنتُمْ

صَٰدِقِينَ ١٩٤ أَلَهُمۡ أَرۡجُلٞ يَمۡشُونَ بِهَآۖ أَمۡ لَهُمۡ أَيۡدٖ يَبۡطِشُونَ بِهَآۖ أَمۡ لَهُمۡ أَعۡيُنٞ يُبۡصِرُونَ بِهَآۖ أَمۡ
لَهُمۡ ءَاذَانٞ يَسۡمَعُونَ بِهَاۗ قُلِ ٱدۡعُواْ شُرَكَآءَكُمۡ ثُمَّ كِيدُونِ فَلَا تُنظِرُونِ ١٩٥ إِنَّ وَلِـِّۧيَ ٱللَّهُ ٱلَّذِي
نَزَّلَ ٱلۡكِتَٰبَۖ وَهُوَ يَتَوَلَّى ٱلصَّٰلِحِينَ ١٩٦ وَٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ لَا يَسۡتَطِيعُونَ نَصۡرَكُمۡ
وَلَآ أَنفُسَهُمۡ يَنصُرُونَ ١٩٧ وَإِن تَدۡعُوهُمۡ إِلَى ٱلۡهُدَىٰ لَا يَسۡمَعُواْۖ وَتَرَىٰهُمۡ يَنظُرُونَ إِلَيۡكَ وَهُمۡ لَا
يُبۡصِرُونَ ١٩٨ ﴾ [الاعراف: ١٩٠، ١٩٧]

"Оё чизҳоеро шарик мегиранд, ки чизе намеофаранд ва худ офарида мешаванд? 191 Ва наметавонанд ононро ёрӣ кунанд ва на хештанро ёрӣ медиҳанд. 192 Ва [эй мушрикон] агар онҳо [бутҳо]-ро ба ҳидоят даъват кунед, аз шумо пайравӣ намекунанд. Чи даъваташон кунед ё хомӯш бошед, бароятон яксон аст [ва посухе нахоҳед шунид]. 193 Бе гумон, онҳое, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло мехонед, офаридагоне ҳамчун шумо ҳастанд [аммо ҷомид ва берӯҳ], пас, онҳоро [дар сахтиҳо] бихонед. Агар рост мегӯед, бояд посухатонро бидиҳанд. 194 Оё [бутҳое, ки маъбуди худ медонед] пойҳое доранд, ки бо онҳо роҳ биравand ё дастҳое доранд, ки бо онҳо [ёриатон диҳанд ва аз шумо] дифоъ кунанд? Оё чашмоне доранд, ки бо онҳо бубинанд ё гӯшҳое доранд, ки бо онҳо бишнаванд? [Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Шариконатонро бихонед, сипас [алайҳи ман] тадбир [-у найранг] кунед ва маро муҳлат надиҳед.195 Бе тардид, [дӯсту] корсози ман Аллоҳ таоло аст, ки [ин] китобро нозил кардааст ва Ӯ барои шоистагон [дӯстӣ ва] корсозӣ мекунад. 196 Ва касонеро, ки [шумо мушрикон] ба ҷойи Ӯ мехонед, наметавонанд шуморо ёрӣ кунанд ва на ба хештан ёрӣ расонанд. 197 Ва агар ононро ба ҳидоят даъват кунед, [суханонатонро] намешунаванд ва ононро мебинӣ, ки [зоҳиран] ба ту нигоҳ мекунанд, дар ҳоле [ҷимодоте ҳастанд] ки намебинанд» 198" (Сураи Аъроф 191-198)

﴿ وَٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ ءَالِهَةٗ لَّا يَخۡلُقُونَ شَيۡـٔٗا وَهُمۡ يُخۡلَقُونَ وَلَا يَمۡلِكُونَ لِأَنفُسِهِمۡ ضَرّٗا وَلَا نَفۡعٗا
وَلَا يَمۡلِكُونَ مَوۡتٗا وَلَا حَيَوٰةٗ وَلَا نُشُورٗا ٣ ﴾ [الفرقان: ٣]

«Ва [мушрикон] ба ҷойи Ӯ [Аллоҳ таоло] маъбудоне баргузидаанд, ки чизе намеофаринанд ва худ офарида

мешаванд ва молики ҳеҷ зиёну суде барои худ нестанд ва [низ] молики маргу зиндагӣ ва [қодир ба] барангехтани [мурдагон] нестанд.» (Сураи Фурқон 3)

﴿ قُلِ ٱدۡعُواْ ٱلَّذِينَ زَعَمۡتُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ لَا يَمۡلِكُونَ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا لَهُمۡ فِيهِمَا مِن شِرۡكٖ وَمَا لَهُۥ مِنۡهُم مِّن ظَهِيرٖ ٢٢ وَلَا تَنفَعُ ٱلشَّفَٰعَةُ عِندَهُۥٓ إِلَّا لِمَنۡ أَذِنَ لَهُۥۚ حَتَّىٰٓ إِذَا فُزِّعَ عَن قُلُوبِهِمۡ قَالُواْ مَاذَا قَالَ رَبُّكُمۡۖ قَالُواْ ٱلۡحَقَّۖ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡكَبِيرُ ٢٣ ﴾ [سبا: ٢٢، ٢٣]

«[Эй паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Касонеро, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло [ёвар ва шафоатгари худ] мепиндоред, [ба фарёд] бихонед. Онон ҳатто ҳамсанги заррае дар осмонҳо ва замин молики чизе нестанд ва на дар [офариниш ва тадбири] он ду [замину осмон] ширкате доранд ва на Ӯ [ Аллоҳ таоло] аз ҷониби онон ҳеҷ пуштибоне дорад. 22 Шафоат [ҳеҷ кас] назди Ӯ [Аллоҳ таоло] суде надорад; магар барои он ки [Аллоҳ таоло] ба ӯ иҷозат дода бошад. [Дар он рӯз фариштагон аз хавф ва ҳайбати илоҳӣ тарсонанд] то онгоҳ, ки изтироб [ва ташвиш] аз дилҳояшон бартараф мегардад, [гурӯҳе аз онон ба гурӯҳи дигар] мегӯянд: «Парвардигоратон чӣ гуфт?» [Онон дар посух] мегӯянд: «ҳақро [фармуд] ва Ӯ баланмартабаи бузург аст»» (Сураи Сабаъ 22-23)

Бо таваҷҷуҳ бар матолиби дар боло зикршуда, ширк дар ибодати Аллоҳ таоло:

**1, Бадтарин навъи зулм аст:**

﴿ إِنَّ ٱلشِّرۡكَ لَظُلۡمٌ عَظِيمٞ ١٣ ﴾ [لقمان: ١٣]

"Бегумон ширк, зулму ситами бузурге аст" (Сураи Луқмон 13)

Зеро боиси ноқис донистани сифатҳои Аллоҳ таоло ва додани ҳаққи холиси Ӯ ба дигарон ва яксон донистани ғайри Аллоҳ бо Ӯ таоло мебошад. Чунон ки Аллоҳ таоло фармудааст:

﴿ ثُمَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِرَبِّهِمۡ يَعۡدِلُونَ ۝١ ﴾ [الانعام: ١]

«Сипас касоне ки кофир шудаанд, бо парвардигори хеш дигареро баробар медоранд (ва ба Ӯ ширк меоваранд)» (Сураи Анъом 1)

**2, Бузургтарин гуноҳи кабира аст:** Расули Аллоҳ фармуданд:

قَالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «أَلاَ أُنَبِّئُكُمْ بِأَكْبَرِ الكَبَائِرِ؟» ثَلاَثًا، قَالُوا: بَلَى يَا رَسُولَ اللَّهِ، قَالَ: «الإِشْرَاكُ بِاللَّهِ،»

«Оё шуморо аз бузургтарин гуноҳи кабира хабар насозам?» Се маротиба ин матлабро баён карданд, Саҳоба (Худованд аз онҳо розӣ бод) посух доданд: Бале эй Расули Аллоҳ! Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Ширк варзидан ба Аллоҳ таоло» Ҳадис муттафақун алайҳи аст.(10)

**3, Бузургтарин гуноҳ аст:** Аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) пурсиданд, чи гуноҳе назди Аллоҳ аз ҳама гуноҳон бадтару бузургтар аст? Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

عَنْ عَبْدِ اللَّهِ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ قَالَ: سَأَلْتُ – أَوْ سُئِلَ – رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: أَيُّ الذَّنْبِ عِنْدَ اللَّهِ أَكْبَرُ، قَالَ: «أَنْ تَجْعَلَ لِلَّهِ نِدًّا وَهُوَ خَلَقَكَ»

"Инки барои Аллоҳ таоло шарик қарор диҳи, дар ҳоле ки Ӯ туро офаридааст."Ҳадисмуттафақуналайҳимебошад.(11)

**4, Сабаби бадбахти ва гирифтори дар гумроҳи ва инҳироф мешавад. Аллоҳ таоло мефармояд:**

(10) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 2652, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 87, ба ривояти Абубакра(Худованд аз ӯ розӣ бод) .

(11) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 4477, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 86, ба ривояти Абдуллоҳ ибни Масъуд (Худованд аз ӯ розӣ бод), Дар ин ду китоб омадааст, ки ибни Масъуд ин саволро аз паёмбар (с) пурсидааст.

﴿ وَمَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَكَأَنَّمَا خَرَّ مِنَ ٱلسَّمَآءِ فَتَخۡطَفُهُ ٱلطَّيۡرُ أَوۡ تَهۡوِي بِهِ ٱلرِّيحُ فِي مَكَانٖ سَحِيقٖ ۝٣١ ﴾ [الحج : ٣١]

«Ва касе ки ба Аллоҳ ширк оварад, пас гуё аз осмон афтодааст, онгоҳ парандагон (гуштхур) ӯро мерабоянд, ё бод ӯро ба ҷойи бисёр дур партоб мекунад» (Сураи Ҳаҷ 31)

Аллоҳ таоло ба сабаби бади ва зиштии зиёди ширк, аҳкоми дунявӣ ва ухравиро барои он тартиб додааст. Аз ҷумла:

**1, Набахшидан**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُۚ وَمَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱفۡتَرَىٰٓ إِثۡمًا عَظِيمًا ۝٤٨ ﴾ [النساء : ٤٨]

" Бе гумон, Аллоҳ таоло ин гуноҳро, ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад ва ғайр аз онро – барои ҳар ки бихоҳад – мебахшад; ва ҳар ки ба Аллоҳ таоло ширк варзад, яқинан, гуноҳи бузург ба гардан гирифтааст" (Сураи Нисо 48)

**2, Маҳрум шудан аз биҳишт ва ҷовидон мондан дар ҷаҳаннам.**

Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ۝٧٢ ﴾ [المائدة: ٧٢]

«Ҳамоно ҳар кас ба Аллоҳ ширк оварад, Аллоҳ таоло биҳиштро бар ӯ ҳаром кардааст, ҷойгоҳаш дӯзах аст ва ситамгоронро ёваре нест» (Сураи Моида 72)

### 3, Ботил шудани ҳамаи амалҳо.

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَلَقَدۡ أُوحِيَ إِلَيۡكَ وَإِلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكَ لَئِنۡ أَشۡرَكۡتَ لَيَحۡبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٦٥ ﴾ [الزمر: ٦٤]

«Ва ба рости, ки ба ту ва ба касоне ки пеш аз ту буданд, ваҳйи шуд, ки агар ширк варзӣ, қатъан амалҳоят (табоҳ ва) нобуд мешавад ва аз зиёнкорон хоҳи буд» (Сураи Зумар 65)

### 4, Аз байн рафтани арзиш ва ҳурмати хуну мол.

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿فَإِذَا ٱنسَلَخَ ٱلۡأَشۡهُرُ ٱلۡحُرُمُ فَٱقۡتُلُواْ ٱلۡمُشۡرِكِينَ حَيۡثُ وَجَدتُّمُوهُمۡ وَخُذُوهُمۡ وَٱحۡصُرُوهُمۡ وَٱقۡعُدُواْ لَهُمۡ كُلَّ مَرۡصَدٖۚ فَإِن تَابُواْ وَأَقَامُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَوُاْ ٱلزَّكَوٰةَ فَخَلُّواْ سَبِيلَهُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٥ ﴾ [التوبة: 5]

«Пас, чун моҳҳои ҳаром сипарӣ шуд, мушриконро ҳар куҷо ёфтед, бикушед ва ононро дастгир кунед ва дар муҳосира бигузоред ва дар ҳар гузаргоҳе ба камини онон бинишинед. Пас, агар тавба карданд ва намоз барпо доштанд ва закот пардохтанд, раҳояшон кунед, [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст» (Сураи Тавба 5)

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: « أُمِرْتُ أَنْ أُقَاتِلَ النَّاسَ حَتَّى يَقُولُوا: لاَ إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، فَمَنْ قَالَ: لاَ إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، فَقَدْ عَصَمَ مِنِّي نَفْسَهُ وَمَالَهُ، إِلَّا بِحَقِّهِ وَحِسَابُهُ عَلَى اللَّهِ «

«Дастур ёфтам бо мардум биҷангам, то гувоҳӣ диҳанд, ки фақат Аллоҳ маъбуд (и барҳақ) аст. Ва пас ҳаркас чунин бигӯяд (ки танҳо Аллоҳ маъбуди барҳақ ва шоистаи ибодат аст) хун ва молашро аз ман ҳифозат намудааст, магар ба ҳаққи он (ислом) ва ҳисобашон бо Аллоҳ таоло аст» Ҳадиси

муттафақун алайҳи аст.[12]

Гуруҳҳое аз мардум дар ин замина гумроҳ ва мунҳариф шудаанд. Аз ҷумла:

**1, Бутпарастон**

Бутпарастон маъбудон ва худоёни гуногуне доранд. Маъбудоне аз дарахт, санг, инсон, ҷин, фариштагон, ва ситорагону ҳайвонот, ки шайтон ононро аз ин роҳ гумроҳ месозад.

**2, Қабрпарастон**

Касоне ки соҳибони қабрҳо ва мурдагонро дуо мекунанд, ва барояшон назру қурбонӣ мекунанд ва аз онон дархости ёрӣ ва ҷалби манфиату дафъи зарар доранд.

**3, Соҳирон, шуъбадабозон ва коҳинону фолбинон**

Касоне ки ҷиниёнро ибодат мекунанд, ба умеди онки ба онҳо хабаре бидиҳанд, ё чизеро барояшон ҳозир кунанд, ё коре барояшон анҷом диҳанд.

Аз онҷо ки хатари шарк дар ибодатҳо бисёр зиёд аст, Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар мавриди асбобе ки мунҷар ба ширк мешавад, ҳӯшдор дода ва роҳҳои гирифтор шудан ба онро масдуд карда ва дар ин бора рӯшноӣ андохта аст. Аз ҷумла:

(12) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 1399, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 20, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод), Ва низ саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 25, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 22, ба ривояти ибни Умар (Худованд аз ӯ розӣ бод).

**1,** **Бархазар доштан аз ғулувв ва зиёдаравӣ дар бораи солеҳон.**

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

« إِيَّاكُمْ وَالْغُلُوَّ فِي الدِّينِ، فَإِنَّهُ أَهْلَكَ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمُ الْغُلُوُّ فِي الدِّينِ»

«Аз ғулувв ва зиёдаравӣ бипарҳезед, зеро ғулувв дар дин шахсонеро, ки пеш аз шумо буданд ҳалок кард» (13)

Ва низ фармуданд:

«لاَ تُطْرُونِي، كَمَا أَطْرَتْ النَّصَارَى ابْنَ مَرْيَمَ، فَإِنَّمَا أَنَا عَبْدُهُ، فَقُولُوا عَبْدُ اللَّهِ، وَرَسُولُهُ»

«Дар мадҳу тавсифи ман зиёдаравӣ накунед, чунонки насрониҳо дар тавсифи писари Марям зиёдаравӣ карданд, ҳамоно ман фақат бандаи Аллоҳ ҳастам, Пас бигӯед: Банда ва фиристодаи илоҳӣ аст.» (14)Яке аз навъҳои ғулувв ва зиёдаравӣ дар мавриди солеҳон, тавассул ба онон аст. Ва тавассул чанд навъ аст:

Якум: **Тавассули ширкӣ, ки сабаби берун шудани мусалмон аз доираи ислом мешавад:** Ки иборат аст аз фаро хондани шахсони солеҳ ба ҷои Аллоҳ, барои бар тараф кардани ниёзҳо ва дур намудани мусибатҳо.

Дуввум: **Тавассули бидъӣ, ки ба дараҷаи ширк намерасад,** иборат аст аз тавассул ба Аллоҳ ба воситае ки Аллоҳ таоло онро машруъ накардааст, монанди тавассул ба зот ё мақом ё ҳақ ё ҳурмати солеҳон ва дигар ҳолатҳои ба ин монанд.

Севум: **Тавассули машруъ ва ҷоиз**, иборат аст аз тавассул ҷустан ба имон ба Аллоҳ таоло ва итоъат аз Ӯ ва хондани Аллоҳ таоло бо ном ва сифате аз номҳо ва сифатҳояш, Ё тавассул ба амали неке ки фарди дуокунанда онро анҷом додааст, Ё

(13) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 1851, 3248, Насоӣ, шумораи ҳадис 3059, Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 3029, ба ривояти ибни Аббос (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(14) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3445, ба ривояти Умари Форуқ (Худованд аз ӯ розӣ бод)

дархости дуо аз бандаи солеҳ дар амри умумӣ.

Аммо ин сухани ҳазрати Умар, ки гуфт:

«اللَّهُمَّ إِنَّا كُنَّا نَتَوَسَّلُ إِلَيْكَ بِنَبِيِّنَا فَتَسْقِينَا، وَإِنَّا نَتَوَسَّلُ إِلَيْكَ بِعَمِّ نَبِيِّنَا فَاسْقِنَا»

"Парвардигоро! Мо қаблан ба василаи паёмбарамон ба ту мутавассил мешудем ва Ту ба мо об (борон) медоди ва акнун ба василаи амаки паёмбарамон ба Ту тақарруб ва тавассул меҷӯем, пас ба мо борон бидеҳ"(15), тавассул ба дуои Аббос (Худованд аз ӯ розӣ бод) аст, Чун ӯ хеши паёмбар буд, Ва Умари Форуқ ба зот ва шахси Аббос мутавассил нашуд ва агар тавассул ба ашхос ҷоиз мебуд, қатъан ба Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) тавассул меҷустанд, ҳатто баъд аз вафоташон.

## 2, Барҳазар доштан аз ба фитна афтодан бар асари қабрҳо.

Аз тасдиққунандагони он иборат аст:

- Таъйини қабрҳо ба унвони масҷид ва ҷои намозгузори.

لَمَّا نَزَلَ بِرَسُولِ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ طَفِقَ يَطْرَحُ خَمِيصَةً لَهُ عَلَى وَجْهِهِ، فَإِذَا اغْتَمَّ بِهَا كَشَفَهَا عَنْ وَجْهِهِ، فَقَالَ وَهُوَ كَذَلِكَ: «لَعْنَةُ اللَّهِ عَلَى اليَهُودِ وَالنَّصَارَى، اتَّخَذُوا قُبُورَ أَنْبِيَائِهِمْ مَسَاجِدَ»

Модари муъминон Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) мегӯяд: Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар бемории вафоташон фармуданд: "Лаънати Аллоҳ бар яҳудиёну насрониҳо бод, ки қабрҳои паёмбаронашонро масоҷид (ҷои ибодат) қарор доданд." Ӯ мардумро аз амали онон барҳазар доштанд ва агар тарс аз ин кор набуд, қатъан қабри эшон ошкору баланд мешуд, аммо бим аз он буд, ки шояд масҷид ё макони ҷамъомад интихоб шавад. Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.(16)

(15) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 1010, аз тариқи Анас ва ӯ аз ҳазрати Умар (Худованд аз онҳо розӣ бод)

(16) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 435, 436, 1390, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис

« أَلَا وَإِنَّ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمْ كَانُوا يَتَّخِذُونَ قُبُورَ أَنْبِيَائِهِمْ وَصَالِحِيهِمْ مَسَاجِدَ، أَلَا فَلَا تَتَّخِذُوا الْقُبُورَ مَسَاجِدَ، إِنِّي أَنْهَاكُمْ عَنْ ذَلِكَ»

Ва Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Бидонед ва огоҳ бошед! Касоне ки пеш аз шумо буданд, қабрҳои паёмбарон ва шахсони солеҳашонро макони ибодат қарор медоданд. Огоҳ бошед, ки қабрҳоро ба унвони масҷидҳо интихоб накунед. Ҳамоно ман шуморо аз ин кор боз медорам.»(17)

Таъйини қабрҳо ба унвони масҷид, яъне қасди намоз хондан дар канори онҳо аст, гарчанде бар болояшон масҷид бино нашавад, Зеро масҷид ба маънои ҷои саҷдагоҳ аст.

- Сохтани бино бар рӯйи қабрҳо ва афзудани масолеҳи сохтмонӣ, ҷуз хок ва низ гаҷкорӣ бар рӯйи қабрҳо:

عَنْ أَبِي الْهَيَّاجِ الْأَسَدِيِّ، قَالَ: قَالَ لِي عَلِيُّ بْنُ أَبِي طَالِبٍ: أَلَا أَبْعَثُكَ عَلَى مَا بَعَثَنِي عَلَيْهِ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ؟ «أَنْ لَا تَدَعَ تِمْثَالًا إِلَّا طَمَسْتَهُ وَلَا قَبْرًا مُشْرِفًا إِلَّا سَوَّيْتَهُ»

Абулҳайоҷи Асадӣ мегӯяд: "Али ибни Абитолиб ба ман гуфт: Оё туро барои коре, ки Расули Аллоҳ манро барои анҷом додани он фиристод, нафиристам? Инки ҳеҷ муҷассамаеро нагузори, магар инки онро аз байн бибари ва ҳеҷ қабри аз сатҳи замин баландро раҳо накуни, магар инки онро ҳамвор ва баробар бо сатҳизаминбигардонӣ."(18)

عَنْ جَابِرٍ، قَالَ: «نَهَى رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ أَنْ يُجَصَّصَ الْقَبْرُ، وَأَنْ يُقْعَدَ عَلَيْهِ، وَأَنْ يُبْنَى عَلَيْهِ»

Ҷобир ибни Абдуллоҳ мегӯяд:» Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) наҳйи карданд, аз инки қабр гаҷкори шавад, ё бар он нишаста шавад ва ё инки бар он биное сохта

529, 531.

(17) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 532, ба ривояти Ҷундуб (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(18) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 969.

шавад.»[19] Гунбадгузори ва оростану нақшу нигор додан ба қабр низ дар ин наҳйи дохил аст.

- Сафар кардан барои рафтан ба қабристон:

عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: « لاَ تُشَدُّ الرِّحَالُ إِلَّا إِلَى ثَلاَثَةِ مَسَاجِدَ: المَسْجِدِ الحَرَامِ، وَمَسْجِدِ الرَّسُولِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، وَمَسْجِدِ الأَقْصَى »

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:» Бори сафар баста нашавад, магар барои се масҷид, масҷидулҳаром (ҳарами Макка (каъба)), ин масҷиди ман (масҷиди Паёмбар(Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар Мадинаи мунаввара), ва масҷиди Ақсо (дар Фаластин)» Ҳадиси муттафақун алайҳи аст.[20]

- Таъйини қабри Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ба унвони макони ҷашн ва ҷамъомад:

قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «لَا تَجْعَلُوا قَبْرِي عِيدًا»،

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) мефармоянд: "Қабри манро макони ҷашну таҷаммуъ қарор надиҳед"[21]

Ид, яъне макон ё замоне ки мардум дар он замон ё макон ҷамъ мешаванд ва ҷашн мегиранд.

**3, Барҳазар доштан аз монанди кардан ба мушрикон ва аҳли китоб дар эътиқод ва ибодатҳо ва одатҳо ва расму русуми хосси онон.**

(19) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 970.

(20) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 1189, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1397, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(21) Абудовуд, шумораи ҳадис 2042, ба ривояти Абуҳурайра. (Дар ривояти Абудовуд бо лафзи “Қабри манро макони ид ва ҷашн нагардонед” омадааст, Аммо дар Муснади Аҳмад бо шумораи 8804, бо матни “ Қабри манро макони ҷашну таҷаммуъ қарор надиҳед” омадааст, тасҳеҳшуда)

عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: « خَالِفُوا الْمُشْرِكِينَ»

قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «خَالِفُوا الْمَجُوسَ»

قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «خَالِفُوا الْيَهُودَ»

Расули Аллоҳ фармуданд; «Бо мушрикон мухолифат кунед»[(22)] (дар эътиқод ва ибодатҳо ва одатҳо ва расму русуми хосси онон), ин ҳадис муттафақун алайҳи мебошад. Ва низ фармуданд: «Бо маҷусиён (оташпарастон) мухолифат кунед»[(23)] ва фармуданд: « Бо яҳудиён мухолифат кунед».[(24)]

### 4, Бар ҳазар доштан аз муҷассамасозӣ ва тасвир.

عَنْ عَائِشَةَ، أَنَّ أُمَّ حَبِيبَةَ، وَأُمَّ سَلَمَةَ ذَكَرَتَا كَنِيسَةً رَأَيْنَهَا بِالْحَبَشَةِ فِيهَا تَصَاوِيرُ لِرَسُولِ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «إِنَّ أُولَئِكَ، إِذَا كَانَ فِيهِمُ الرَّجُلُ الصَّالِحُ، فَمَاتَ، بَنَوْا عَلَى قَبْرِهِ مَسْجِدًا، وَصَوَّرُوا فِيهِ تِلْكَ الصُّوَرَ، أُولَئِكَ شِرَارُ الْخَلْقِ عِنْدَ اللهِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ»

Модари муъминон Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят мекунад, ки модари муъминон Умми Салама (Худованд аз ӯ розӣ бод) аз калисое, ки дар Ҳабаша (Эфиопия) дида буд ва муҷассамаҳо ва тасвирҳое ки дар он дида буд назди Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) нақл кард, паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: "Онҳо қавме ҳастанд, ки ҳаргоҳ марди солиҳе аз миёнашон фавт кард, бар қабри ӯ масҷид месохтанд ва он тасвирҳо (ва муҷассамаҳо) ро дар он мекашиданд, ин афрод назди Аллоҳ бадтарин махлуқот ҳастанд"[(25)] Ҳадиси муттафақун алайҳи аст.

(22) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 5892, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 259, ба ривояти ибни Умар (Худованд аз онҳо розӣ бод)

(23) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 260, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод).

(24) Абудовуд, шумораи ҳадис 652, ба ривояти Шаддод ибни Авс (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(25) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 434, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 528, матни ривоят аз Бухорӣ мебошад.

**5, Бар ҳазар доштан аз баёни иборат ва калимаҳои ширкомез.**

Аз тасдиққунандаи он, ин ибораҳо аст:

А, Савганд ёд кардан ба ғайри Аллоҳ: зеро Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

فَقَالَ ابْنُ عُمَرَ: لاَ يُحْلَفُ بِغَيْرِ اللهِ، فَإِنِّي سَمِعْتُ رَسُولَ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يَقُولُ: مَنْ حَلَفَ بِغَيْرِ اللهِ فَقَدْ كَفَرَ أَوْ أَشْرَكَ.

"Ҳар касе ба ғайри Аллоҳ савганд ёд кунад, қатъан, куфр ё ширк варзидааст " (26)

Б, Баробари дар ирода ва машият (хостан):

عَنِ ابْنِ عَبَّاسٍ: أَنَّ رَجُلًا، أَتَى النَّبِيَّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ فَكَلَّمَهُ فِي بَعْضِ الْأَمْرِ، فَقَالَ: مَا شَاءَ اللهُ وَشِئْتَ، فَقَالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: « أَجَعَلْتَنِي لِلَّهِ عَدْلًا؟ قُلْ: مَا شَاءَ اللهُ وَحْدَهُ»

Чунки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ба касе ки ба он ҳазрат гуфт: Ҳар ончи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ. Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Оё манро бо Аллоҳ яксон қарор доди? Бигӯ: Ончи фақат Аллоҳ бихоҳад»(27)

В, Инки гуфта шавад: бо баромадани фалон ситора бар мо борон борид, зеро дар ҳадиси қудсӣ омадааст, ки:

فَأَمَّا مَنْ قَالَ: مُطِرْنَا بِفَضْلِ اللهِ وَرَحْمَتِهِ فَذَلِكَ مُؤْمِنٌ بِي كَافِرٌ بِالْكَوْكَبِ، وَأَمَّا مَنْ قَالَ: "مُطِرْنَا بِنَوْءِ كَذَا وَكَذَا فَذَلِكَ كَافِرٌ بِي مُؤْمِنٌ بِالْكَوْكَبِ"

"Ва аммо касе ки бигӯяд: Ба сабаби баромадани фалон ва фалон (ситора) бар мо борон борид, пас бар ман кофир шуда ва ба ситора имон дорад."(28) Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.

(26) Сунани Тирмизӣ, шумораи ҳадис 1535, Абудовуд, шумораи ҳадис 3251, Матни ривоят аз Тирмизӣ аст, ва ҳарду онро аз ибни Умар (Худованд аз онҳо розӣ бод) нақл кардаанд.

(27) Насой дар сунани кубро, шумораи ҳадис 10759, ба ривояти ибни Аббос (Худованд аз онҳо розӣ бод)

(28) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 846, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 71, ба

Ва ҳар ончи сабаби нисбат додани тадбир ба ғайри Аллоҳ шавад, бар ҳамин ҳукм қиёс мешавад.

### 6, Бар ҳазар доштан аз корҳое ки мунҷар ба ширк мешавад.

Бархе аз ин корҳо иборатанд аз:

- Бастани ҳалқа ё ришта дар даст ё гардан, бо қасди дур кардани балоҳо ва мусибатҳо,

عن عِمْرَانُ بْنُ حُصَيْنٍ أَنَّ النَّبِيَّ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ أَبْصَرَ عَلَى عَضُدِ رَجُلٍ حَلْقَةً أُرَاهُ قَالَ مِنْ صُفْرٍ فَقَالَ وَيْحَكَ مَا هَذِهِ؟ قَالَ مِنْ الْوَاهِنَةِ قَالَ: أَمَا إِنَّهَا لَا تَزِيدُكَ إِلَّا وَهْنًا انْبِذْهَا عَنْكَ فَإِنَّكَ لَوْ مِتَّ وَهِيَ عَلَيْكَ مَا أَفْلَحْتَ أَبَدًا»

Зеро Имрон ибни Ҳусайн (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят мекунад, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) мардеро дид, ки дар дасташ ҳалқае аз мис дошт. Пас Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Вой бар ту! Ин чист?» Он мард посух дод: Ин барои дарди бозу ва даст аст. Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:» Онро берун биёвар, зеро фоидае ҷуз инки нотавонии туро афзоиш медиҳад, нахоҳад дошт, Ва агар дар ҳоле бимири, ки онро пӯшидаи, ҳаргиз растагорнахоҳишуд.»[29]

- Овезон кардани таъвиза, тумор, муҳра ва садаф, ришта ва сим, ва гарданбанд барои дур кардани чашм, Расули Аллоҳ мефармояд:

"مَنْ عَلَّقَ تَمِيمَةً فَلَا أَتَمَّ اللَّهُ لَهُ وَمَنْ عَلَّقَ وَدَعَةً فَلَا وَدَعَ الله له"

«مَنْ عَلَّقَ تَمِيمَةً فَقَدْ أَشْرَكَ»

ривояти Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод).

(29) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 20000, Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 3531, Саҳеҳи ибни Ҳиббон, шумораи ҳадис 6085.

«لاَ يَبْقَيَنَّ فِي رَقَبَةِ بَعِيرٍ قِلاَدَةٌ مِنْ وَتَرٍ، أَوْ قِلاَدَةٌ إِلَّا قُطِعَتْ»

«Ҳар кас тамимае (тумор, чизе ки ба қасди дафъи чашмзахм ва ..., бар гардан ё дигар аъзои инсон овехта ё гузошта шавад) ро овезон кунад, Аллоҳ таоло хостаашро нофарҷом гузорад, Ва касе ки вадаъа (муҳраҳои сафед, кабуд ё садаф, ки аз дарё баровварда мешавад ва барои дафъи чашмзахм ё дафъи бади истифода мекунанд) ба худ овезон кунад, Аллоҳи мутаол оромишро аз ӯ мегирад. Дар ривояти дигар омадааст, ки:» Ҳар касе тамимае овезон кунад, қатъан ширк варзидааст»(30). Ва низ дар ҳадиси дигаре чунин омадааст: «Дар гардани ҳеҷ шутуре банде набошад, магар инки қатъ карда шавад». Ҳадиси муттафақуналайҳиаст.(31)

- Таъвиз ва афсунҳои ширки ва сеҳру ҷоду. Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«إِنَّ الرُّقَى، وَالتَّمَائِمَ، وَالتِّوَلَةَ شِرْكٌ»

«Ҳамоно таъвиз ва тамоиму афсун ширк аст»(32). Тивала: сеҳру ҷодуйи аст, ки бархе анҷом медиҳанд ва гумон намуда иддиъо мекунанд, ки занро маҳбуби шавҳараш мегардонад.

- Забҳу қурбони дар маконҳои ширкӣ.

نَذَرَ رَجُلٌ عَلَى عَهْدِ رَسُولِ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ أَنْ يَنْحَرَ إِبِلًا بِبُوَانَةَ فَأَتَى النَّبِيَّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، فَقَالَ: إِنِّي نَذَرْتُ أَنْ أَنْحَرَ إِبِلًا بِبُوَانَةَ، فَقَالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «هَلْ كَانَ فِيهَا وَثَنٌ مِنْ أَوْثَانِ الْجَاهِلِيَّةِ يُعْبَدُ؟» قَالُوا: لَا، قَالَ: «هَلْ كَانَ فِيهَا عِيدٌ مِنْ أَعْيَادِهِمْ؟»، قَالُوا: لَا، قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «أَوْفِ بِنَذْرِكَ »

Марде назр карда буд, ки дар "Бувона" (номи макон)

(30) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 17422, Ҳоким дар Мустадрак, шумораи ҳадис 7720, ба ривояти Уқба ибни Омир (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(31) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3005, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2115, ба ривояти Абубашири Ансорӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(32) Абудовуд, шумораи ҳадис 3883, Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 3530, ба ривояти ибни Масъуд (Худованд аз ӯ розӣ бод)

қурбонӣ кунад, Аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар ин бора пурсид, Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: "Оё дар онҷо буте аз бутҳои ҷоҳилият ибодат карда мешуд?" Гуфтанд: На. Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) пурсиданд:"Оё дар онҷо иде аз идҳояшонро ҷашн мегирифтанд?" Гуфтанд: На. Онгоҳ Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: "Ба назрат вафо кун"(33)

- Фоли бад задан,

عَنْ عَبْدِ اللَّهِ بْنِ مَسْعُودٍ، عَنْ رَسُولِ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «الطِّيَرَةُ شِرْكٌ، الطِّيَرَةُ شِرْكٌ»

Ибни Масъуд ба сурати марфуъ ривоят мекунад, ки: "Фоли бад задан ширк аст, фоли бад задан ширк аст".(34)

Ба таври хулоса: Ҳаркас мунҷар ба эҷоди сабабе шавад, ки Аллоҳ таоло онро аз лиҳози ҳиссӣ ва шаръӣ ба унвони сабаб таъйин накардааст, дар ҳақиқат гирифтори ширк шуда ё ба он наздик гашта ва дар масири ширк қарор гирифтааст.

## Чаҳорум: Имон ба номҳо ва сифатҳои Аллоҳ таоло.

Яъне: Эътиқод ва боварии қатъӣ ба инки Аллоҳ таоло номҳои неку ва сифатҳои воло дорад. Ва исботи тамоми номҳо ва сифатҳои комил ва бошукуҳе, ки Аллоҳ таоло онҳоро барои худ дар Қуръони карим баён кардааст, ва низ исботи номҳо ва сифатҳое, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) барои Аллоҳи мутаол дар ҳадисҳояш баён кардааст, бидуни тамсил ва баёни чигунагӣ, Ва инки Аллоҳ таолоро аз тамоми сифатҳои нақсу айб ва сифатҳои мухтасс ба махлуқот, ки Аллоҳ таоло дар китобаш худро муназзаҳ ва пок аз онҳо муаррифи кардааст,

(33) Абудовуд, шумораи ҳадис 3313, ба ривояти Собит ибни Заҳок (Худованд аз ӯ розӣ бод), Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис, 2130, ба ривояти ибни Аббос (Худованд аз онҳо розӣ бод)

(34) Абудовуд, шумораи ҳадис 3910, Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 3538.

ва Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар суннаташ онҳоро аз Худованди мутаол нафйи кардааст, мубарро ва поку муназзаҳ бидонем, бидуни инки дучори таҳриф ва таътили баъзе аз сифатҳо бишавем.

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَاۖ وَذَرُواْ ٱلَّذِينَ يُلۡحِدُونَ فِيٓ أَسۡمَٰٓئِهِۦۚ سَيُجۡزَوۡنَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٨٠ ﴾ [الاعراف: ١٧٩]

«Ва зеботарин номҳо барои Аллоҳ таоло аст, пас, Ӯро ба он [номҳо] бихонед ва касонеро, ки дар [мавриди] номҳояш ба инҳироф мераванд [ва онҳоро таъвилу таҳриф мекунанд] раҳо кунед. Онон ба [сазои]ончи мекарданд, муҷозот хоҳанд шуд.» (Сураи Аъроф 180)

﴿ لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١ ﴾ [الشورى: ١١]

«Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Аллоҳ таоло нест ва Ӯ шунаво ва биност» (Сураи Шуро 11)

Номҳо ва сифатҳои Худованд тавқифӣ ҳастанд ва ақл ба танҳоги қодир ба исботи онҳо нест. Аллоҳ таоло фақат ба сифатҳое тавсиф мешавад, ки худ онҳоро барои худаш исбот фармудааст, ё инки Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод), Аллоҳ таолоро ба онҳо тавсиф кардааст, Ва фақат номҳо ва сифатҳоеро исбот кунем, ки дар Қуръон ва ҳадисҳои саҳеҳ баён шудааст.

Дар мавриди сифатҳое, ки Аллоҳ таоло ва расулаш онҳоро баён накардаанд, сукут мекунем ва онҳоро на нафйи мекунем ва на исбот. Ва дар чунин мавридҳо сукут ва таваққуф воҷиб аст, чи аз ҷиҳати нафйи ва чи аз ҷиҳати исбот. Бинобарин дар чунин мавридҳо аз гӯяндаи он мехоҳем, ки дар мавриди ном ё сифате, ки баён мекунад, тавзеҳ ва равшани диҳад, Пас агар маънои саҳеҳу дуруст дошта бошад, он мафҳум ва маъно пазируфта мешавад ва лафзе, ки ба унвони ном ё сифат ба

кор бурда шудааст, рад мешавад, Вале агар маънои фосид ва ботил дошта бошад, ҳам лафз ва ҳам маъно рад мешавад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَلَا تَقۡفُ مَا لَيۡسَ لَكَ بِهِۦ عِلۡمٌۚ إِنَّ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡبَصَرَ وَٱلۡفُؤَادَ كُلُّ أُوْلَٰٓئِكَ كَانَ عَنۡهُ مَسۡـُٔولٗا ٣٦ ﴾ [الاسراء: ٣٦]

«Ва аз он чи дар борааш донише надорӣ, пайравӣ накун. Бе тардид, [дар қиёмат] гӯшу чашм ва дил аз ҳама инҳо бозхост хоҳад шуд» (Сураи Исро 36)

Номҳои Аллоҳ таоло дар авҷи зебоӣ ва шукуҳ ҳастанд ва муаррифи кунандаи зот ва сифатҳои Ӯ ба шумор меранд. Сифатҳои Аллоҳ таоло низ комиланд ва ҳеҷ нақсе дар онҳо вуҷуд надорад, Чунонки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَلَهُ ٱلۡمَثَلُ ٱلۡأَعۡلَىٰ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٢٧ ﴾ [الروم: ٢٧]

«Ва бартарин васф дар осмонҳо ва замин барои Ӯст ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст» (Сураи Рум 27)

Ин номҳо ва сифатҳо ҳақиқат доранд ва бояд бидуни таҳриф бар зоҳирашон ҳамл шаванд ва инҳирофу илҳод дар ин замина ҳаром аст. Илҳод, ки шомили таътил ва ташбиҳ ё баёни номҳое аст, ки Аллоҳи мутаол барои худаш баён нафармудааст, ё бар гирифтани номҳое барои бутҳо аз номҳои илоҳӣ, ба монанди «Лот», ки аз «Илоҳ» гирифта шудааст, ва «Уззо», ки аз «Азиз» ва «Манот», ки аз «Маннон» гирифта шудааст.

Воҷиб аст, ки Аллоҳи мутаолро дар дуои масъалат (дуое, ки барои баroварда шудани ниёзҳо дуо карда мешавад) ва дуои ибодат (дуое, ки дар он ҳамду санои худованд гуфта мешавад) бо ин номҳо ва сифатҳо бихонем. Ва шоиста аст, ин номҳо ва сифатҳои шумурда шуда ва маъноҳои онҳо фаҳмида шуда ва дар натиҷаҳои онҳо тадаббур гардида ва ба муқтазои онҳо амал гардад. Ва ин беҳтарин ва волотарини илмҳо аст.

Сифатҳои илоҳӣ ба эътибори алоқамандӣ ва иртиботи онҳо ба Аллоҳи мутаол ба навъҳои зер тақсим мешаванд:

## 1, **Сифатҳои зотӣ.**

Сифатҳое ки мулозими зоти муқаддаси илоҳӣ ҳастанд. Монанди: ҳаёт, шунидан, дидан, илм, қудрат, ирода, ҳикмат, қувват, ва ....,

## 2, **Сифатҳои феълӣ.**

Сифатҳое, ки муртабит ба машият ва ҳикмати Ӯ таоло ҳастанд, ки ҳаргоҳ бихоҳад ва ҳаргуна, ки бихоҳад ва бар асоси ҳикматаш онҳоро анҷом медиҳад. Монанди: истиво, нузул, муҳаббат, буғз, хӯшҳоли, таъаҷҷуб, ханда, омадан, ва дигар сифатҳое, ки дар Қуръони карим ё дар ҳадисҳои саҳеҳи Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) баён шудааст.

Дар мавриди баъзе аз сифатҳо, монанди сифати «калом», гуфта мешавад, зотӣ-феълӣ аст. Яъне ба эътибори асли сифат зотӣ аст, ва ба эътибори оҳод ва афродаш феълӣ аст. Ё инки гуфта мешавад: Аз лиҳози навъ қадим ва аз назари оҳод ва афродаш ҳодис аст.

Дар бораи баъзе сифатҳо низ гуфта мешавад, ки сифатҳои хабарӣ ҳастанд, яъне: Сифатҳое, ки роҳи исботи онҳо фақат хабар аст, на ақл, монанди: ваҷҳ, ду даст, ду чашм, қадам ва дигар сифатҳое, ки бо роҳи хабари саҳеҳ исбот шудаанд.

Бархе аз сифатҳои илоҳӣ, ки ба воситаи Қуръон ва суннату иҷмоъ собит шудаанд, сифатҳои зер ҳастанд:

**1, Сифати «Улувв»**

Бар се навъ аст:

1- Улувв-ул-қадр: Яъне Аллоҳ таоло аз ҳар намуд сифатҳои камол, комилтарин ва бартарини онро дорад. Чунонки мефармояд:

﴿ وَلِلَّهِ ٱلْمَثَلُ ٱلْأَعْلَىٰ ۝٦٠ ﴾ [النحل: ٦٠]

«Ва барои Аллоҳ сифати бартар (ва олӣ ) аст.» (Сураи Наҳл 60).

2 - Улувв-ул-қаҳр: Яъне Аллоҳ таоло иззат, қудрат, ғалаба ва тасаллут бар тамоми махлуқоташ дорад. Чунонки дар Қуръони карим омадааст:

﴿ وَهُوَ ٱلْقَاهِرُ فَوْقَ عِبَادِهِۦ ۝١٨ ﴾ [الانعام: ١٨]

«Ва Ӯст, ки бар бандагони худ чира (ва мусаллат) аст.» (Сураи Анъом 18).

3- Улувв-уз-зот: Яъне зоти Аллоҳи мутаол дар осмонҳост ва бар арш истиво дорад ва ҷудо аз махлуқоташ мебошад ва ҳеҷ сифате аз сифатҳои хосси махлуқоташ дар Ӯ нест. Ва махлуқоташ низ ҳеҷ як аз сифатҳои хосси Ӯро надоранд. Ва Худованд поку муназзаҳ аст ва ҳама ҳамду саноҳо хос барои Ӯ аст. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ ءَأَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ ۝١٦ ﴾ [الملك: ١٦]

«Оё худро аз зоте, ки дар осмон аст, дар амон медонед?!» (Сураи Мулк 16)

عَنْ مُعَاوِيَةَ بْنِ الْحَكَمِ السُّلَمِيِّ: فَأَتَيْتُ رَسُولَ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ فَعَظَّمَ ذَلِكَ عَلَيَّ، قُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ أَفَلَا أُعْتِقُهَا؟ قَالَ: «ائْتِنِي بِهَا» فَأَتَيْتُهُ بِهَا، فَقَالَ لَهَا: «أَيْنَ اللهُ؟» قَالَتْ: فِي السَّمَاءِ، قَالَ: «مَنْ أَنَا؟» قَالَتْ: أَنْتَ رَسُولُ اللهِ، قَالَ: «أَعْتِقْهَا، فَإِنَّهَا مُؤْمِنَةٌ»

Дар саҳеҳ Муслим омадааст, Расули Аллоҳ аз канизаке пурсиданд: "Аллоҳ куҷост"? Ӯ посух дод: Аллоҳ дар осмон аст. Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) пурсиданд: "Ман кӣ ҳастам?" Он канизак гуфт: Ту фиристодаи Аллоҳ ҳасти. Расули Аллоҳ фармуданд: "Ӯро озод кун, ки қатъан ӯ муъмин аст."(35)

Далелҳои фаровон ва бешуморе аз Қуръон, суннат, иҷмоъ, ва ақлу фитрат дар исботи ин навъи сифат вуҷуд дорад, ва далелҳо дар ин замина бештар аз он аст, ки ҳамаи онҳо зикр гардад. Ва улувв сифати зотӣ аст.

## 2, Сифати "Истиво"

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِۖ ٥٤ ﴾ [الاعراف: ٥٣]

«Сипас бар Арш қарор гирифт» (Сураи Аъроф 53)

Ҷумлаи дар боло зикршуда дар 6 ояти Қуръони карим такрор шудааст, ва дар як оят чунин омадааст:

﴿ ٱلرَّحۡمَٰنُ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ٱسۡتَوَىٰ ٥ ﴾ [طه: ٥]

"(Аллоҳ) Раҳмон (аст, ки) бар Арш қарор гирифт" (Сураи Тоҳо 5)

Истиво: Яъне: Истиқрори Аллоҳ бар Арши худ баъд аз офариниши осмонҳо ва замин. Истиқроре, ки шоистаи ҷалол ва азамати Ӯ аст, ва мисли қарор гирифтани махлуқот нест. Истиво сифати феълӣ ба шумор меравад.

(35) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 537, ба ривояти Муъовия ибни Ҳаками Сулламӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод)

### 3, Сифати "Калом"

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ قُل لَّوۡ كَانَ ٱلۡبَحۡرُ مِدَادٗا لِّكَلِمَٰتِ رَبِّي لَنَفِدَ ٱلۡبَحۡرُ قَبۡلَ أَن تَنفَدَ كَلِمَٰتُ رَبِّي وَلَوۡ جِئۡنَا بِمِثۡلِهِۦ مَدَدٗا ﴿١٠٩﴾ ﴾ [الكهف: ١٠٩]

«[Эй Паёмбар] Бигӯ: «Агар дарё барои [нигориши] калимоти Парвардигорам ранг шавад, пеш аз он ки калимоти Парвардигорам поён ёбад, ҳатман, дарё ба поён мерасад; ҳарчанд [дарёҳое дигар] ҳаммонанди он [дарёро низ] ба кумак биёварем»» (Сураи Каҳф 109)

﴿ وَكَلَّمَ ٱللَّهُ مُوسَىٰ تَكۡلِيمٗا ﴿١٦٤﴾ ﴾ [النساء : ١٦٤]

«Ва Аллоҳ (бидуни восита) бо Мӯсо сухан гуфт» (Сураи Нисо 164)

﴿ وَلَمَّا جَآءَ مُوسَىٰ لِمِيقَٰتِنَا وَكَلَّمَهُۥ رَبُّهُۥ ﴿١٤٣﴾ ﴾ [الاعراف: ١٤٢]

"Ва ҳангоме, ки Мӯсо ба ваъдагоҳи мо омад ва парвардигораш бо ӯ сухан гуфт" (Сураи Аъроф 142)

Сифати "Калом": Яъне Аллоҳ таоло бо каломи ҳақиқӣ ва қобили шунидан, бо ҳарфҳо ва садоҳо, ки монанди каломи махлуқот нест, сухан мегӯяд. Ҳарвақт ва чигунае ки бихоҳад, Ончи ирода кунад, рост ва одилона бо калимаҳое, ки тамом намешавад ва ҳамеша ҳаст, баён мефармояд ва Худованд ҳамеша мутакаллим аст. Бинобар ин сифати калом ба эътибори асли худ сифати зотӣ ва ба эътибори оҳод ва афродаш сифати феълӣ аст.

Тамоми ин навъ сифатҳо, ҳақиқат доранд ва бояд исбот ва баён шаванд, ҳамонгуна, ки дар Қуръони карим ва суннати саҳеҳ баён шудаанд ва бар зоҳирашон ҳамл шаванд, бидуни таҳриф ва таътил ва ташбиҳ ва баёни кайфият. Ин қонун дар бораи тамоми сифатҳо мебошад ва сухан дар мавриди бархе

аз сифатҳо монанди сухан дар бораи дигар сифатҳо аст. Ва ҳеҷ фарқе дар ин замина вуҷуд надорад. Ва ҳар касе қоили ин тафовут шавад, қатъан бидуни далел ҳукм карда ва қазоват кардааст.

Дар ҳавзаи номҳо ва сифатҳои илоҳӣ, гуруҳҳое аз аҳли қибла гумроҳ ва мунҳариф шудаанд, ки иборатанд аз:

## 1, Аҳли тамсил

Касоне ки дар исботи номҳо ва сифатҳои Аллоҳ таоло зиёдаравӣ кардаанд, то ҷое, ки гирифтори тамсил ва ташбиҳ (мисл ва монанд кардан ба махлуқот) шуданд. Далели инҳирофашон ин буд, ки гумон мекарданд муқтазои матнҳои шаръӣ чунин аст. Зеро Аллоҳ таоло ба тавре бо махлуқот сухан гуфтааст, ки нисбат ба он дар миёни махлуқот шинохт доранд.

*** Посухи онон аз чанд ваҷҳ мебошад:**

Аввал: Аллоҳ таоло бо оятҳои муҳкам ва сареҳ, мислу монанд ва шарик доштанро аз худ нафйи кардааст:

﴿ لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ ١١ ﴾ [الشورى: ١١]

«Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Ӯ нест» (Сураи Шуро 11)

﴿ فَلَا تَجۡعَلُواْ لِلَّهِ أَندَادٗا وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٢٢ ﴾ [البقرة: ٢٢]

«Бинобарин барои Аллоҳ ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки медонед» (Сураи Бақара 22)

﴿ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ٤ ﴾ [الاخلاص: ٤]

«Ва ҳеҷ кас ҳаммонанду ҳамтои Ӯ набуда ва нест» (Сураи Ихлос 4)

Ва имкон надорад сухани Аллоҳ таоло мутаноқиз бошад.

Дуввум: Ақли солим намепазирад, Парвардигори холиқ ва комил монанди бандаи махлуқ ва ноқис бошад. Бинобарин ҳамонгуна, ки зоташ монанди зоти махлуқот нест, сифатҳояш низ монанди сифатҳои махлуқот нест.

Севум: Аллоҳ таоло аз лиҳози асли маъно ва мафҳум бо бандагон ба тавре сухан гуфтааст, ки онон мефаҳманд, Ва иштирок дар маънои куллӣ ва мутлақ боиси монанди дар ҳақоиқ ва чигунаги намешавад. Чунонки тавофуқ ва ҳамоҳангии ҳамон номҳо ва сифатҳо дар миёни махлуқот мунҷар ба тамосул ва ташобуҳ байни онҳо намешавад. Монанди лафзи «самъ, басар, қудрат, яд ва ваҷҳ», пас ба тариқи авло боиси тамосул ва монанди миёни холиқ ва махлуқ намегардад.

## 2. Аҳли таътил

Касоне ки дар танзиҳ ва пок донистани Аллоҳ таоло зиёдаравӣ карддаанд, то ҷое ки гирифтори нафйи ва таътил (бекор кардан) шуданд. Шубҳаи онон ин буд, ки исботи сифатҳо мусталзими тамсил мебошад, чунки махлуқ низ бо ҳамин сифатҳо тавсиф мегардад, Бинобарин холиқ бояд аз онҳо поку муназзаҳ դониста шавад, дар натиҷа барои Аллоҳ вуҷуди мутлақ бидуни сифатҳо исбот карданд. Аз ҳама бештар Қарматиҳои ботини дучори таътил шуданд, ки ду сифати мутаноқизро аз Аллоҳ нафйи карданд, ва сипас Ҷаҳмиҳо ҳастанд, ки номҳо ва сифатҳоро инкор карданд, Ва пас аз онон, Муътазила, ки номҳоро исбот ва сифатҳоро инкор карданд.

### * Посухи онҳо аз чанд ваҷҳ мебошад:

Аввал: Аллоҳ таоло дар оятҳои муҳкам ва сареҳу муфассал, сифатҳоеро барои худ исбот карда ва ба ҳамроҳи онҳо тамсил

ва ташобуҳ ба махлуқотро аз худ нафйи кардааст, монанди:

﴿ لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١ ﴾ [الشورى: ١١]

« Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Ӯ нест, ва Ӯ шунаво ва бино аст» (Сураи Шуро 11)

Ва имкон надорад, ки сухани Аллоҳ мутаноқиз бошад.

Дуввум: Исботи вуҷуди мутлақ, ки ҳеҷ сифате напазирад, вуҷуди хориҷи надорад ва фақат зеҳнӣ асту бас. Аз ин ру сухани онон мунҷар ба инкори холиқ мешавад.

Севум: Лозимаи тавсифи фарди муайян ба лафзҳо ва сифатҳои умумӣ ва мутлақу куллӣ, ин нест, ки айни ҳамон сифатҳо дар фарди дигаре вуҷуд дошта бошад, балки сифати ҳар яки аз онҳо навъе аз он сифати куллӣ ва умумӣ ба шумор меравад. Зеро вақте сифат муқайяд шавад ё ба фарде нисбат дода шавад, иштирок дар айни он сифат, дар хориҷ аз зеҳн мунтафӣ мегардад.

### 3. Аҳли таъвил

Касоне ки муътақиданд бархе аз матнҳо баёнгари сифатҳо, монанди: сифатҳои феълӣ ва хабарӣ, далолат бар вуҷуди сифати ҳақиқи барои Аллоҳ намекунад ва бар ин асос ба ҷустуҷуи мафоҳими дигаре пардохтанд, то ин матнҳоро бар он мафоҳим ҳамл кунанд, Бидуни инки далели саҳеҳ ва ҷоиз барои таҳриф ва тағйири ин матнҳо аз маъноҳои зоҳирияшон ба маъноҳои ғайри зоҳири дошта бошанд, ва ба ин тартиб таҳрифашонро таъвил номиданд.

*** Дар посух ба ин гуруҳ бояд гуфт:**

Аввал: Аллоҳ таоло аз ҳар кас нисбат ба худаш огоҳ аст ва аз ҳама махлуқоташ ростгутару фасеҳтар аст. Ва Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) низ донотар аз ҳама нисбат ба парвардигораш ва ростгутару фасеҳтар ва хайрхоҳтар барои уммати хеш аст. Пас чигуна имкон дорад касе бихоҳад кори Аллоҳ ва расулашро ҷуброн ва такмил кунад ва сухани онҳоро боиси ибҳом ва инҳироф бидонад?!

Дуввум: Асл дар сухан ҳамли он бар ҳақиқаташ мебошад ва таъвили он фақат бо далели саҳиҳ ҷоиз аст, ки муқтазои тағйири он аз маънои зоҳири ба маънои маҷозӣ бошад. Аммо дар ин боб чунин далиле вуҷуд надорад.

Севум: Расули Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод)ончи аз суи парвардигори ҷаҳониён нозил шуд ба инсонҳо баён фармуданд ва онро ба таври комилу равшан расониданд. Бинобарин имкон надорад Расули Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар ин мавзӯъи муҳим ғафлат карда ва ҳадаф аз онро баён накарда бошад. Онгуна, ки ин таҳрифгарону мухтариъони маънии навпайдо иддиъо мекунанд!.

**4. Аҳли таҷҳил (Афроде ки худро дар ин замина нодон ва ноогоҳ медонанд)**

Ин гуруҳ иддиъо мекунанд маънии сифатҳое, ки Аллоҳ таоло дар мавриди худ аз онҳо хабар додааст, ё Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) онҳоро барои Аллоҳ баён фармудаанд, маъноҳои онҳо маҷҳул аст ва фақат Аллоҳи мутаол аз ин маъноҳо хабар дорад, Ва ҳеҷ роҳе барои фаҳмидани маънои ин сифатҳо барои ҳеҷ касе вуҷуд надорад, Онон ин шеваашонро «тафвиз: вогузор кардан» меноманд.

Посухи онҳо аз чанд ваҷҳ мебошад:

Аввал: Имкон надорад роҳи шинохти Аллоҳ, ки муҳимтарин ва шарифтарин абвоби дин аст, баста бошад. Ва на ақлу на нақл (Қуръон, ҳадис) бар ин иддиъо далолат намекунад!

Дуввум: Аллоҳ таоло Қуръони каримро бо забони арабӣ ошкору равшан нозил кард ва ба бандагонаш дастури тааққул ва тадаббур дар маънои онро дод ва чизеро истисно накард. Ва ин бар имкони илм ба маъно ва мафоҳими сифатҳои илоҳи далолат дорад, Вале кайфият ва чигунагиву ҳақоиқашон аз умури ғайбӣ аст, ки илми ба онҳо хосси Аллоҳ таоло аст.

Севум: Иқтизои пазируфтани чунин равиш, ҷоҳил донистани аввалин мусалмонон, яъне гузаштагони солеҳи ин уммат ва тавсифи онон ба бесаводи аст, ки фақат иддиъои фаҳми Қуръонро доштанд ва оятҳои сифот барои онон ҳамчун муаммо ва ҳуруфе буд, ки маънои маъқул ва мафҳуме надошт.

## Имон ба фариштагон

Яъне имони қатъӣ ба инки Аллоҳ махлуқотеро барои ибодаташ офарид ва ононро барои тоаташ холис гардонид. Ва ин махлуқотро барои тақарруб ба худаш ихтисос дод ва ононро дар осмонҳояш сукунат дод ва қудрати иҷрои фармонашро ба ин махлуқот бахшид.

Имон ба фариштагон фақат бо бовар ба мавридҳои зерин комил мешавад:

**Аввал: Фариштагон бандагони бузургвор, некукор, муқарраб, фармонбардор ва бимнок дар баробари парвардигорашон ҳастанд.**

Фариштагон ягон хусусияти рубубият ва улуҳиятро надоранд. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَقَالُواْ ٱتَّخَذَ ٱلرَّحۡمَٰنُ وَلَدٗاۗ سُبۡحَٰنَهُۥۚ بَلۡ عِبَادٞ مُّكۡرَمُونَ ٢٦ لَا يَسۡبِقُونَهُۥ بِٱلۡقَوۡلِ وَهُم بِأَمۡرِهِۦ
يَعۡمَلُونَ ٢٧ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡ وَلَا يَشۡفَعُونَ إِلَّا لِمَنِ ٱرۡتَضَىٰ وَهُم مِّنۡ خَشۡيَتِهِۦ
مُشۡفِقُونَ ٢٨ ﴾ [الانبياء: ٢٦، ٢٨]

«[Мушрикон бо ин тасаввур, ки фариштагон духтарони Аллоҳ таоло ҳастанд] гуфтанд: «[Аллоҳи] Раҳмон фарзанде [барои хеш] баргузидааст». Ӯ муназзаҳ аст [чунин нест, ки мепиндоранд], балки фариштагон бандагони гиромиаш ҳастанд. 26 Онон ҳаргиз дар сухан бар Ӯ пешӣ намегузинад ва [пайваста] ба фармонаш амал мекунанд. 27 [Аллоҳ таоло] Гузашта ваояндаи ононро медонад ва эшон ҷуз барои касе, ки Ӯ писандад, шафоат намекунанд ва худ аз бими Ӯ ҳаросонанд. 28» (Сураи Анбиё 26-28)

﴿ يَخَافُونَ رَبَّهُم مِّن فَوْقِهِمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ ۩ ﴿٥٠﴾ ﴾ [النحل: ٥٠]

«Онон аз парвардигорашон, ки бар фарозашон аст, метарсанд ва ончи фармон меёбанд анҷом медиҳанд» (Сураи Наҳл 50)

﴿ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ قُوٓا۟ أَنفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلْحِجَارَةُ عَلَيْهَا مَلَـٰٓئِكَةٌ غِلَاظٌ شِدَادٌ لَّا يَعْصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ ﴿٦﴾ ﴾ [التحريم: ٦]

«Ҳаргиз Аллоҳро дар ончи ба онон фармон додааст, нофармони намекунанд ва ҳарчи фармон меёбанд анҷом медиҳанд» (Сураи Таҳрим 6)

﴿ كِرَامٍۭ بَرَرَةٍ ﴿١٦﴾ ﴾ [عبس: ١٦]

«Бузургвор ва некукор» (Сураи Абаса 16)

﴿ وَيَوْمَ يَحْشُرُهُمْ جَمِيعًا ثُمَّ يَقُولُ لِلْمَلَـٰٓئِكَةِ أَهَـٰٓؤُلَآءِ إِيَّاكُمْ كَانُوا۟ يَعْبُدُونَ ﴿٤٠﴾ قَالُوا۟ سُبْحَـٰنَكَ أَنتَ وَلِيُّنَا مِن دُونِهِم ۖ بَلْ كَانُوا۟ يَعْبُدُونَ ٱلْجِنَّ ۖ أَكْثَرُهُم بِهِم مُّؤْمِنُونَ ﴿٤١﴾ ﴾ [سبا: ٤٠، ٤١]

«Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки Аллоҳ таоло ҳамаи ононро бармеангезад, онгоҳ ба фариштагон мегӯяд: «Оё инҳо шуморо мепарастиданд?» 40 [Фариштагон] мегӯянд: «Ту муназзаҳӣ; [дӯст ва] корсози мо Ту ҳастӣ, на онон; балки [ин мушрикон] шаётинро мепарастиданд ва бештарашон ба онҳо имон доштанд» 41» (Сураи Сабаъ 40-41)

﴿ قَالُوا۟ سُبْحَـٰنَكَ لَا عِلْمَ لَنَآ إِلَّا مَا عَلَّمْتَنَآ ۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَلِيمُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٣٢﴾ ﴾ [البقرة: ٣٢]

«(Фариштагон) Гуфтанд: Муназзаҳи Ту! Мо чизе ҷуз ончи ба мо омухтаи намедонем, Ту донои ҳакими» (Сураи Бақара 32)

**Дуввум: Фариштагон мусаммо ба номҳои нек ҳастанд.**

Номи ҳар яки аз ононро, ки медонем, бо ҳамон ном ба он имон меоварем. Вале номи ҳар кадоми аз онҳоро ки намедонем,

ба таври кулли ва иҷмоли ба он имон меоварем. Бархе аз номҳои фариштагон, ки аз онҳо бохабар ҳастем, инҳо ҳастанд: Ҷибриил, Микоил, Исрофил, Малакулмавт, Молик, Ризвон, Мункар ва Накир. Чунонки дар Қуръони карим ва суннати саҳеҳ омадааст.

**Севум: Фариштагон аз нур офарида шудаанд ва дорои бол ҳастанд ва шаклҳои бузургу гуногун доранд.**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ جَاعِلِ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ رُسُلًا أُوْلِيٓ أَجۡنِحَةٖ مَّثۡنَىٰ وَثُلَٰثَ وَرُبَٰعَۚ يَزِيدُ فِي ٱلۡخَلۡقِ مَا يَشَآءُۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ١ ﴾ [فاطر: ١]

«Сипос [ва ситоиш] аз они Аллоҳи офаринандаи осмонҳо ва замин аст; [Парвардигоре, ки] фариштагонро бо болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, фиристодагон [-и хеш ба сӯйи мардум] қарор дод [ва] ҳар чи бихоҳад дар офариниш меафзояд. Бе тардид, Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност» (Сураи Фотир 1)

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «خُلِقَتِ الْمَلَائِكَةُ مِنْ نُورٍ»

«Фариштагон аз нур офарида шудаанд»(36).

Дар саҳеҳайн омадааст, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) «Ҷиброилро дар шакл ва ҳайъати воқеъияш дид, ки 600 бол дошт ва ҳар яке аз болҳояш каронаи осмонро пӯшонида буд»(37).

(36) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2996, ба ривояти модари муъминон Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(37) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3234, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 177, ба ривояти модари муъминон Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод). Ва инчунин: Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3232, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 174, ба ривояти ибни Масъуд (Худованд аз ӯ розӣ бод)

عَنْ جَابِرِ بْنِ عَبْدِ اللَّهِ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «أُذِنَ لِي أَنْ أُحَدِّثَ عَنْ مَلَكٍ مِنْ مَلَائِكَةِ اللَّهِ مِنْ حَمَلَةِ الْعَرْشِ، إِنَّ مَا بَيْنَ شَحْمَةِ أُذُنِهِ إِلَى عَاتِقِهِ مَسِيرَةُ سَبْعِ مِائَةِ عَامٍ»

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:» Ба ман иҷоза дода шуд то дар бораи яке аз фариштагон илоҳӣ, ки аз бардорандагони Арш аст сухан бигӯям, ҳамоно фосилаи миёни лолаи гушҳои ӯ то гарданаш ба андозаи масири 700 сол аст»(38).

Бинобарин фариштагон махлуқоти ҳақиқи ва воқеи ҳастанд, на неруҳои маънавӣ, чунонки баъзе ёвагӯён иддиъо кардаанд. Ҳамчунин адади фариштагон зиёд аст ва фақат офаридгорашон аз ададашон огоҳ аст.

Дар ҳадиси муттафақун алайҳи, дар робита бо қиссаи меъроҷ, Анас ривоят мекунад, ки:

«فَرُفِعَ لِي البَيْتُ المَعْمُورُ، فَسَأَلْتُ جِبْرِيلَ، فَقَالَ: هَذَا البَيْتُ المَعْمُورُ يُصَلِّي فِيهِ كُلَّ يَوْمٍ سَبْعُونَ أَلْفَ مَلَكٍ، إِذَا خَرَجُوا لَمْ يَعُودُوا إِلَيْهِ آخِرَ مَا عَلَيْهِمْ»

« Байтул-маъмурро дар осмони ҳафтум ба Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) нишон доданд, ки дар онҷо ҳар рӯз 70 ҳазор фаришта намоз мехонанд ва чун ин адад аз он хона берун мешаванд, дигар ҳаргиз ба онҷо бар намегарданд»(39). (дигар барои намоз гузори навбаташон намерасад)

## **Чаҳорум:** Фариштагон саф кашида ва тасбеҳгӯй ҳастанд.

Аллоҳ таоло тасбеҳи худ ва фармонбардори аз дастуроташро ба онон илҳом карда ва қудрати иҷрои амрҳояшро ба ин махлуқот бахшидааст. Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ وَمَا مِنَّآ إِلَّا لَهُۥ مَقَامٌ مَّعۡلُومٌ ١٦٤ وَإِنَّا لَنَحۡنُ ٱلصَّآفُّونَ ١٦٥ وَإِنَّا لَنَحۡنُ ٱلۡمُسَبِّحُونَ ١٦٦ ﴾
[الصافات : ١٦٤، ١٦٦]

(38) Абудовуд, шумораи ҳадис 4727, ба ривояти Ҷобир (Худованд аз ӯ розӣ бод)
(39) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3207, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 162.

« Ва [фариштагон мегӯянд]: « Ҳеҷ як аз мо нест, магар он ки мақоми мушаххасе [дар пешгоҳи илоҳӣ] дорад 164 Моем, ки [барои парастиш ва ниёиш ба даргоҳи Парвардигор] ба саф истодаем 165 Ва бе тардид, моем, ки тасбеҳгӯи [Ӯ] ҳастем» 166» (Сураи Соффот 164-166)

﴿ فَإِنِ ٱسْتَكْبَرُوا۟ فَٱلَّذِينَ عِندَ رَبِّكَ يُسَبِّحُونَ لَهُۥ بِٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ وَهُمْ لَا يَسْـَٔمُونَ ۩ ﴿٣٨﴾ ﴾ [فصلت: ٣٨]

« Ва агар [гурӯҳҳое аз ниёиши Ӯ] такаббур варзанд, [фариштагон ва] муқаррабони даргоҳи Парвардигорат шабу рӯз бидуни хастагӣ Ӯро ба покӣ меситоянд» (Сураи Фуссилат 38)

﴿ يُسَبِّحُونَ ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ لَا يَفْتُرُونَ ﴿٢٠﴾ ﴾ [الانبياء: ٢٠]

«Онон (фариштагон) шабу рӯз тасбеҳ мегӯянд, сустӣ намеварзанд» (Сураи Анбиё 20)

عَنْ حَكِيمِ بْنِ حِزَامٍ، قَالَ: بَيْنَمَا رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ فِي أَصْحَابِهِ إِذْ قَالَ لَهُمْ: «تَسْمَعُونَ مَا أَسْمَعُ؟» قَالُوا: مَا نَسْمَعُ مِنْ شَيْءٍ. قَالَ: «إِنِّي لَأَسْمَعُ أَطِيطَ السَّمَاءِ، وَمَا تُلَامُ أَنْ تَئِطَّ، وَمَا فِيهَا مَوْضِعُ شِبْرٍ إِلَّا وَعَلَيْهِ مَلَكٌ سَاجِدٌ أَوْ قَائِمٌ»

Ҳаким ибни Ҳизом (Худованд аз ӯ розӣ бод) чунин ривоят мекунад: Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар миёни ёрони хеш буданд, ки ба онон фармуданд:» Ончи мешунавам, шумо ҳам мешунавед?» Саҳоба гуфтанд: Мо чизе намешунавем. Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:» Ҳамоно ман садои нолаи осмонро (бар асари сангинӣ) мешунавам ва ҳақ ҳам дорад нола кунад. Зеро ба андозаи як ваҷаб дар осмон нест, магар инки фариштае дар онҷо саҷда ё қиём мекунад.»[40]

(40) Табаронӣ дар Муъҷами кабир, шумораи ҳадис 3122, Силсилаи саҳеҳи Албонӣ, шумораи ҳадис 852.

**Панҷум:** **Фариштагон дида намешаванд.**

Онон махлуқоти ғайбӣ ҳастанд, ки бо ҳавосси башарӣ дар зиндагии дунё қобили мушоҳида нестанд, магар барои касе, ки Аллоҳ бихоҳад. Чунонки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) Ҷиброилро бо ҳамон ҳайате диданд, ки Аллоҳ таоло ӯро офаридааст. Аммо ин махлуқот дар охират дида мешаванд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ يَوۡمَ يَرَوۡنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةَ لَا بُشۡرَىٰ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُجۡرِمِينَ وَيَقُولُونَ حِجۡرٗا مَّحۡجُورٗا ٢٢ ﴾ [الفرقان: ٢٢]

«Рӯзе, ки [кофирон] фариштагонро мебинанд, ҳеҷ башорате барои муҷримон нахоҳад буд, [балки рӯзи кайфару азоб аст] ва [фариштагон] мегӯянд: «[Биҳишт] Бар шумо мамнуъ [ва ҳаром] аст»» (Сураи Фурқон 22)

﴿ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ يَدۡخُلُونَ عَلَيۡهِم مِّن كُلِّ بَابٖ ٢٣ ﴾ [الرعد: ٢٣]

«Ва фариштагон аз ҳар даре бар онон ворид мешаванд» (Сураи Раъд 23)

﴿ فَأَرۡسَلۡنَآ إِلَيۡهَا رُوحَنَا فَتَمَثَّلَ لَهَا بَشَرٗا سَوِيّٗا ١٧ ﴾ [مريم: ١٧]

«Он гоҳ [мо] Рӯҳи худ [Ҷабраил]-ро ба сӯяш фиристодем ва ба шакли инсоне хушандом бар вай намоён гашт» (Сураи Марям 17)

﴿ وَلَقَدۡ جَآءَتۡ رُسُلُنَآ إِبۡرَٰهِيمَ بِٱلۡبُشۡرَىٰ قَالُواْ سَلَٰمٗاۖ قَالَ سَلَٰمٞۖ فَمَا لَبِثَ أَن جَآءَ بِعِجۡلٍ حَنِيذٖ ٦٩ فَلَمَّا رَءَآ أَيۡدِيَهُمۡ لَا تَصِلُ إِلَيۡهِ نَكِرَهُمۡ وَأَوۡجَسَ مِنۡهُمۡ خِيفَةٗۚ قَالُواْ لَا تَخَفۡ إِنَّآ أُرۡسِلۡنَآ إِلَىٰ قَوۡمِ لُوطٖ ٧٠ ﴾ [هود: ٦٩، ٧٠]

«Ба ростӣ, фиристодагони Мо бо башорати [таваллуди фарзанд] назди Иброҳим омаданд,[ва] гуфтанд: «Салом [бар ту]». [Ӯ низ дар посух] Гуфт: «Салом [бар шумо]» ва дере напоид, ки [Иброҳим барояшон] гӯсолае бирён овард. 69 Пас, чун дид ба сӯйи он [ғизо] даст намебаранд [ва чизе намехӯранд], бо онон эҳсоси бегонагӣ кард ва [аз бими он ки қасди қатлашро дошта

бошанд] аз онон тарсе ба дил гирифт. [Фариштагон] Гуфтанд: «Натарс, мо ба сӯйи қавми Лут фиристода шудаем» 70 « (Сураи Ҳуд 69-70)

﴿ وَلَمَّا جَاءَتْ رُسُلُنَا لُوطًا سِيءَ بِهِمْ وَضَاقَ بِهِمْ ذَرْعًا وَقَالَ هَٰذَا يَوْمٌ عَصِيبٌ ۝٧٧ وَجَاءَهُ قَوْمُهُ
يُهْرَعُونَ إِلَيْهِ وَمِن قَبْلُ كَانُوا يَعْمَلُونَ السَّيِّئَاتِ ۚ قَالَ يَا قَوْمِ هَٰؤُلَاءِ بَنَاتِي هُنَّ أَطْهَرُ لَكُمْ ۖ فَاتَّقُوا
اللَّهَ وَلَا تُخْزُونِ فِي ضَيْفِي ۖ أَلَيْسَ مِنكُمْ رَجُلٌ رَّشِيدٌ ۝٧٨ ﴾ [هود: ٧٧، ٧٨]

«Ва чун фиристодагони Мо назди Лут омаданд, аз [тасаввури бешармии қавмаш нисбат ба] онон нигарон ва дилтанг шуд ва гуфт: «Имрӯз рӯзи бисёр сахтест» 77 Ва қавми ӯ шитобон [ба қасди комҷӯӣ аз меҳмонони Лут] ба [хонаи] ӯ ҳуҷум оварданд, дар ҳоле ки пеш аз он [низ] муртакиби корҳои зиште мешуданд. [Лут]Гуфт: «Эй қавми ман, инҳо духтарони [уммати] ман ҳастанд; [бо эшон издивоҷ кунед]. Онон барои шумо покизатаранд, пас, аз Аллоҳ таоло битарсед ва маро дар [муқобили] меҳмононам шармсор накунед. Оё байни шумо марди хирадманде нест [ки шуморо аз ин кор боздорад]»? 78» (Сураи Ҳуд 77-78)

Онон ба шакли чанд мард буданд. Ва низ Ҷиброил бо ҳайати марди дорои либоси бисёр сафед ва мӯйҳои бисёр сиёҳ назди Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) омад ва баъзе вақтҳо ба шаклу шамоили Даҳяи Калбӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) назди эшон меомад.

**Шашум: Онон масъули корҳои гуногун ҳастанд.**

Фариштагон илова бар вазифаи аслӣ ва ҳамешагии худ, яъне ибодат ва тасбеҳи парвардигор, вазифаҳои дигаре низ доранд. Монанди:

## 1, Нузули ваҳйи

Ҷиброил масъули ин кор аст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ قُلۡ نَزَّلَهُۥ رُوحُ ٱلۡقُدُسِ مِن رَّبِّكَ بِٱلۡحَقِّ لِيُثَبِّتَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهُدٗى وَبُشۡرَىٰ لِلۡمُسۡلِمِينَ ١٠٢ ﴾ [النحل: ١٠٢]

«Бигӯ: «Рӯҳу-л-қудус [Ҷабраил] онро аз ҷониби Парвардигорат бар ҳақ нозил кардааст, то касонеро, ки имон овардаанд, собитқадам гардонад ва барои мусулмонон ҳидоят ва башорате бошад»» (Сураи Наҳл 102)

﴿ وَإِنَّهُۥ لَتَنزِيلُ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٩٢ نَزَلَ بِهِ ٱلرُّوحُ ٱلۡأَمِينُ ١٩٣ عَلَىٰ قَلۡبِكَ لِتَكُونَ مِنَ ٱلۡمُنذِرِينَ ١٩٤ ﴾ [الشعراء : ١٩٢، ١٩٤]

«Ва ба ростӣ, [ин] Қуръон фуруфиристодаи Парвардигори ҷаҳониён аст. 192 Рӯҳу-л-амин [Ҷабраил] онро фуруд овардааст. 193 Бар қалби ту [нозил кардааст], то бимдиҳанда бошӣ. 194» (Сураи Шуъаро 192-194)

## 2, Фуруд овардани борон ва рӯёнидани замин

Микоил ин корро бар уҳда дорад. Чунончи имом Аҳмад ривоят мекунад, ки яҳудиён ба Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) гуфтанд:

«لَوْ قُلْتَ مِيكَائِيلَ الَّذِي يَنْزِلُ بِالرَّحْمَةِ وَالنَّبَاتِ وَالْقَطْرِ لَكَانَ»

«Агар мегуфти: Микоил касе аст, ки раҳмату гиёҳ ва боронро фурудмеоварад, чунинбуд»[41]

(41) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 2483, ба ривояти ибни Аббос, Табаронӣ дар Муъҷами кабир, шумораи ҳадис 12061, ба ривояти ибни Аббос, ки Расули Аллоҳ (с) аз Ҷиброил пурсиданд: “ Микоил чи масъулият дорад?” Ҷиброил посух дод: Кораш рӯёнидани гиёҳон ва фуруд овардани оби осмон аст. Ва низ Ҳайсамӣ дар Маҷмаъуз-завоид, шумораи ҳадис 14212, сипас мегӯяд:” Муҳаммад ибни Абилайло дар санади ривояташ вуҷуд дорад, ки гуруҳе ӯро қобили эътимод донистанд, вале кундзеҳн аст ва соири риҷоли ин ривоят сиқа

## 3, Дамидан дар сур

Ин кор масъулияти Исрофил барои беҳуш кардан ва барангехтани махлуқот аст. Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ وَنُفِخَ فِي ٱلصُّورِ فَصَعِقَ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَن فِي ٱلْأَرْضِ إِلَّا مَن شَآءَ ٱللَّهُۖ ثُمَّ نُفِخَ فِيهِ أُخْرَىٰ فَإِذَا هُمْ قِيَامٌ يَنظُرُونَ ﴿٦٨﴾ ﴾ [الزمر: ٦٧]

«[Дар остонаи қиёмат] Дар сур дамида мешавад. Пас, ҳар ки дар осмонҳо ва дар замин аст, мадҳуши марг хоҳад шуд, магар касе, ки Аллоҳ таоло бихоҳад, он гоҳ бори дигар дар он дамида мешавад ва ногаҳон [ҳама аз марг] бармехезанд ва чашм ба роҳ [-и фармони Парваридгор] ҳастанд» (Сураи Зумар 68)

Ин се фаришта, яъне: Ҷиброил, Микоил ва Исрофил сарвари фариштагон ҳастанд. Зеро кору масъулияти онон марбут ба зиндаги ва ҳаёт аст. Ҷиброил масъули ҳаёти дилҳо, Микоил масъули ҳаёти гиёҳон ва Исрофил масъули зинда шудани ҷисмҳост.

Ва бартарину болотарини фариштагон, Ҷиброил, ҳамон Руҳул-қудс   аст.

## 4, Муҳофизати инсонҳо

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ لَهُۥ مُعَقِّبَٰتٌ مِّنۢ بَيْنِ يَدَيْهِ وَمِنْ خَلْفِهِۦ يَحْفَظُونَهُۥ مِنْ أَمْرِ ٱللَّهِۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا۟ مَا بِأَنفُسِهِمْۗ وَإِذَآ أَرَادَ ٱللَّهُ بِقَوْمٍ سُوٓءًا فَلَا مَرَدَّ لَهُۥۚ وَمَا لَهُم مِّن دُونِهِۦ مِن وَالٍ ﴿١١﴾ ﴾ [الرعد: ١١]

« Ӯ [Аллоҳ таоло] фариштагоне дорад, ки ҳамвора [бандаи] Ӯро аз пешорӯ ва аз пушти сараш ба фармони Аллоҳ таоло ҳифз мекунанд. Бе гумон, Аллоҳ таоло ҳол [ва сарнавишти накуи]

---

ва мавриди эътимоданд".

ҳеҷ қавмеро тағйир намедиҳад, магар он ки онон он чиро, ки дар дилҳояшон доранд, дигаргун созанд [ва муртакиби гуноҳ шаванд]. Ва ҳангоме ки Аллоҳ таоло барои қавме [гирифторӣ ва] бадӣ бихоҳад, ҳеҷ чиз монеаш нахоҳад шуд ва онон ҷуз [Зоти поки] Ӯ ҳеҷ корсозе надоранд.» (Сураи Раъд 11)

## 5, Сабти амалҳои инсонҳо

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ إِذۡ يَتَلَقَّى ٱلۡمُتَلَقِّيَانِ عَنِ ٱلۡيَمِينِ وَعَنِ ٱلشِّمَالِ قَعِيدٞ ١٧ مَّا يَلۡفِظُ مِن قَوۡلٍ إِلَّا لَدَيۡهِ رَقِيبٌ عَتِيدٞ ١٨ ﴾ [ق: ١٧، ١٨]

«Вақте ду фаришта, ки бар самти росту чап муроқиб нишастаанд, [рафторашро] сабт мекунанд. 17 Ҳар сухане, ки бар забон меоварад, дар канораш [фариштаи] муроқибе омодааст. 18» (Сураи Қоф 17-18)

## 6, Собитқадаму устувор ва ёри расондани муъминон

Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ إِذۡ يُوحِي رَبُّكَ إِلَى ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ أَنِّي مَعَكُمۡ فَثَبِّتُواْ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْۚ سَأُلۡقِي فِي قُلُوبِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱلرُّعۡبَ فَٱضۡرِبُواْ فَوۡقَ ٱلۡأَعۡنَاقِ وَٱضۡرِبُواْ مِنۡهُمۡ كُلَّ بَنَانٖ ١٢ ﴾ [الانفال: ١٢]

«[Ва эй паёмбар, ба ёд овар] ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон ваҳй кард,ки: «Ман бо шумо ҳастам, пас, касонеро, ки имон овардаанд, собитқадам доред. Ба зудӣ, дар дили касоне, ки куфр варзиданд, ҳарос меафканам, пас. [эй муҷоҳидон, шамшери хешро] бар фарози гарданҳояшон бизанед ва ҳамаи ангуштонашонро қатъ кунед [то силоҳ барнагиранд]» (Сураи Анфол 12)

### 7, Қабзи арвоҳ

Малакулмавт масъули ин кор аст. Чунонки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ ۞قُلۡ يَتَوَفَّىٰكُم مَّلَكُ ٱلۡمَوۡتِ ٱلَّذِي وُكِّلَ بِكُمۡ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّكُمۡ تُرۡجَعُونَ ١١ ﴾ [السجدة : ١١]

«[Эй паёмбар] бигӯ: «Фариштаи марг, ки бар шумо гумошта шудааст, ҷонатонро мегирад, он гоҳ ба сӯйи Парвардигоратон бозгардонда мешавед»» (Сураи Саҷда 11)

﴿ وَهُوَ ٱلۡقَاهِرُ فَوۡقَ عِبَادِهِۦۖ وَيُرۡسِلُ عَلَيۡكُمۡ حَفَظَةً حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَ أَحَدَكُمُ ٱلۡمَوۡتُ تَوَفَّتۡهُ رُسُلُنَا وَهُمۡ لَا يُفَرِّطُونَ ٦١ ﴾ [الانعام: ٦١]

«То замоне, ки марги яке аз шумо фаро расад, фиристодагони мо [бо ҳамроҳи фариштаи марг] ҷонашро мегиранд ва онон [дар маъмурияти худ] кӯтоҳӣ намекунанд» (Сураи Анъом 61)

8, **Пурсиш аз майит дар қабр.** Дар бораи Парвардигораш, динаш ва паёмбараш.

عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ، أَنَّهُ حَدَّثَهُمْ: أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: « إِنَّ العَبْدَ إِذَا وُضِعَ فِي قَبْرِهِ وَتَوَلَّى عَنْهُ أَصْحَابُهُ، وَإِنَّهُ لَيَسْمَعُ قَرْعَ نِعَالِهِمْ، أَتَاهُ مَلَكَانِ فَيُقْعِدَانِهِ، فَيَقُولاَنِ: مَا كُنْتَ تَقُولُ فِي هَذَا الرَّجُلِ لِمُحَمَّدٍ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، فَأَمَّا المُؤْمِنُ، فَيَقُولُ: أَشْهَدُ أَنَّهُ عَبْدُ اللَّهِ وَرَسُولُهُ، فَيُقَالُ لَهُ: انْظُرْ إِلَى مَقْعَدِكَ مِنَ النَّارِ قَدْ أَبْدَلَكَ اللَّهُ بِهِ مَقْعَدًا مِنَ الجَنَّةِ، فَيَرَاهُمَا جَمِيعًا – قَالَ قَتَادَةُ: وَذُكِرَ لَنَا: أَنَّهُ يُفْسَحُ لَهُ فِي قَبْرِهِ، ثُمَّ رَجَعَ إِلَى حَدِيثِ أَنَسٍ – قَالَ: وَأَمَّا المُنَافِقُ وَالكَافِرُ فَيُقَالُ لَهُ: مَا كُنْتَ تَقُولُ فِي هَذَا الرَّجُلِ؟ فَيَقُولُ: لاَ أَدْرِي كُنْتُ أَقُولُ مَا يَقُولُ النَّاسُ، فَيُقَالُ: لاَ دَرَيْتَ وَلاَ تَلَيْتَ، وَيُضْرَبُ بِمَطَارِقَ مِنْ حَدِيدٍ ضَرْبَةً، فَيَصِيحُ صَيْحَةً يَسْمَعُهَا مَنْ يَلِيهِ غَيْرَ الثَّقَلَيْنِ «

Анас ибни Молик ривоят мекунад, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Вақте банда дар қабраш гузошта мешавад, ва ёронаш аз наздаш бармегарданд, дар ҳоле ки садои кафшҳояшонро мешунавад. Ду фаришта наздаш меоянд, ӯро мешинонанд ва мегӯянд: Дар бораи ин мард (Муҳаммад (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод)) чи мегуфтӣ? Аммо инсони муъмин мегӯяд: Гувоҳӣ

медиҳам, ки ӯ банда ва фиристодаи Аллоҳ аст. Сипас ба ӯ гуфта мешавад: Ба ҷойгоҳат дар оташ нигоҳ кун, ки Аллоҳ ба ҷои он маконе аз биҳиштро ба ту бахшид. Бинобарин ӯ ҳарду ҷойгоҳашро (дар биҳишт ва дӯзах) мебинад. Аммо ба фарди мунофиқ ва кофир гуфта мешавад: Дар бораи ин мард чи мегуфтӣ? Ӯ мегӯяд: Намедонам, ҳамончизеро мегуфтам, ки мардум мегуфтанд. Сипас ба ӯ гуфта мешавад: На фаҳмиди ва на хонди ва бо чакушҳои оҳанин чунон зарбае ба ӯ зада мешавад ва чунон фарёде мекашад, ки тамоми махлуқоти атрофаш ғайр аз ҷин ва инс, ӯро мешунаванд.»[42]

عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: إِذَا قُبِرَ الْمَيِّتُ، أَوْ قَالَ: أَحَدُكُمْ، أَتَاهُ مَلَكَانِ أَسْوَدَانِ أَزْرَقَانِ، يُقَالُ لأَحَدِهِمَا: الْمُنْكَرُ، وَلِلآخَرِ: النَّكِيرُ، فَيَقُولاَنِ: مَا كُنْتَ تَقُولُ فِي هَذَا الرَّجُلِ؟ ...»

Дар Сунани Тирмизӣ омадааст, ки Абуҳурайра аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) чунин ривоят кардааст:

«Вақте майит – ё фармуданд: яке аз шумо – дар қабр ниҳода мешавад, ду фариштаи сиёҳранг ва чашми обӣ наздаш меоянд, ки ба яке Мункар ва ба дигари Накир гуфта мешавад, ...[43] (то охири ҳадис)

## 9, Парасторӣ ва нигоҳубини ҷанин.

Бо дамидани рух дар ҷанин ва сабту навиштани ризқу рузӣ, аҷал ва амалаш ва инки бадбахт ё хӯшбахт аст.

قَالَ عَبْدُ اللَّهِ: حَدَّثَنَا رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ وَهُوَ الصَّادِقُ المَصْدُوقُ، قَالَ: « إِنَّ أَحَدَكُمْ يُجْمَعُ خَلْقُهُ فِي بَطْنِ أُمِّهِ أَرْبَعِينَ يَوْمًا، ثُمَّ يَكُونُ عَلَقَةً مِثْلَ ذَلِكَ، ثُمَّ يَكُونُ مُضْغَةً مِثْلَ ذَلِكَ، ثُمَّ يَبْعَثُ اللَّهُ مَلَكًا فَيُؤْمَرُ بِأَرْبَعِ كَلِمَاتٍ، وَيُقَالُ لَهُ: اكْتُبْ عَمَلَهُ، وَرِزْقَهُ، وَأَجَلَهُ، وَشَقِيٌّ أَوْ سَعِيدٌ، ثُمَّ يُنْفَخُ فِيهِ الرُّوحُ، فَإِنَّ الرَّجُلَ مِنْكُمْ لَيَعْمَلُ

(42) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 1374, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2770.

(43) Сунани Тирмизӣ, шумораи ҳадис 1071, Албонӣ дар Силсилаи саҳеҳ мегӯяд: Исноди ин ривоят ҷайид (хуб) аст ва ҳама риҷоли (ровиёни) он сиқа ва ҳамон риҷоли Муслим ҳастанд. Ва дар бораи ибни Исҳоқ, яъне: Омирии Қурашӣ (яъне бардаи озодшудаи онон), сухане гуфта шудааст, ки чандон муҳим нест ва эроде бар ӯ ворид намекунад.

حَتَّى مَا يَكُونُ بَيْنَهُ وَبَيْنَ الجَنَّةِ إِلَّا ذِرَاعٌ، فَيَسْبِقُ عَلَيْهِ كِتَابُهُ، فَيَعْمَلُ بِعَمَلِ أَهْلِ النَّارِ، وَيَعْمَلُ حَتَّى مَا يَكُونُ بَيْنَهُ وَبَيْنَ النَّارِ إِلَّا ذِرَاعٌ، فَيَسْبِقُ عَلَيْهِ الكِتَابُ، فَيَعْمَلُ بِعَمَلِ أَهْلِ الجَنَّةِ »

Абдуллоҳ ибни Масъуд (Худованд аз ӯ розӣ бод) чунин ривоят мекунад: Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) – ки бисёр ростгу ва тасдиқшудаанд – ба мо фармуданд:

«Офариниши ҳар яке аз шумо дар шиками модараш, дар муддати чиҳил рӯз (ба шакли нутфа) ҷамъ мешавад, сипас мисли он (ҳамин муддат) алақа (хуни баста) аст, Ва пас аз он монанди он (ҳамин муддат) музғa (пораи гушт) аст, Сипас фаришта фиристода мешавад ва дар ӯ руҳ медамад ва ба чаҳор чиз дастур дода мешавад: ба навиштани рӯзияш, аҷалаш ва амалаш, инки некбахт аст ё бадбахт».(44)

## 10, Маъмурон ва нигаҳбонони ҷаҳаннам.

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَمَا جَعَلْنَآ أَصْحَٰبَ ٱلنَّارِ إِلَّا مَلَٰٓئِكَةً ۙ ٣١ ﴾ [المدثر: ٣١]

«Мо маъмурони дӯзахро фақат аз фариштагон қарор додем» (Сураи Муддассир 31)

﴿ وَنَادَوْا۟ يَٰمَٰلِكُ لِيَقْضِ عَلَيْنَا رَبُّكَ ۖ قَالَ إِنَّكُم مَّٰكِثُونَ ٧٧ ﴾ [الزخرف: ٧٧]

«[Дӯзахиён] Нигаҳбони оташро садо мезананд ва фарёд бар меоранд: «Эй Молик [кош] Парвардигорат кори моро яксара кунад [ва бимиронад]» Ӯ мегӯяд: «На, шумо [дар ин азоб] мондагоред»» (Сураи Зухруф 77)

(44) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3208, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2643, бидуни баёни лафзи “нутфа”, Дар ҳоле ки Абуавона онро нақл кардааст. Чунонки дар Фатҳул-борӣ аз ибни Ҳаҷар, ҷ 15 с 189, омадааст.

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُ عَلَيۡهَا مَلَٰٓئِكَةٌ غِلَاظٞ شِدَادٞ لَّا يَعۡصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمۡ وَيَفۡعَلُونَ مَا يُؤۡمَرُونَ ٦ ﴾ [التحريم: ٦]

«Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонаводаатонро аз оташе, ки ҳезуми он мардуму сангҳост нигаҳ доред; [оташе, ки] бар он фариштагони хашин ва сахтгир [гуморида шудаанд], ки ҳаргиз аз Аллоҳ таоло дар [мавриди] он чи ба онон фармон дода, нофармонӣ намекунанд ва ҳар чи фармон меёбанд, анҷом медиҳанд.» (Сураи Таҳрим 6)

## 11, Дархости омурзиш ва дуо барои муъминон ва башорат ба онон ва икромашон дар биҳишт.

Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ ٱلَّذِينَ يَحۡمِلُونَ ٱلۡعَرۡشَ وَمَنۡ حَوۡلَهُۥ يُسَبِّحُونَ بِحَمۡدِ رَبِّهِمۡ وَيُؤۡمِنُونَ بِهِۦ وَيَسۡتَغۡفِرُونَ لِلَّذِينَ ءَامَنُواْۖ رَبَّنَا وَسِعۡتَ كُلَّ شَيۡءٖ رَّحۡمَةٗ وَعِلۡمٗا فَٱغۡفِرۡ لِلَّذِينَ تَابُواْ وَٱتَّبَعُواْ سَبِيلَكَ وَقِهِمۡ عَذَابَ ٱلۡجَحِيمِ ٧ رَبَّنَا وَأَدۡخِلۡهُمۡ جَنَّٰتِ عَدۡنٍ ٱلَّتِي وَعَدتَّهُمۡ وَمَن صَلَحَ مِنۡ ءَابَآئِهِمۡ وَأَزۡوَٰجِهِمۡ وَذُرِّيَّٰتِهِمۡۚ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٨ وَقِهِمُ ٱلسَّيِّـَٔاتِۚ وَمَن تَقِ ٱلسَّيِّـَٔاتِ يَوۡمَئِذٖ فَقَدۡ رَحِمۡتَهُۥۚ وَذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ٩ ﴾ [غافر: ٧، ٩]

«Фариштагоне, ки Аршро ҳамл мекунанд ва онон, ки гирди он ҳалқа задаанд, Парвардигорашонро ба покӣ меситоянд ва ба Ӯ имон доранд ва [ин гуна] барои аҳли имон омурзиш мехоҳанд: «Парвадигоро, раҳмат ва донишат ҳар чизеро фаро гирифтааст, пас, касонеро, ки тавба карданд ва пайрави роҳи Ту шуданд, биёмурз ва аз азоби дузах нигаҳ дор» 7 Парвардигоро, онон ва падарон [ва модарон] ва ҳамсарону фарзандони солеҳашонро дар боғҳои ҷовидони биҳишт, ки ваъда додаӣ, дохил кун, ки бе тардид, Ту шикастнопазиру ҳакимӣ. 8 [Бор илоҳо] Ононро аз [кайфари] бадиҳо ҳифз кун ва ҳар киро дар он рӯз аз [кайфари] бадиҳо нигоҳ дорӣ, фарогирифтаи раҳматат қарор додаӣ. Ин ҳамон комёбии бузург аст» 9 (Сураи Ғофир 7-9)

﴿ إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسۡتَقَٰمُواْ تَتَنَزَّلُ عَلَيۡهِمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ أَلَّا تَخَافُواْ وَلَا تَحۡزَنُواْ وَأَبۡشِرُواْ بِٱلۡجَنَّةِ ٱلَّتِي كُنتُمۡ تُوعَدُونَ ٣٠ ﴾ [فصلت: ٣٠]

«[Аммо] Касоне, ки гуфтанд: «Парвардигори мо Аллоҳ таоло аст», он гоҳ [аз бандагии ғайри Ӯ сар боз заданд ва бар эътиқоди худ] пой фишурданд, фариштагон бар онон фуруд меоянд [ва мегӯянд]: «Натарсед ва андуҳ надошта бошед ва башорат бод бар шумо он биҳишти мавъудатон (ваъда шуда бароятон)!» (Сураи Фуссилат 30)

﴿ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ يَدۡخُلُونَ عَلَيۡهِم مِّن كُلِّ بَابٖ ٢٣ سَلَٰمٌ عَلَيۡكُم بِمَا صَبَرۡتُمۡۚ فَنِعۡمَ عُقۡبَى ٱلدَّارِ ٢٤ ﴾ [الرعد: ٢٣، ٢٤]

« Ва фариштагон аз ҳар даре бар онон дармеоянд. 23 [Ва ба онон мегӯянд] «Салом бар шумо ба [подоши] он чи [бар имонатон] шикебоӣ кардаед. Пас, чи накуст фарҷоми он саро (и ҷовидон)!» 24» (Сураи Раъд 23-24)

## Имон ба китобҳои осмонӣ

Яъне: Боварии қатъӣ ва яқинӣ ба инки Аллоҳ китобҳоеро ба ҳақ бар паёмбаронаш нозил кард, ки мояи ҳидояти мардум ва раҳмату панде барои эшон ва ҳуҷҷате алайҳи онон ва равшангари ҳама чиз аст.

Имон ба китобҳои осмонӣ мавридҳои зерро дар бар мегирад:

**Аввал: Имон ба инки китобҳои осмонӣ ба ҳақ аз ҷониби Аллоҳ таоло нозил шудаанд.**

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ نَزَّلَ عَلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ وَأَنزَلَ ٱلتَّوۡرَىٰةَ وَٱلۡإِنجِيلَ ٣ ﴾
[آل عمران: ٣]

«Ин китоб [Қуръон]-ро, ки таъйидкунандаи китобҳои [осмонии] пешин аст, ба дурустӣ бар ту нозил кард ва Тавроту Инҷилро…» (Сураи Оли Имрон 3)

Бинобар ин инҳо китобҳо ва калимаҳои Аллоҳ таоло ҳастанд, Ва сухани фариштаи муқарраб бо паёмбари фиристодашуда нестанд, Ва аз ин ру дорои исмат ва қадосат ҳастанд.

**Дуввум: Имон ба китобҳое ки аз номҳои онҳо огоҳем, Ва имони муҷмал ба китобҳое ки номҳояшонро намедонем.**

## Муҳимтарин ва бартарин китобҳои осмонӣ се китоби зер мебошад:

**1, Таврот: Ки Аллоҳи мутаол онро бар Мӯсо (Алайҳиссалом) нозил кард.**

Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ قَالَ يَٰمُوسَىٰٓ إِنِّي ٱصۡطَفَيۡتُكَ عَلَى ٱلنَّاسِ بِرِسَٰلَٰتِي وَبِكَلَٰمِي فَخُذۡ مَآ ءَاتَيۡتُكَ وَكُن مِّنَ ٱلشَّٰكِرِينَ ١٤٤ وَكَتَبۡنَا لَهُۥ فِي ٱلۡأَلۡوَاحِ مِن كُلِّ شَيۡءٖ مَّوۡعِظَةٗ وَتَفۡصِيلٗا لِّكُلِّ شَيۡءٖ فَخُذۡهَا بِقُوَّةٖ وَأۡمُرۡ قَوۡمَكَ يَأۡخُذُواْ بِأَحۡسَنِهَاۚ سَأُوْرِيكُمۡ دَارَ ٱلۡفَٰسِقِينَ ١٤٥ ﴾ [الاعراف: ١٤٤، ١٤5]

« [Аллоҳ таоло] фармуд: «Эй Мӯсо, [бидон ки] ман туро ба паёмҳо ва каломи [бевоситаи] хеш бар мардумон баргузидам, ончи ба ту мебахшам, бигир ва сипосгузор бош» 144 Ва дар алвоҳ [Таврот] барои ӯ дар ҳар мавриде панде [овардем] ва барои ҳар амре шарҳе нигоштем [ва ба Мӯсо фармудем]: «Онро бо ҷиддият бигир ва ба қавмат дастур бидеҳ, ки некутарини онҳоро фаро гиранд [ва ба он амал кунанд] ва ба зудӣ [ҷойгоҳу] сарои нофармононро ба шумо нишон хоҳам дод» 145 (Сураи Аъроф 144 – 145)

﴿ إِنَّآ أَنزَلۡنَا ٱلتَّوۡرَىٰةَ فِيهَا هُدٗى وَنُورٞۚ يَحۡكُمُ بِهَا ٱلنَّبِيُّونَ ٱلَّذِينَ أَسۡلَمُواْ لِلَّذِينَ هَادُواْ وَٱلرَّبَّٰنِيُّونَ وَٱلۡأَحۡبَارُ بِمَا ٱسۡتُحۡفِظُواْ مِن كِتَٰبِ ٱللَّهِ وَكَانُواْ عَلَيۡهِ شُهَدَآءَۚ فَلَا تَخۡشَوُاْ ٱلنَّاسَ وَٱخۡشَوۡنِ وَلَا تَشۡتَرُواْ بِـَٔايَٰتِي ثَمَنٗا قَلِيلٗاۚ وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ ٤٤ ﴾ [المائدة: ٤٤]

«Ба ростӣ, Мо Тавротро нозил кардем, ки дар он ҳидоят ва нур аст. Паёмбароне, ки [дар баробари фармони Аллоҳ таоло] таслим буданд, бар асоси [омӯзаҳои] он барои яҳудиён доварӣ мекарданд ва донишмандону фақеҳон [-и яҳудӣ], ки посдорӣ аз китоби Аллоҳ таоло [ва ҷилавгирӣ аз таҳрифи Таврот] ба онон супурда шуда буд ва бар [ҳаққонияти] он гувоҳ буданд [ва бино ба дастурҳояш ҳукм мекарданд]. Пас, [эй яҳудиён, дар иҷрои аҳкоми илоҳӣ] аз мардум натарсед ва аз Ман битарсед ва оётамро ба

баҳои ночиз нафурӯшед. Ва ҳар кас ба аҳкоме, ки Аллоҳ таоло нозил кардааст, доварӣ накунад, кофир аст» (Сураи Моида 44)

**2, Инҷил: Ки Аллоҳи мутаол онро бар Исо (Алайҳиссалом) нозил кард.**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ ثُمَّ قَفَّيۡنَا عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِم بِرُسُلِنَا وَقَفَّيۡنَا بِعِيسَى ٱبۡنِ مَرۡيَمَ وَءَاتَيۡنَٰهُ ٱلۡإِنجِيلَ ﴿٢٧﴾ ﴾ [الحديد: ٢٧]

«Сипас ба дунболи онон паёмбарони дигарамонро [мабъус кардем] ва сипас Исо писари Марямро фиристодем ва Инҷилро ба ӯ ато намудем ...» (Сураи Ҳадид 27)

﴿ وَقَفَّيۡنَا عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِم بِعِيسَى ٱبۡنِ مَرۡيَمَ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ ٱلتَّوۡرَىٰةِۖ وَءَاتَيۡنَٰهُ ٱلۡإِنجِيلَ فِيهِ هُدٗى وَنُورٞ وَمُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ ٱلتَّوۡرَىٰةِ وَهُدٗى وَمَوۡعِظَةٗ لِّلۡمُتَّقِينَ ﴿٤٦﴾ ﴾ [المائدة: ٤٦]

«Ва ба дунболи онон [паёмбарони Бани Исроил] Исо писари Марямро фиристодем, ки тасдиққунандаи Таврот буд, ки пеш аз ӯ фиристода будем ва Инҷилро, ки дар он ҳидоят ва нур буд, ба ӯ додем, ки тасдиққунандаи Тавроти пеш аз вай буд ва ҳидояту андарзе буд барои парҳезкорон» (Сураи Моида 46)

**3, Қуръони карим: Ки Аллоҳ онро бар Муҳаммад (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) нозил кард.**

Қуръон бузургтарин ва бартарин китоби осмонӣ аст. Чунонки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَأَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَمُهَيۡمِنًا عَلَيۡهِۖ ﴿٤٨﴾ ﴾ [المائدة: ٤٨]

«Ва [эй паёмбар, мо ин] китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, [ки] тасдиққунандаи китобҳои пешин аст ва мавриди эътимод [-и китобҳои осмонӣ ба унвони меъёре барои ҳақ ва ботил] аст.» (Сураи Моида 48)

﴿ تَبَارَكَ ٱلَّذِى نَزَّلَ ٱلْفُرْقَانَ عَلَىٰ عَبْدِهِۦ لِيَكُونَ لِلْعَـٰلَمِينَ نَذِيرًا ۝١ ﴾ [الفرقان: ١]

«Пурбаракат [ва бузургвор] аст, касе, ки Қуръонро [ки ҷудокунандаи ҳақ ва ботил аст] бар бандааш нозил кард, то бимдиҳандаи ҷаҳониён бошад.» (Сураи Фурқон 1)

## Бархе аз дигар китобҳои осмонӣ иборатанд, аз:

«Забур», ки бар Довуд (Алайҳиссалом) нозил шуд:

﴿ وَءَاتَيْنَا دَاوُۥدَ زَبُورًا ۝٥٥ ﴾ [الاسراء: ٥٥]

«Ва ба Довуд Забурро ато кардем» (Сураи Исро 55)

«Саҳифаҳои Иброҳим (Алайҳиссалом)»:

﴿ إِنَّ هَـٰذَا لَفِى ٱلصُّحُفِ ٱلْأُولَىٰ ۝١٨ صُحُفِ إِبْرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ ۝١٩ ﴾ [الاعلى: ١٨، ١٩]

«Ба ростӣ, ин [пандҳо] дар китобҳои осмонии пешин [низ] буд 18 Китобҳои Иброҳим ва Мӯсо 19» (Сураи Аъло 18-19)

## **Севум: Тасдиқ ва таъйиди ахбори таҳриф нашудаи китобҳои осмонӣ.**

Аллоҳ хабар додааст, ки китобҳои банӣ Исроил дучори таҳрифи лафзӣ ва маъно шудааст, чунонки мефармояд:

﴿ يُحَرِّفُونَ ٱلْكَلِمَ عَن مَّوَاضِعِهِۦ ۝١٣ ﴾ [المائدة: ١٣]

«[зеро бо тағйири лафзу таъвили маъно] суханон [-и Аллоҳ таоло]-ро аз ҷойгоҳаш таҳриф мекунанд.» Сураи Моида 13)

﴿ يُحَرِّفُونَ ٱلْكَلِمَ مِنۢ بَعْدِ مَوَاضِعِهِۦ ۝٤١ ﴾ [المائدة: ٤١]

«Онон суханон [-и Аллоҳ таоло]-ро [бар асоси майлу манфиати худ] аз ҷойгоҳашон таҳриф мекунанд.» (Сураи Моида 41)

﴿ وَإِنَّ مِنۡهُمۡ لَفَرِيقٗا يَلۡوُۥنَ أَلۡسِنَتَهُم بِٱلۡكِتَٰبِ لِتَحۡسَبُوهُ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَمَا هُوَ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَيَقُولُونَ هُوَ مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ وَمَا هُوَ مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ وَيَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ٧٨ ﴾ [آل عمران: ٧٨]

«Ва гурӯҳе аз онон [яҳудиён] ҳастанд, ки забони худро ба [ҳангоми тиловати] китоби [Таврот] чунон мегардонанд, ки гумон мекунед, [он чи мехонанд, воқеан,] аз [матолиби он] китоб аст, дар ҳоле ки аз он китоб нест; ва [боз ба дурӯғ] мегӯянд: «Он [ҷумалот] аз ҷониби Аллоҳ таоло аст»; дар сурате ки аз ҷониби Аллоҳ таоло нест ва бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебанданд, дар ҳоле ки худ [низ ҳақиқатро] медонанд» (Сураи Оли Имрон 78)

Аммо Аллоҳ таоло ҳифозат аз Қуръони каримро замонат додааст ва мефармояд:

﴿ إِنَّا نَحۡنُ نَزَّلۡنَا ٱلذِّكۡرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ٩ ﴾ [الحجر: ٩]

«Ҳамоно мо Қуръонро нозил кардем ва қатъан мо нигаҳбони он ҳастем» (Сураи Ҳиҷр 9)

Ва онро масун дошта аст:

﴿ إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِٱلذِّكۡرِ لَمَّا جَآءَهُمۡۖ وَإِنَّهُۥ لَكِتَٰبٌ عَزِيزٞ ٤١ لَّا يَأۡتِيهِ ٱلۡبَٰطِلُ مِنۢ بَيۡنِ يَدَيۡهِ وَلَا مِنۡ خَلۡفِهِۦۖ تَنزِيلٞ مِّنۡ حَكِيمٍ حَمِيدٖ ٤٢ ﴾ [فصلت: ٤١، ٤٢]

«Касоне, ки ин Қуръонро, ки барои [ҳидоят] – ашон омадааст, инкор кардаанд [дар қиёмат азоб хоҳанд шуд]. Ин [каломи илоҳӣ] китобе аст шикастнопазир. 41 Сухани ботил аз пешу пас ба он роҳ намеёбад ва аз ҷониби [Парвардигори] ҳакими сутуда нозил шудааст. 42» (Сураи Фуссилат 41-42)

Бинобар ин асос қиссаҳо ва хабарҳои дар матнҳои аҳли китоб буда, ки дар истилоҳ «Исроилиёт» номида мешавад, аз се ҳолат берун нест:

**1, Агар мувофиқ бо оятҳои Қуръон бошад.**

Дар ин ҳолат, саҳеҳ будани онҳоро мепазирем, чунки китоби мо ба дурустии ин матлабҳо гувоҳи додааст. Монанди: Тӯфони Нуҳ (Алайҳиссалом), қиссаи Иброҳим, Юсуф, Мӯсо (Алайҳимуссалом), ғарқ шудани фиръавниён, муъҷизаҳои Исо (Алайҳиссалом) ва дигар матлабҳо, Вале ҳама тафосил ва ҷуъиёти онҳоро қабул надорем.

**2, Агар мухолиф бо Қуръон бошад.**

Дар ин ҳолат, он матолибро ботил ва аз матолибе мешуморем, ки худашон бо дастони хеш навишта ва забонҳояшонро ҳангоми хондани он мегардонанд. Монанди ин иддиъояшон, ки: Лут (Алайҳиссалом) шароб нӯшид ва бо ду духтараш зино кард. Қатъан сайидамон Лут (Алайҳиссалом) аз ин туҳмат мубарро ва пок аст. Ва ин гумонашон, ки Исо (Алайҳиссалом) аллоҳ , ё писари аллоҳ ё севумини се нафар (уқнум) аст. Аллоҳи мутаол аз ончи мегӯянл поку мубарро аст.

**3, Агар на мувофиқ ва на мухолифи Қуръон бошад.**

Дар чунин ҳолатҳо, на онҳоро тасдиқ мекунем ва на таксиб, чунки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

فقَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ إِذَا حَدَّثَكُمْ أَهْلُ الْكِتَابِ فَلَا تُصَدِّقُوهُمْ وَلَا تُكَذِّبُوهُمْ وَقُولُوا آمَنَّا بِاللَّهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ فَإِنْ كَانَ حَقًّا لَمْ تُكَذِّبُوهُمْ وَإِنْ كَانَ بَاطِلًا لَمْ تُصَدِّقُوهُمْ»

«Ҳаргоҳ аҳли китоб сухане бароятон нақл карданд, на ононро тасдиқ кунед ва на таксиб, бигӯед: Мо ба Аллоҳ ва китобҳо ва паёмбаронаш имон овардаем, пас агар суханашон ҳақ бошад, ононро таксиб накардаед ва агар ботил бошад, оноро тасдиқ накардаед.»(45)

(45) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 17225, Абудовуд, шумораи ҳадис 3644, ба

Зеро Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «حَدِّثُوا عَنْ بَنِي إِسْرَائِيلَ وَلَا حَرَجَ»

«Аз бани Исроил ривоят нақл кунед ва гуноҳе бар шумо нест».[46] Ҳарчанд бештари ин матолиб фоидае надоранд ва ниёзе ба онҳо нест.

**Чаҳорум: Ҳукм ба шариъат ва қонунҳои Қуръони карим.**

Аллоҳ таоло Қуръонро ба унвони ҳоким ва амин ва шоҳид бар китобҳои пешин нозил кард. Ва аз ин рӯ китоби осмонии мусулмонон шомили тамоми масолеҳ ва манофеъ аст. Ва бархе аз аҳкоми китобҳои пешинро мансух кард ва бархеро боқи гузошт ва бар онҳо афзуд. Бинобарин пайравӣ аз шариъате ҷуз шариъати Қуръон ҷоиз ва раво нест, чаро ки Аллоҳи мутаол пас аз зикри Таврот ва Инҷил мефармояд:

﴿وَأَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَمُهَيۡمِنًا عَلَيۡهِۖ فَٱحۡكُم بَيۡنَهُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُۖ وَلَا تَتَّبِعۡ أَهۡوَآءَهُمۡ عَمَّا جَآءَكَ مِنَ ٱلۡحَقِّۚ لِكُلّٖ جَعَلۡنَا مِنكُمۡ شِرۡعَةٗ وَمِنۡهَاجٗاۚ وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ لَجَعَلَكُمۡ أُمَّةٗ وَٰحِدَةٗ وَلَٰكِن لِّيَبۡلُوَكُمۡ فِي مَآ ءَاتَىٰكُمۡۖ فَٱسۡتَبِقُواْ ٱلۡخَيۡرَٰتِۚ إِلَى ٱللَّهِ مَرۡجِعُكُمۡ جَمِيعٗا فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ فِيهِ تَخۡتَلِفُونَ ٤٨ وَأَنِ ٱحۡكُم بَيۡنَهُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ وَلَا تَتَّبِعۡ أَهۡوَآءَهُمۡ وَٱحۡذَرۡهُمۡ أَن يَفۡتِنُوكَ عَنۢ بَعۡضِ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ إِلَيۡكَۖ فَإِن تَوَلَّوۡاْ فَٱعۡلَمۡ أَنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ أَن يُصِيبَهُم بِبَعۡضِ ذُنُوبِهِمۡۗ وَإِنَّ كَثِيرٗا مِّنَ ٱلنَّاسِ لَفَٰسِقُونَ ٤٩ أَفَحُكۡمَ ٱلۡجَٰهِلِيَّةِ يَبۡغُونَۚ وَمَنۡ أَحۡسَنُ مِنَ ٱللَّهِ حُكۡمٗا لِّقَوۡمٖ يُوقِنُونَ ٥٠﴾ [المائدة: ٤٨، ٥٠]

« Ва [эй паёмбар, мо ин] китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, [ки] тасдиққунандаи китобҳои пешин аст ва мавриди эътимод [-и китобҳои осмонӣ ба унвони меъёре барои ҳақ ва ботил] аст. Пас, байни онон бар асоси он чи Аллоҳ таоло нозил кардааст, ҳукм кун ва ба ҷойи ҳақиқате, ки [аз ҷониби Қуръон] ба ту раисдааст,

ривояти Абунамлаи ансорӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(46) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3461, ба ривояти Абдуллоҳ ибни Амр (Худованд аз ӯ розӣ бод)

аз ҳавасҳои онон пайравӣ макун. [Эй мардум] Мо барои ҳар яке аз шумо оину роҳи равшан карор додем ва агар Аллоҳ таоло мехост, ҳамаи шуморо уммати воҳид карор медод, вале [Аллоҳ таоло мехоҳад] шуморо дар [мавриди] он чи ба шумо бахшидааст, биозмояд, пас, дар некиҳо бар якдигар пешӣ гиред. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯйи Аллоҳ таоло аст. Он гоҳ Ӯ аз он чи дар он ихтилоф мекардед, огоҳатон месозад. 48 Ва [эй паёмбар] миёни онон [яҳуд] бар асоси он чи Аллоҳ таоло [дар Қуръон] нозил кардааст, ҳукм кун ва аз ҳавасҳояшон пайравӣ макун ва бар ҳазар бош аз ин ки туро аз бархе аз он чи Аллоҳ таоло бар ту нозил кардааст, мунҳариф кунанд. Пас, агар [аз пазириши доварии ту] рӯй гардонанд, бидон, ки Аллоҳ таоло мехоҳад ононро ба [хотири] бархе аз гуноҳонашон муҷозот кунад. Ва ба ростӣ, ки бисёре аз мардум нофармонанд. 49 Оё онон доварии [бар асоси ченакҳои] ҷоҳилиятро мехоҳанд? Ва барои аҳли яқин, доварии чи касе беҳтар аз Аллоҳ таоло аст? 50 (Сураи Моида 48-50)

﴿ إِنَّآ أَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ لِتَحۡكُمَ بَيۡنَ ٱلنَّاسِ بِمَآ أَرَىٰكَ ٱللَّهُۚ وَلَا تَكُن لِّلۡخَآئِنِينَ خَصِيمٗا ١٠٥ ﴾ [النساء: ١٠٥]

« [Эй паёмбар] Мо [ин] китобро ба ҳақ бар ту нозил кардаем, то ба [муҷиби] он чи Аллоҳ таоло ба ту омӯхтааст, дар миёни мардум доварӣ кунӣ ва мудофеи хиёнаткорон мабош.» (Сураи Нисо 105)

**Панҷум: Имон ба тамоми китобҳои осмонӣ ва на танҳо ба баъзе аз онҳо.**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ أَفَتُؤۡمِنُونَ بِبَعۡضِ ٱلۡكِتَٰبِ وَتَكۡفُرُونَ بِبَعۡضٖۚ فَمَا جَزَآءُ مَن يَفۡعَلُ ذَٰلِكَ مِنكُمۡ إِلَّا خِزۡيٞ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۖ وَيَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ يُرَدُّونَ إِلَىٰٓ أَشَدِّ ٱلۡعَذَابِۗ وَمَا ٱللَّهُ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعۡمَلُونَ ٨٥ ﴾ [البقرة: ٨٥]

« Оё ба бахше аз [дастуроти] китоб [-и осмонӣ дар мавриди фидя гирифтан] имон меоваред ва ба бахше [ки шуморо дар бораи ҳамдинонатон супориш мекунад] кофир мешавед? Пас, ҷазои ҳар касе аз шумо, ки чунин кунад, ҷуз расвоӣ ва хорӣ дар ин ҷаҳон нахоҳад буд ва дар рӯзи қиёмат ба шадидтарин азоб гирифтор мешаванд; ва [яқин бидонед, ки] Аллоҳ таоло аз он чи анҷом медиҳед, ғофил нест.» (Сураи Бақара 85)

﴿ هَٰٓأَنتُمۡ أُوْلَآءِ تُحِبُّونَهُمۡ وَلَا يُحِبُّونَكُمۡ وَتُؤۡمِنُونَ بِٱلۡكِتَٰبِ كُلِّهِۦ وَإِذَا لَقُوكُمۡ قَالُوٓاْ ءَامَنَّا وَإِذَا خَلَوۡاْ عَضُّواْ عَلَيۡكُمُ ٱلۡأَنَامِلَ مِنَ ٱلۡغَيۡظِۚ قُلۡ مُوتُواْ بِغَيۡظِكُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمُۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ١١٩ ﴾ [ال عمران: ١١٩]

« Ҳон! Шумо [эй муъминон] касоне ҳастед, ки ононро дӯст доред, дар ҳоле ки онҳо шуморо дӯст надоранд ва шумо ба ҳама китоб [-ҳои осмонӣ] имон доред [вале онон ба Қуръон имон надоранд];» (Сураи Оли Имрон 119)

**Шашум: Таҳрими китмон ва таҳрифи китобҳои осмонӣ ва ихтилоф дар мавриди онҳо ва низ таҳрими радди бархе аз оятҳои илоҳӣ.**

Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ وَإِذۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ لَتُبَيِّنُنَّهُۥ لِلنَّاسِ وَلَا تَكۡتُمُونَهُۥ فَنَبَذُوهُ وَرَآءَ ظُهُورِهِمۡ وَٱشۡتَرَوۡاْ بِهِۦ ثَمَنٗا قَلِيلٗاۖ فَبِئۡسَ مَا يَشۡتَرُونَ ١٨٧ ﴾ [ال عمران: ١٨٧]

« Ва [эй паёмбар, ёд кун] ҳангоме ки Аллоҳ таоло аз касоне, ки китоби [осмонӣ] ба онон дода шуда буд, паймон гирифт, ки: «Ҳатман, [омӯзаҳои ҳидоятбахши] онро барои мардум баён намоед ва [он чиро, ки нубуввати Муҳаммад хабар медиҳад] китмонаш накунед»; ва [-ле] он [аҳд]-ро пушти сари хеш андохтанд [бад-он таваҷҷуҳе накарданд] ва ба баҳои андаке [ҳамчун молу мақом] фурӯхтанд. Чи бад аст, он чи мехаранд!» (Сураи Оли Имрон 187)

﴿ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكۡتُمُونَ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَيَشۡتَرُونَ بِهِۦ ثَمَنٗا قَلِيلًا أُوْلَٰٓئِكَ مَا يَأۡكُلُونَ فِي بُطُونِهِمۡ إِلَّا ٱلنَّارَ وَلَا يُكَلِّمُهُمُ ٱللَّهُ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَلَا يُزَكِّيهِمۡ وَلَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٌ ١٧٤ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ ٱشۡتَرَوُاْ ٱلضَّلَٰلَةَ بِٱلۡهُدَىٰ وَٱلۡعَذَابَ بِٱلۡمَغۡفِرَةِۚ فَمَآ أَصۡبَرَهُمۡ عَلَى ٱلنَّارِ ١٧٥ ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ نَزَّلَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّۗ وَإِنَّ ٱلَّذِينَ ٱخۡتَلَفُواْ فِي ٱلۡكِتَٰبِ لَفِي شِقَاقِۭ بَعِيدٖ ١٧٦ ﴾ [البقرة: ١٧٤، ١٧٦]

« Касоне, ки он чиро Аллоҳ таоло дар китоби [Таврот дар бораи нубуввати Муҳаммад] нозил кардааст, китмон мекунанд ва онро [барои касби молу мақоми дунё] ба баҳои андаке мефурӯшанд [дар ҳақиқат] ҷуз оташ дар шикамҳояшон фурӯ намебаранд ва Аллоҳ таоло рӯзи қиёмат бо онон сухан намегӯяд ва [аз палидии гуноҳ] покашон намекунад ва азоби дардноке хоҳанд дошт. 174 Инон касоне ҳастанд, ки гумроҳиро ба [баҳои] ҳидоят ва азобро ба [баҳои] омурзиш хариданд, пас, бар оташи [дӯзах] чи шикебо ҳастанд! 175 Ин [муҷозот бар китмони ҳақ] ба хотири он аст, ки Аллоҳ таоло китоб [-ҳои осмони]-ро ба ҳақ нозил кардааст ва касоне, ки дар он ихтилоф карданд, [аз ҳақиқат] бисёр дуранд. 176 (Сураи Бақара 174-176)

﴿ فَوَيۡلٞ لِّلَّذِينَ يَكۡتُبُونَ ٱلۡكِتَٰبَ بِأَيۡدِيهِمۡ ثُمَّ يَقُولُونَ هَٰذَا مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ لِيَشۡتَرُواْ بِهِۦ ثَمَنٗا قَلِيلٗاۖ فَوَيۡلٞ لَّهُم مِّمَّا كَتَبَتۡ أَيۡدِيهِمۡ وَوَيۡلٞ لَّهُم مِّمَّا يَكۡسِبُونَ ٧٩ ﴾ [البقرة: ٧٩]

« Пас, вой бар касоне, ки бо дасти худ менависанд, сипас мегӯянд: «Ин аз ҷониби Аллоҳ таоло аст», то онро ба баҳои андак бифурушанд! Пас, вой бар онҳо аз он чи дастҳояшон навиштааст ва вой бар онон аз он чи [аз ин роҳ] ба даст меоваранд!» (Сураи Бақара 79)

عَنْ عَمْرِو بْنِ شُعَيْبٍ عَنْ أَبِيهِ عَنْ جَدِّهِ قَالَ سَمِعَ النَّبِيُّ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَوْمًا يَتَدَارَءُونَ فَقَالَ إِنَّمَا هَلَكَ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمْ بِهَذَا ضَرَبُوا كِتَابَ اللَّهِ بَعْضَهُ بِبَعْضٍ وَإِنَّمَا نَزَلَ كِتَابُ اللَّهِ يُصَدِّقُ بَعْضُهُ بَعْضًا فَلَا تُكَذِّبُوا بَعْضَهُ بِبَعْضٍ فَمَا عَلِمْتُمْ مِنْهُ فَقُولُوا وَمَا جَهِلْتُمْ فَكِلُوهُ إِلَى عَالِمِهِ»

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) гуруҳеро шуниданд, ки бо ҳам баҳсу мунокиша мекарданд. Пас ба онон фармуданд:

«Ҳамоно касоне ки пеш аз шумо буданд, ба сабаби ин кор ҳалок шуданд. Онон бахше аз китобро бо бахши дигараш дафъу рад карданд. Дар ҳоле ки китоби илоҳӣ ба гунае нозил шудааст, ки бахше аз он бахши дигарашро таъйид мекунад. Пас бахше аз онро бо бахши дигараш такзиб накунед. Ва ончиро, ки аз он медонед бигӯед ва ончиро намедонед ба донояш вогузор кунед.» РивоятиимомАҳмад.(47)

(47) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 6741, ба ривояти Абдуллоҳ ибни Амр (Худованд аз ӯ розӣ бод)

## Имон ба паёмбарон

Яъне: Имони қатъӣ ба инки Аллоҳи мутаол мардонеро аз миёни мардум баргузид ва ба онон ваҳйи кард ва ин афродро башорат диҳанда ва бим диҳанда фиристод, то паёмҳои Ӯро ба махлуқоташ бирасонанд. Инки фақат Ӯро ибодат кунанд ва аз тоғут дури намоянд. То ба ин тартиб раҳмате барои мардум бошанд ва ҳуҷҷат бар онон тамом шавад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ ٱللَّهُ يَصۡطَفِي مِنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ رُسُلٗا وَمِنَ ٱلنَّاسِۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعُۢ بَصِيرٞ ٧٥ ﴾ [الحج : ٧٥]

«Аллоҳ таоло аз миёни фариштагон фиристодагоне [барои иблоғи ваҳй ба паёмбарон] бармегузинад ва аз миёни инсонҳо низ [паёмбароне барои расонидани паёми илоҳӣ ба мардум интихоб мекунад]. Бе тардид, Аллоҳ таоло шунавои биност.» (Сураи Ҳаҷ 75)

﴿ وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ إِلَّا رِجَالٗا نُّوحِيٓ إِلَيۡهِمۡۖ فَسۡـَٔلُوٓاْ أَهۡلَ ٱلذِّكۡرِ إِن كُنتُمۡ لَا تَعۡلَمُونَ ٤٣ ﴾ [النحل: ٤٣]

«Ва [эй Паёмбар] Мо пеш аз ту ба ҷуз мардоне, ки ба онон ваҳй мекардем, [касеро ба рисолат] нафиристодем; пас, [эй мушрикон] агар намедонед, аз аҳли зикр [донишмандони аҳли китоб] бипурсед.» (Сураи Наҳл 43)

﴿ رُّسُلٗا مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى ٱللَّهِ حُجَّةُۢ بَعۡدَ ٱلرُّسُلِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمٗا ١٦٥ ﴾ [النساء : ١٦٥]

«Паёмбароне [фиристодем], ки башоратбахшу бимдиҳанда буданд, то барои мардум пас аз [биъсати] паёмбарон дар муқобили Аллоҳ таоло [ҳеҷ баҳона ва] ҳуҷҷате набошад. Ва Аллоҳ таоло ҳамвора шикастнопазири ҳаким аст.» (Сураи Нисо 165)

﴿ وَلَقَدۡ بَعَثۡنَا فِي كُلِّ أُمَّةٖ رَّسُولًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجۡتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَۖ ٣٦ ﴾ [النحل: ٣٦]

«Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ таоло] дурӣ кунед».» (Сураи Наҳл 36)

## Имон ба расулон шомили мавориди зер мебошад:

**Аввал: Имон ба инки рисолаташон аз ҷониби Аллоҳ ва бар асоси ирода ва ҳикмати Ӯ аст.**

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَإِذَا جَآءَتۡهُمۡ ءَايَةٞ قَالُواْ لَن نُّؤۡمِنَ حَتَّىٰ نُؤۡتَىٰ مِثۡلَ مَآ أُوتِيَ رُسُلُ ٱللَّهِۘ ٱللَّهُ أَعۡلَمُ حَيۡثُ يَجۡعَلُ رِسَالَتَهُۥۗ ١٢٤ ﴾ [الانعام: ١٢٤]

«Ва [мушрикон] чун ояте [аз Қуръон] барояшон меояд мегӯянд: «Ҳаргиз ба он имон намеоварем, магар он ки ҳам монанди он чи ба паёмбарони илоҳӣ додашудааст, ба мо низ дода шавад». Аллоҳ таоло беҳтар медонад, ки рисолати хешро куҷо [ва бар ӯҳдаи чи касе] қарор диҳад.» (Сураи Анъом 124)

﴿ وَقَالُواْ لَوۡلَا نُزِّلَ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانُ عَلَىٰ رَجُلٖ مِّنَ ٱلۡقَرۡيَتَيۡنِ عَظِيمٍ ٣١ أَهُمۡ يَقۡسِمُونَ رَحۡمَتَ رَبِّكَۚ نَحۡنُ قَسَمۡنَا بَيۡنَهُم مَّعِيشَتَهُمۡ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۚ وَرَفَعۡنَا بَعۡضَهُمۡ فَوۡقَ بَعۡضٖ دَرَجَٰتٖ لِّيَتَّخِذَ بَعۡضُهُم بَعۡضٗا سُخۡرِيّٗاۗ وَرَحۡمَتُ رَبِّكَ خَيۡرٞ مِّمَّا يَجۡمَعُونَ ٣٢ ﴾ [الزخرف: ٣١، ٣٢]

«Ва гуфтанд: «Чаро ин Қуръон бар марде бузург аз ду шаҳр [Макка ва Тоиф] нозил нашудааст?» 31 Оё онон раҳмати Парвардигоратро тақсим мекунанд? Моем, ки рӯзӣ [ва маишати] ононро дар зиндагии дунё миёнашон тақсим кардаем ва ононро нисбат ба ҳам ба дараҷоте бартарӣ бахшидаем, то аз хадамоти [мутақобили] якдигар истифода кунанд ва раҳмати

Парвардигорат аз амволе, ки ҷамъ мекунанд, беҳтар аст.» 32 (Сураи Зухруф 31-32)

Бинобар ин нубуввват ва рисолат бо риёзат ва муҷоҳидат ба даст намеояд. Онгуна, ки баъзе аз суфиёни бе дину зиндиқ иддиъо мекунанд. Ва инчунин бо иҷтимоъи неруҳои қудсӣ, тахайюлӣ ва ҳаяҷонӣ ҳосил намешавад. Онгуна ки файласуфон иддиъо мекунанд. Балки фақат навъе интихоб ва фазл аз ҷониби Аллоҳ аст барои касоне аз бартарини махлуқоташ, ки Аллоҳ ононро шоистаи ин мақом бидонад.

**Дуввум: Имон ба тамоми расулон, ки номашонро ба таври мушаххас медонем ва ба афроде, ки аз номашон огоҳ нестем, ба таври куллӣ ва иҷмоли имон меоварем.**

Бархе аз паёмбарон, ки аз номашон огоҳ ҳастем, афроде ҳастанд, ки пас аз номи Иброҳим (Алайҳиссалом) дар оятҳои зер ном бурда шудаанд:

﴿ وَوَهَبۡنَا لَهُۥٓ إِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَۚ كُلًّا هَدَيۡنَاۚ وَنُوحًا هَدَيۡنَا مِن قَبۡلُۖ وَمِن ذُرِّيَّتِهِۦ دَاوُۥدَ وَسُلَيۡمَٰنَ وَأَيُّوبَ وَيُوسُفَ وَمُوسَىٰ وَهَٰرُونَۚ وَكَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُحۡسِنِينَ ۝٨٤ وَزَكَرِيَّا وَيَحۡيَىٰ وَعِيسَىٰ وَإِلۡيَاسَۖ كُلّٞ مِّنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ۝٨٥ وَإِسۡمَٰعِيلَ وَٱلۡيَسَعَ وَيُونُسَ وَلُوطٗاۚ وَكُلّٗا فَضَّلۡنَا عَلَى ٱلۡعَٰلَمِينَ ۝٨٦ ﴾ [الانعام: ٨٤، ٨٦]

«Ва ба ӯ [Иброҳим] Исҳоқ ва Яъқубро бахшидем ва ҳамаро [ба роҳи рост] ҳидоят кардем. Ва пештар Нуҳро [низ] ҳидоят карда будем ва аз насли ӯ Довуд, Сулаймон, Аюб, Юсуф, Мӯсо ва Ҳорунро [ба роҳи ҳақ раҳнамун гаштем] ва накукоронро ингуна подош медиҳем. 84 Ва [ҳамчунин] Закариё, Яҳё, Исо ва Илёс[-ро роҳ намудем, ки] ҳама аз шоистагон буданд. 85 Ва Исмоил, Ясаъ, Юнус ва Лут[-ро низ ҳидоят кардем] ва ҷумлагиро бар ҷаҳониён бартарӣ додем. 86 (Сураи Анъом 84-86)

Ва Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا رُسُلٗا مِّن قَبۡلِكَ مِنۡهُم مَّن قَصَصۡنَا عَلَيۡكَ وَمِنۡهُم مَّن لَّمۡ نَقۡصُصۡ عَلَيۡكَۗ ۝٧٨ ﴾ [غافر: ٧٨]

«Пеш аз ту низ паёмбароне фиристодаем, ки [саргузашти] бархе аз эшонро бароят ҳикоят кардаем ва бархе дигарро ҳикоят накардаем.» (Сураи Ғофир 78)

Бинобар ин имон овардан ба ҳамаи паёмбарон воҷиб аст. Чун даъваташон як будааст. Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ ۞شَرَعَ لَكُم مِّنَ ٱلدِّينِ مَا وَصَّىٰ بِهِۦ نُوحٗا وَٱلَّذِيٓ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ وَمَا وَصَّيۡنَا بِهِۦٓ إِبۡرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ وَعِيسَىٰٓۖ أَنۡ أَقِيمُواْ ٱلدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُواْ فِيهِۚ ۝١٣ ﴾ [الشورى: ١٣]

«Аз дин ҳамонро барои шумо муқаррар кард, ки ба Нуҳ амр карда буд ва низ он чи ба ту ваҳй кардем ва он чи ба Иброҳим ва Мӯсо ва Исо амр кардем, ин ки: «Динро барпо нигоҳ доред ва дар мавриди он фирқа-фирқа нашавед [ва ихтилоф наварзед]».» (Сураи Шуро 13)

Пас куфр варзидан ба яке аз расулон, куфр варзидан ба ҳамаи онон аст. Чунонки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ كَذَّبَتۡ قَوۡمُ نُوحٍ ٱلۡمُرۡسَلِينَ ۝١٠٥ ﴾ [الشعراء : ١٠٥]

«Қавми Нуҳ паёмбаронро такзиб карданд» (Сураи Шуъаро 105)

Бо вуҷуди инки Нуҳ (Алайҳиссалом) нахустин расул буд. Бинобарин ҷоиз нест, ки бархе аз паёмбарони илоҳиро (аз нигоҳи даъват ва рисолати аслиашон) ҷудо ва мутафовит аз дигар паёмбарон бидонем ва наметавон ба бархе аз онон имон овард ва ба бархе кофир шуд ва ҳар кас чунин кунад, қатъан кофир мегардад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكۡفُرُونَ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَيُرِيدُونَ أَن يُفَرِّقُواْ بَيۡنَ ٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَيَقُولُونَ نُؤۡمِنُ بِبَعۡضٖ وَنَكۡفُرُ بِبَعۡضٖ وَيُرِيدُونَ أَن يَتَّخِذُواْ بَيۡنَ ذَٰلِكَ سَبِيلًا ١٥٠ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ حَقّٗاۚ وَأَعۡتَدۡنَا لِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٗا مُّهِينٗا ١٥١ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَلَمۡ يُفَرِّقُواْ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّنۡهُمۡ أُوْلَٰٓئِكَ سَوۡفَ يُؤۡتِيهِمۡ أُجُورَهُمۡۚ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ١٥٢ ﴾ [النساء: ١٥٠، ١٥٢]

«Касоне, ки ба Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш куфр меварзанд ва мехоҳанд миёни Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш ҷудоӣ андозанд ва мегӯянд: «Мо ба баъзе имон дорем ва баъзеро инкор мекунем» ва мехоҳанд дар ин [миён байни куфру имон барои худ] роҳе баргузинанд. 150 Ононанд, ки ба ростӣ, кофиранд ва мо барои кофирон азоби хоркунандае муҳайё кардаем. 151 Ва касоне, ки ба Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш имон овარданд ва миёни ҳеҷ кадом аз онон фарқ намегузоранд, ба зудӣ [Аллоҳ таоло] подошашонро ато мекунад ва Аллоҳ таоло ҳамвора омурзандаи меҳрубон аст. 152 (Сураи Нисо 150-152)

**Севум: Тасдиқи паёмбарон ва пазируфтани ахборе ки аз ҷониби Аллоҳ овардаанд.**

Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدۡ جَآءَكُمُ ٱلرَّسُولُ بِٱلۡحَقِّ مِن رَّبِّكُمۡ فَـَٔامِنُواْ خَيۡرٗا لَّكُمۡۚ وَإِن تَكۡفُرُواْ فَإِنَّ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمٗا ١٧٠ ﴾ [النساء: ١٧٠]

«Эй мардум, ин паёмбар аз ҷониби Парвардигоратон [ҳидояту дини] ҳақро бароятон овардааст, пас, имон биёваред, ки ба хайр [-у салоҳ]-и шумост. Ва агар [суханашро напазиред ва] куфр биварзед, [бидонед, ки] он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст [ва куфри шумо бар Ӯ зиёне намерасонад] ва Аллоҳ таоло ҳамвора донои ҳаким аст.» (Сураи Нисо 170)

﴿ وَٱلَّذِى جَآءَ بِٱلصِّدْقِ وَصَدَّقَ بِهِۦٓ ۙ أُو۟لَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُتَّقُونَ ﴿٣٣﴾ ﴾ [الزمر: ٣٣]

«Аммо онон, ки паёми ростин биёваранд [ва дигаронро ба пазириши он даъват кунанд] ва худ низ онро тасдиқ намоянд, ба ростӣ, парҳезгоранд.» (Сураи Зумар 33)

﴿ وَٱلنَّجْمِ إِذَا هَوَىٰ ﴿١﴾ مَا ضَلَّ صَاحِبُكُمْ وَمَا غَوَىٰ ﴿٢﴾ وَمَا يَنطِقُ عَنِ ٱلْهَوَىٰٓ ﴿٣﴾ إِنْ هُوَ إِلَّا وَحْىٌ يُوحَىٰ ﴿٤﴾ عَلَّمَهُۥ شَدِيدُ ٱلْقُوَىٰ ﴿٥﴾ ﴾ [النجم: ١، ٥]

«Савганд ба ситора, он гоҳ ки нопадид шавад. 1 Ки ёри шумо [Муҳаммад] ҳаргиз гумроҳ нашуда ва ба роҳи табоҳе наафтодааст. 2 Ва аз рӯйи ҳавои нафс сухан намегӯяд. 3 [Ин Қуръон] Ваҳй [-и илоҳӣ] аст, ки [ба ӯ] илқо мешавад. Ин [Қуръон] ҷуз панд барои ҷаҳониён [инсон ва ҷин] нест. 4 [Ҷабраил, ки фариштае аст] Пуртавон таълимаш додааст. 5 (Сураи Наҷм 1-5)

Бар ин асос, тасдиқи ҳама ахбори саҳеҳи паёмбарони пешин, ончи Аллоҳ дар Қуръон исбот кардааст, ё инки ба воситаи Паёмбар дар ҳадисҳояш таъйид шудааст, воҷиб аст. Ва ончи дар зумраи исроилиёт омадааст ҳамон ҳукмеро дорад, ки дар мабҳаси имон ба китобҳои осмонӣ баён шуд. Ва аммо ривоятҳое ки ба паёмбарамон нисбат дода шудааст, бояд дурусти ё нодурустии онҳо ба воситаи афроди огоҳ ва ҳадисшинос бар тибқи қоидаҳои муҳаддисон баррасӣ шавад, ки агар саҳеҳ буданашон таъйид шавад, пазируфтан ва имон ба онҳо низ воҷиб аст.

**Чаҳорум: Итоъат ва пайравӣ аз паёмбарон ва пазируфтани ҳукми онон.**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَمَآ أَرْسَلْنَا مِن رَّسُولٍ إِلَّا لِيُطَاعَ بِإِذْنِ ٱللَّهِ ﴿٦٤﴾ ﴾ [النساء: ٦٤]

«Ва ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар барои ин ки ба фармони Аллоҳ таоло [мардум аз вай] итоат кунанд.»

(Сураи Нисо 64)

Бинобарин бар ҳар уммат воҷиб аст, аз паёмбаре ки ба суяшон фиристода шудааст пайравӣ кунанд. Ва аз онҷо ки паёмбарамон Муҳаммад (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) охирин ва хотами паёмбарон аст, шариъати эшон шариъатҳои пешинаро насх кардааст ва итоату пайравӣ аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) бар ҳар касе ки аз паёмбарии ӯ бишнавад ва бохабар шавад, воҷиб аст.

Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ ٱلَّذِينَ يَتَّبِعُونَ ٱلرَّسُولَ ٱلنَّبِيَّ ٱلْأُمِّيَّ ٱلَّذِي يَجِدُونَهُۥ مَكْتُوبًا عِندَهُمْ فِي ٱلتَّوْرَىٰةِ وَٱلْإِنجِيلِ يَأْمُرُهُم
بِٱلْمَعْرُوفِ وَيَنْهَىٰهُمْ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ ٱلْخَبَٰٓئِثَ وَيَضَعُ عَنْهُمْ
إِصْرَهُمْ وَٱلْأَغْلَٰلَ ٱلَّتِي كَانَتْ عَلَيْهِمْ ۚ فَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِهِۦ وَعَزَّرُوهُ وَنَصَرُوهُ وَٱتَّبَعُوا۟ ٱلنُّورَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ
مَعَهُۥٓ ۙ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿١٥٧﴾ قُلْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا ٱلَّذِي لَهُۥ مُلْكُ
ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ يُحْيِۦ وَيُمِيتُ ۖ فَـَٔامِنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِ ٱلنَّبِيِّ ٱلْأُمِّيِّ ٱلَّذِي يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ
وَكَلِمَٰتِهِۦ وَٱتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ ﴿١٥٨﴾ ﴾ [الاعراف: ١٥٧، ١٥٨]

«Касоне, ки аз фиристода ва паёмбари дарснохонда [уммӣ] пайравӣ мекунанд, [ҳамон] ки ном [ва нишонаҳои] ӯро назди худ дар Тавроту Инҷил навишта меёбанд, [ҳам ӯ] ки ононро ба некиҳо фармон медиҳад ва аз зиштиҳо [ва корҳои нописанд] бозашон медорад ва покизаҳоро барояшон ҳалол мегардонад ва палидиҳоро ба онон ҳаром мекунад ва бори гарони [таколифи шаръӣ]-ро, ки бар эшон будааст, аз [уҳдаи] онон бармедорад. Пас, касоне, ки ба Ӯ имон оварданд ва гиромияш доштанд ва ёриаш карданд ва аз нуре, ки бо ӯ нозил шудааст, пайравӣ намуданд, ононанд, ки растагоранд» 157 Бигӯ: «Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ таоло ба сӯйи ҳамаи шумо ҳастам.Ҳамон [Парвардигоре], ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст, маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест; зинда мекунад ва мемиронад, пас, ба Аллоҳ таоло ва фиристодааш – он паёмбари дарснохондае, ки ба Аллоҳ таоло ва суханонаш бовар дорад, имон биёваред ва аз Ӯ пайравӣ кунед, бошад, ки ҳидоят шавед» 158» (Сураи Аъроф 157-158)

﴿قُلۡ إِن كُنتُمۡ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِي يُحۡبِبۡكُمُ ٱللَّهُ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٣١
قُلۡ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَۖ فَإِن تَوَلَّوۡاْ فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٣٢﴾ [آل عمران: ٣١، ٣٢]

«[Эй паёмбар] Бигӯ: «Агар Аллоҳро дӯст медоред, аз ман пайравӣ кунед, то Аллоҳ таоло шуморо дӯст бидорад ва гуноҳонатонро биёмурзад; ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст» 31 [Эй паёмбар] Бигӯ: «Аллоҳ таоло ва паёмбар [-и Ӯ]-ро итоат кунед»; пас, агар пушт карданд [ва сарпечӣ намуданд], ҳатман, Аллоҳ таоло кофиронро дӯст надорад. 32» (Сураи Оли Имрон 31-32)

﴿فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤۡمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيۡنَهُمۡ ثُمَّ لَا يَجِدُواْ فِيٓ أَنفُسِهِمۡ حَرَجٗا مِّمَّا
قَضَيۡتَ وَيُسَلِّمُواْ تَسۡلِيمٗا ٦٥﴾ [النساء: ٦٥]

«На! Савганд ба Парвардигорат, [эй Муҳаммад] ки онон имон намеоваранд, магар ин ки дар ихтилофоташон туро довар қарор диҳанд ва аз доварии ту дар дили хеш эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд.» (Сураи Нисо 65)

**Панҷум: Дӯстӣ ва муҳаббат бо паёмбарон ва риояти эҳтироми онон ва дуруд фиристодан бар ин ашхоси бузург.**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنَّمَا وَلِيُّكُمُ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤۡتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَهُمۡ رَٰكِعُونَ
٥٥ وَمَن يَتَوَلَّ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ فَإِنَّ حِزۡبَ ٱللَّهِ هُمُ ٱلۡغَٰلِبُونَ ٥٦﴾ [المائدة: ٥٥، ٥٦]

«[Эй муъминон] Бе тардид, [ёвару] дӯсти шумо фақат Аллоҳ таоло ва паёмбараш ва [ҳамчунин] афроде ҳастанд, ки имон овардаанд. [Ҳамон] Касоне, ки намоз барпо медоранд ва бо фурӯтанӣ [ва ризояти комил] закот мепардозанд. 55 Ва ҳар ки Аллоҳ таоло ва паёмбараш ва муъминонро ба дӯстӣ бигирад, [аз гурӯҳи Аллоҳ таоло аст ва] яқинан, гурӯҳи Аллоҳ таоло пирӯзанд. 56» (Сураи Моида 55-56)

﴿فَلَمَّآ أَحَسَّ عِيسَىٰ مِنۡهُمُ ٱلۡكُفۡرَ قَالَ مَنۡ أَنصَارِيٓ إِلَى ٱللَّهِۖ قَالَ ٱلۡحَوَارِيُّونَ نَحۡنُ أَنصَارُ ٱللَّهِ
ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَٱشۡهَدۡ بِأَنَّا مُسۡلِمُونَ ٥٢﴾ [آل عمران: ٥٢]

«Сипас чун Исо ба куфри онон пай бурд, гуфт: «Чи касоне ёварони ман [дар роҳи даъват] ба сӯйи Аллоҳ таоло ҳастанд»? Ҳавориюн гуфтанд: «Мо ёварони [дини] Аллоҳ таоло ҳастем; ба Аллоҳ таоло имон овардаем ва [ту низ, эй Исо] гувоҳ бош, ки мо таслим [-и Ӯ] ҳастем.» (Сураи Оли Имрон 52)

﴿قُلۡ إِن كَانَ ءَابَآؤُكُمۡ وَأَبۡنَآؤُكُمۡ وَإِخۡوَٰنُكُمۡ وَأَزۡوَٰجُكُمۡ وَعَشِيرَتُكُمۡ وَأَمۡوَٰلٌ ٱقۡتَرَفۡتُمُوهَا وَتِجَٰرَةٞ
تَخۡشَوۡنَ كَسَادَهَا وَمَسَٰكِنُ تَرۡضَوۡنَهَآ أَحَبَّ إِلَيۡكُم مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَجِهَادٖ فِي سَبِيلِهِۦ
فَتَرَبَّصُواْ حَتَّىٰ يَأۡتِيَ ٱللَّهُ بِأَمۡرِهِۦۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡفَٰسِقِينَ ٢٤﴾ [التوبة : 24]

«[Эй паёмбар, ба муъминон] Бигӯ: «Агар падарону фарзандон ва бародарон ва ҳамсарон ва хешовандонатон ва амволе, ки ба даст овардаед ва тиҷорате, ки аз касодиаш метарсед ва хонаҳое, ки ба он дилхуш ҳастед, назди шумо аз Аллоҳ таоло ва паёмбараш ва ҷиҳод дар роҳи Ӯ маҳбубтаранд, пас, мунтазир бошед, то Аллоҳ таоло фармони [азоби] хешро нозил кунад. Ва Аллоҳ таоло гурӯҳи нофармонро ҳидоят намекунад»» (Сураи Тавба 24)

﴿وَسَلَٰمٌ عَلَى ٱلۡمُرۡسَلِينَ ١٨١﴾ [الصافات : ١٨١]

« Ва салом бар расулон» (Сураи Соффот 181)

Аллоҳи мутаол дар бораи паёмбараш Муҳаммад (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) мефармояд:

﴿لِّتُؤۡمِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَتُعَزِّرُوهُ وَتُوَقِّرُوهُۚ وَتُسَبِّحُوهُ بُكۡرَةٗ وَأَصِيلًا ٩﴾ [الفتح: ٩]

«То [шумо мардум] ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш имон биёваред ва [дини] Ӯро ёрӣ кунед ва бузургаш доред ва бомдоду шомгоҳ Аллоҳро тасбеҳ гӯед.» (Сураи Фатҳ 9)

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِيِّۚ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ صَلُّواْ عَلَيۡهِ وَسَلِّمُواْ تَسۡلِيمًا ٥٦ ﴾
[الاحزاب : ٥٦]

«Ба ростӣ, Аллоҳ таоло ва фариштагонаш бар паёмбар дуруд мефиристанд; [пас] эй касоне, ки имон овардаед [шумо низ] бар ӯ дуруд фиристед ва ба шоистагӣ салом гӯед.» (Сураи Аҳзоб 56)

عَنْ أَنَسٍ، قَالَ: قَالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ «لاَ يُؤْمِنُ أَحَدُكُمْ، حَتَّى أَكُونَ أَحَبَّ إِلَيْهِ مِنْ وَالِدِهِ وَوَلَدِهِ وَالنَّاسِ أَجْمَعِينَ»

Расули Аллоҳ фармуданд:

«Ҳеҷ касе аз шумо имон надорад, то замоне ки ман барои ӯ маҳбубтар аз падару фарзанд ва тамоми мардум набошам.» Ҳадис муттафақун алайҳи аст.(48)

(48) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 15, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 44, Ба ривояти Анас (Худованд аз ӯ розӣ бод)

## Имон ба рӯзи охират

Яъне: Эътиқод ва боварии қатъӣ ба инки Аллоҳи мутаол бандагонро дар рӯзе ки вақташро ҷуз Ӯ касе намедонад, аз қабрҳояшон барангехта ва бар асоси амалҳояшон муҳосиба мекунад ва дар қиболи онҳо, ё биҳиштро ба онон подош медиҳад ва ё инки ҷаҳаннам ҷазояшон аст. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ إِنَّمَا يُؤَخِّرُهُمْ لِيَوْمٍ تَشْخَصُ فِيهِ ٱلْأَبْصَٰرُ ٤٢ ﴾ [ابراهيم: ٤٢]

«[На, балки кайфари] ононро барои рӯзе ба таъхир меафканад, ки чашмҳо дар он [аз ваҳшат] хира мешаванд.» (Сураи Иброҳим 42)

﴿ زَعَمَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَن لَّن يُبۡعَثُواْۚ قُلۡ بَلَىٰ وَرَبِّي لَتُبۡعَثُنَّ ثُمَّ لَتُنَبَّؤُنَّ بِمَا عَمِلۡتُمۡۚ وَذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٞ ٧ ﴾ [التغابن: ٧]

«Касоне, ки кофир шуданд, гумон бурданд, ки ҳаргиз барангехта нахоҳанд шуд. Бигӯ: «Оре; ба Парвардигорам савганд, яқинан [ҳама] барангехта хоҳед шуд; он гоҳ аз он чи мекардед, ба шумо хабар хоҳанд дод ва ин [кор] бар Аллоҳ таоло осон аст»» (Сураи Тағобун 7)

﴿ وَيَوۡمَ تَقُومُ ٱلسَّاعَةُ يَوۡمَئِذٖ يَتَفَرَّقُونَ ١٤ فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَهُمۡ فِي رَوۡضَةٖ يُحۡبَرُونَ ١٥ وَأَمَّا ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَكَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا وَلِقَآيِٕ ٱلۡأٓخِرَةِ فَأُوْلَٰٓئِكَ فِي ٱلۡعَذَابِ مُحۡضَرُونَ ١٦ ﴾ [الروم: ١٤، ١٦]

«Рӯзе, ки қиёмат барпо гардад, [мардум бар асоси корҳояшон] аз якдигар ҷудо мешаванд. 14 Аммо касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, дар бӯстоне [аз биҳишт] шодмон мегарданд. 15 Ва аммо онон, ки куфр варзиданд ва оёти Мо ва дидорамон дар охиратро дурӯғ ангоштанд, инон эҳзоршудагон дар азобанд. 16» (Сураи Рум 14-16)

## Имон ба рӯзи охират шомили мавридҳои зер мебошад:

**Аввал: Имон баончи пас аз марг иттифоқ меафтад.**

Мисли дидани фариштагон ҳангоми ҷон кандан, фитнаи қабр, ки дар натиҷа пурсиши ду фаришта дар бораи Парвардигор, дин ва паёмбари майит ба вуҷуд меояд ва азоб ё неъматҳои қабр, ки ин маворид дар зиндагии барзах (зиндагии байни дунё ва охират) рӯй медиҳад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَلَوْ تَرَىٰٓ إِذْ يَتَوَفَّى ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ يَضْرِبُونَ وُجُوهَهُمْ وَأَدْبَٰرَهُمْ وَذُوقُوا۟ عَذَابَ ٱلْحَرِيقِ ﴿٥٠﴾ ﴾ [الانفال: ٥٠]

«Ва агар медидӣ, он гоҳ ки фариштагон ҷони кофиронро меситонданд, бар сурату пушташон мезаданд ва [мегӯянд]: «Азоби сӯзонро бичашед.» (Сураи Анфол 50)

﴿ إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُوا۟ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسْتَقَٰمُوا۟ تَتَنَزَّلُ عَلَيْهِمُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ أَلَّا تَخَافُوا۟ وَلَا تَحْزَنُوا۟ وَأَبْشِرُوا۟ بِٱلْجَنَّةِ ٱلَّتِى كُنتُمْ تُوعَدُونَ ﴿٣٠﴾ ﴾ [فصلت: ٣٠]

«[Аммо] Касоне, ки гуфтанд: «Парвардигори мо Аллоҳ таоло аст», он гоҳ [аз бандагии ғайри Ӯ сар боз заданд ва бар эътиқоди худ] пой фишурданд, фариштагон бар онон фуруд меоянд [ва мегӯянд]: «Натарсед ва андуҳ надошта бошед ва башорат бод бар шумо он биҳишти мавъудатон!» (Сураи Фуссилат 30)

﴿ فَوَقَىٰهُ ٱللَّهُ سَيِّـَٔاتِ مَا مَكَرُوا۟ ۖ وَحَاقَ بِـَٔالِ فِرْعَوْنَ سُوٓءُ ٱلْعَذَابِ ﴿٤٥﴾ ٱلنَّارُ يُعْرَضُونَ عَلَيْهَا غُدُوًّا وَعَشِيًّا ۖ وَيَوْمَ تَقُومُ ٱلسَّاعَةُ أَدْخِلُوٓا۟ ءَالَ فِرْعَوْنَ أَشَدَّ ٱلْعَذَابِ ﴿٤٦﴾ ﴾ [غافر: ٤٥، ٤٦]

«Пас, Аллоҳ таоло ӯро аз осеби дасисаи онон ҳифз намуд ва азоби сахт домангири фирьавниён шуд. 45 Ҳамон оташе, ки [дар қабрҳояшон] бомдоду шомгоҳ бар он арза мешаванд ва рӯзе, ки қиёмат барпо гардад [фармон мерасад]: «Фиръавниёнро дар сахттарин азоб ворид кунед» 46» (Сураи Ғофир 45-46)

عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ، أَنَّهُ حَدَّثَهُمْ: أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: « إِنَّ العَبْدَ إِذَا وُضِعَ فِي قَبْرِهِ وَتَوَلَّى عَنْهُ أَصْحَابُهُ، وَإِنَّهُ لَيَسْمَعُ قَرْعَ نِعَالِهِمْ، أَتَاهُ مَلَكَانِ فَيُقْعِدَانِهِ، فَيَقُولاَنِ: مَا كُنْتَ تَقُولُ فِي هَذَا الرَّجُلِ لِمُحَمَّدٍ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، فَأَمَّا المُؤْمِنُ، فَيَقُولُ: أَشْهَدُ أَنَّهُ عَبْدُ اللَّهِ وَرَسُولُهُ، فَيُقَالُ لَهُ: انْظُرْ إِلَى مَقْعَدِكَ مِنَ النَّارِ قَدْ أَبْدَلَكَ اللَّهُ بِهِ مَقْعَدًا مِنَ الجَنَّةِ، فَيَرَاهُمَا جَمِيعًا – قَالَ قَتَادَةُ: وَذُكِرَ لَنَا: أَنَّهُ يُفْسَحُ لَهُ فِي قَبْرِهِ، ثُمَّ رَجَعَ إِلَى حَدِيثِ أَنَسٍ – قَالَ: وَأَمَّا المُنَافِقُ وَالكَافِرُ فَيُقَالُ لَهُ: مَا كُنْتَ تَقُولُ فِي هَذَا الرَّجُلِ؟ فَيَقُولُ: لاَ أَدْرِي كُنْتُ أَقُولُ مَا يَقُولُ النَّاسُ، فَيُقَالُ: لاَ دَرَيْتَ وَلاَ تَلَيْتَ، وَيُضْرَبُ بِمَطَارِقَ مِنْ حَدِيدٍ ضَرْبَةً، فَيَصِيحُ صَيْحَةً يَسْمَعُهَا مَنْ يَلِيهِ غَيْرَ الثَّقَلَيْنِ»

Анас ибни Молик (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят мекунад, ки Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Вақте банда дар қабраш гузошта мешавад ва ёронаш аз ӯ рӯй мегардонад (Аз қабристон баргашта мераванд баъди дафнаш) дар ҳоле ки садои кафшҳояшонро мешунавад, ду фаришта наздаш меояд. Ӯро мешинонанд ва мегӯянд: Дар бораи ин мард (Муҳаммад (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод)) чи мегуфтӣ? Аммо инсони муъмин мегӯяд: Гувоҳӣ медиҳам, ки ӯ банда ва фиристодаи Аллоҳ аст. Сипас ба ӯ гуфта мешавад: Ба ҷойгоҳат дар оташ нигоҳ кун, ки Аллоҳ ба ҷои он маконе аз биҳиштро ба ту бахшид. Бинобарин ӯ ҳарду ҷойгоҳашро (дар биҳишт ва дӯзах) мебинад. Аммо ба фарди мунофиқ ва кофир гуфта мешавад: Дар бораи ин мард чи мегуфтӣ? Ӯ мегӯяд: Намедонам, ҳамончизеро мегуфтам, ки мардум мегуфтанд. Сипас ба ӯ гуфта мешавад: На фаҳмиди ва на хонди ва бо чакушҳои оҳанин чунон зарбае ба ӯ зада мешавад ва чунон фарёде мекашад, ки тамоми махлуқоти атрофаш ғайр аз ҷин ва инс, ӯро мешунаванд.» Ҳадиси муттафақун алайҳи аст.(49)

عَنِ ابْنِ عَبَّاسٍ قَالَ: مَرَّ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ بِقَبْرَيْنِ، فَقَالَ: «إِنَّهُمَا لَيُعَذَّبَانِ، وَمَا يُعَذَّبَانِ فِي كَبِيرٍ، أَمَّا أَحَدُهُمَا فَكَانَ لاَ يَسْتَتِرُ مِنَ البَوْلِ، وَأَمَّا الآخَرُ فَكَانَ يَمْشِي بِالنَّمِيمَةِ» ثُمَّ أَخَذَ جَرِيدَةً رَطْبَةً، فَشَقَّهَا نِصْفَيْنِ، فَغَرَزَ فِي كُلِّ قَبْرٍ وَاحِدَةً، قَالُوا: يَا رَسُولَ اللَّهِ، لِمَ فَعَلْتَ هَذَا؟ قَالَ: «لَعَلَّهُ يُخَفِّفُ عَنْهُمَا مَا لَمْ يَيْبَسَا» وَقَالَ مُحَمَّدُ بْنُ المُثَنَّى، وَحَدَّثَنَا وَكِيعٌ، قَالَ: حَدَّثَنَا الأَعْمَشُ، قَالَ: سَمِعْتُ مُجَاهِدًا مِثْلَهُ: «يَسْتَتِرُ مِنْ بَوْلِهِ»

(49) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 1374, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2770.

Аз ибни Аббос ривоят шудааст, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) аз канори ду қабр гузаштанд ва фармуданд: «Соҳибони ин ду қабр дар ҳоли азоб ҳастанд, ҳарчанд иллати азоби онҳо гуноҳи бузурге нест, сипас дар идома фармуд: яке аз он ду ҳангоми қазои ҳоҷат иститор (худро аз пешоб пок ва хушк намекард) намекард. Ва дигари дар миёни мардум суханчини менамуд» Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) шохаи сарсабзи дарахти хурморо нисф кард ва рӯи қабри ҳар кадом шохае аз онҳоро кошт. Саҳоба пурсиданд: Эй расули Худо! Чаро ин корро анҷом додед? Фармуданд: «Ба ин умед то сабз будани шохаҳо азобашон тахфиф ёбад». Ҳадис муттафақун алайҳи аст.[50]

**Дуввум: Имон ба қиёмат ва нишонаҳои он.**

Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ ٱللَّهُ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ وَٱلۡمِيزَانَۗ وَمَا يُدۡرِيكَ لَعَلَّ ٱلسَّاعَةَ قَرِيبٞ ١٧ يَسۡتَعۡجِلُ بِهَا
ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِهَاۖ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مُشۡفِقُونَ مِنۡهَا وَيَعۡلَمُونَ أَنَّهَا ٱلۡحَقُّۗ أَلَآ إِنَّ ٱلَّذِينَ يُمَارُونَ فِي
ٱلسَّاعَةِ لَفِي ضَلَٰلِۭ بَعِيدٍ ١٨ ﴾ [الشورى: ١٧، ١٨]

« Аллоҳ таоло аст, ки Қуръон ва миқёси адолатро ба ҳақ нозил кардааст ва ту чи медонӣ? Шояд қиёмат наздик бошад. 17 Касоне, ки қиёматро бовар надоранд, [бо тамасхур ва] ба шитоб онро мехоҳанд. Ва касоне, ки [ба рӯзи ҷазо] бовар доранд ва медонанд, ки ҳақ аст, аз он дар ҳаросанд. Огоҳ бошед! Онон, ки дар мавриди қиёмат ҷадалу инкор мекунанд, дар гумроҳии бепоёне қарор доранд. 18» (Сураи Шуро 17-18)

﴿ فَهَلۡ يَنظُرُونَ إِلَّا ٱلسَّاعَةَ أَن تَأۡتِيَهُم بَغۡتَةٗۖ فَقَدۡ جَآءَ أَشۡرَاطُهَاۚ فَأَنَّىٰ لَهُمۡ إِذَا جَآءَتۡهُمۡ
ذِكۡرَىٰهُمۡ ١٨ ﴾ [محمد : ١٨]

« Оё кофирон ҷуз ин интизор доранд, ки қиёмат ногаҳон бар онон фаро расад, дар ҳоле ки нишонаҳои он ошкор шудааст?

(50) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 218, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 292.

Пас, он гоҳ ки қиёмат фаро расад, панд гирифтанашон чи суде хоҳад дошт?» (Сураи Муҳаммад 18)

قَالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ:» إِنَّهَا لَنْ تَقُومَ حَتَّى تَرَوْنَ قَبْلَهَا عَشْرَ آيَاتٍ – فَذَكَرَ – الدُّخَانَ، وَالدَّجَّالَ، وَالدَّابَّةَ، وَطُلُوعَ الشَّمْسِ مِنْ مَغْرِبِهَا، وَنُزُولَ عِيسَى ابْنِ مَرْيَمَ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، وَيَأْجُوجَ وَمَأْجُوجَ، وَثَلَاثَةَ خُسُوفٍ: خَسْفٌ بِالْمَشْرِقِ، وَخَسْفٌ بِالْمَغْرِبِ، وَخَسْفٌ بِجَزِيرَةِ الْعَرَبِ، وَآخِرُ ذَلِكَ نَارٌ تَخْرُجُ مِنَ الْيَمَنِ، تَطْرُدُ النَّاسَ إِلَى مَحْشَرِهِمْ»

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар баёни нишонаҳои бузурги қиёмат чунин фармудаанд:

«Қатъан! Қиёмат барпо нахоҳад шуд, то инки пеш аз он даҳ нишона бубинед». Сипас ин нишонаҳоро баршумурд: «Дуд, Даҷҷол, тулуъи офтоб аз мағриб, фаромадани Исо (Алайҳиссалом), хуруҷи Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ, ва се бор воқеъ шудани Хусуф (гирифтани Моҳ); як бор дар шарқ, як бор дар ғарб ва як бор дар ҷазираи араб, ва охирин нишона оташе аст, ки аз тарафи Яман сар мезанад ва мардумро ба маҳшар (ҷои ҷамъшавиашон) меронад»[(51)].

Воқеъ шудани қиёмат ногаҳони ва бо суръат аст. Чунонки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ يَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلسَّاعَةِ أَيَّانَ مُرْسَىٰهَاۖ قُلْ إِنَّمَا عِلْمُهَا عِندَ رَبِّيۖ لَا يُجَلِّيهَا لِوَقْتِهَآ إِلَّا هُوَۚ ثَقُلَتْ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِۚ لَا تَأْتِيكُمْ إِلَّا بَغْتَةٗۗ يَسْـَٔلُونَكَ كَأَنَّكَ حَفِيٌّ عَنْهَاۖ قُلْ إِنَّمَا عِلْمُهَا عِندَ ٱللَّهِ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ ١٨٧ ﴾ [الاعراف: ١٨٦]

«[Эй паёмбар, кофирони Макка] дар бораи қиёмат аз ту мепурсанд, [ки] кай воқеъ мешавад? Бигӯ: «Бе тардид, дониши он назди Парвардигори ман аст ва ҳеҷ кас ҷуз Ӯ [наметавонад] онро дар вақти муайянаш падидор созад. Ин амр [зуҳури қиёмат] бар аҳли осмонҳо ва замин душвор аст ва ҷуз ба таври ногаҳонӣ ба сӯятон намеояд». [Онон чунон] Аз ту мепурсанд, ки гӯё ту худ муштоқи [донистани замони] он ҳастӣ [ҳол он ки ту дар бораи

(51) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 290, ба ривояти Ҳузайфа (Худованд аз ӯ розӣ бод)

замони вуқуаш ҳеҷ намепурсӣ]. Бигӯ: «Дониши он фақат назди Аллоҳ таоло аст, вале бештари мардум намедонанд»» (Сураи Аъроф 187)

﴿ وَلِلَّهِ غَيْبُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَمَآ أَمْرُ ٱلسَّاعَةِ إِلَّا كَلَمْحِ ٱلْبَصَرِ أَوْ هُوَ أَقْرَبُ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٧٧﴾ ﴾ [النحل: ٧٧]

«... Ва амри [барпоии] қиёмат ҷуз [ба суръати] як чашм бар ҳам задан нест; ё [ҳатто] сареътар.» (Сураи Наҳл 77)

Қиёмат бо нафхаи саъқ (беҳӯшкунанда) ба вуқуъ мепайвандад, чунонки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَنُفِخَ فِى ٱلصُّورِ فَصَعِقَ مَن فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَن فِى ٱلْأَرْضِ إِلَّا مَن شَآءَ ٱللَّهُ ۖ ثُمَّ نُفِخَ فِيهِ أُخْرَىٰ فَإِذَا هُمْ قِيَامٌ يَنظُرُونَ ﴿٦٨﴾ ﴾ [الزمر: ٦٨]

«[Дар остонаи қиёмат] Дар сур дамида мешавад. Пас, ҳар ки дар осмонҳо ва дар замин аст, мадҳуши марг хоҳад шуд, магар касе, ки Аллоҳ таоло бихоҳад,» (Сураи Зумар 68)

**Севум: Имон ба баъс ва растохез.**

Имон ба инки Аллоҳ бандагонро аз қабрҳояшон, дар ҳоле берун меоварад, ки зинда побараҳна ва бекафшу либос, урён ва хатна нашуда ва дасти холи ва ҳамроҳ чизе надоранд. Ва ин воқеъа баъд аз онки дувум бор дар сур дамида мешавад воқеъ мегардад. Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ ثُمَّ نُفِخَ فِيهِ أُخْرَىٰ فَإِذَا هُمْ قِيَامٌ يَنظُرُونَ ﴿٦٨﴾ ﴾ [الزمر: ٦٧]

«... Он гоҳ бори дигар дар он дамида мешавад ва ногаҳон [ҳама аз марг] бармехезанд ва чашм ба роҳ [-и фармони Парваридгор] ҳастанд.» (Сураи Зумар 68)

﴿ وَنُفِخَ فِي ٱلصُّورِ فَإِذَا هُم مِّنَ ٱلْأَجْدَاثِ إِلَىٰ رَبِّهِمْ يَنسِلُونَ ۝٥١ ﴾ [يس: ٥١]

«Ва [ҳангоме ки барои дувумин бор] дар сур дамида шавад ва ногаҳон аз қабрҳояшон [берун меоянд ва] ба сӯи Парвардигорашон мешитобанд.» (Сураи Ёсин 51)

عَنْ عَائِشَةَ، قَالَتْ: سَمِعْتُ رَسُولَ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، يَقُولُ: «يُحْشَرُ النَّاسُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ حُفَاةً عُرَاةً غُرْلًا»

Ва Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) мефармояд:

«Мардум дар рӯзи қиёмат, побараҳна, урён ва хатна нашуда маҳшур мешаванд.» Ҳадис муттафақун алайҳи аст.(52)

**Чаҳорум: Имон ба аҳволи қиёмати кубро (калон).**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ يَوْمَ يَقُومُ ٱلنَّاسُ لِرَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ۝٦ ﴾ [المطففين: ٦]

«[Ҳамон] Рӯзе, ки мардум дар пешгоҳи Парвардигори ҷаҳониён меистанд.» (Сураи Мутаффифин 6)

Яъне истодани тулонии мардум дар баробари Парвардигори ҷаҳониён дар саҳрои маҳшар ва қиёмат, барои ҳисобу китоб фарохонда мешаванд. Чашмҳо хира мегарданд, офтоб ба онҳо наздик мешавад, арақ онҳоро фаро мегирад, ба баъзеҳо аз ҳавзи Кавсар об дода мешавад, пули сирот насб мегардад, дар шароити сахт ва душвор.

(52) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3349, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2860, ба ривояти ибни Аббос (Худованд аз ӯ розӣ бод). Ва низ саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 6527, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2859, ба ривояти модари муъминон Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод)

## Панҷум: Имон ба ҳисоб.

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنَّ إِلَيۡنَآ إِيَابَهُمۡ ٢٥ ثُمَّ إِنَّ عَلَيۡنَا حِسَابَهُم ٢٦﴾ [الغاشية: ٢٥، ٢٦]

«Ҳамоно бозгашти онҳо ба сӯйи Мост. 25 Сипас бе гумон, ҳисобашон [низ] бо Мост. 26» (Сураи Ғошия 25-26)

﴿فَأَمَّا مَنۡ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ ٧ فَسَوۡفَ يُحَاسَبُ حِسَابٗا يَسِيرٗا ٨﴾ [الانشقاق: ٧، ٨]

«Ва аммо касе, ки нома [-и аъмолаш] ба дасти росташ дода шавад. 7 Ба зудӣ ба ҳисобе осон муҳосиба мешавад. 8» (Сураи Иншиқоқ 7-8)

﴿فَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٍ خَيۡرٗا يَرَهُۥ ٧ وَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖ شَرّٗا يَرَهُۥ ٨﴾ [الزلزلة: ٧، ٨]

«Пас, ҳар кас ба андозаи заррае кори нек анҷом дода бошад, [подоши] онро мебинад. 7 Ва ҳар кас ба андозаи заррае кори бад карда бошад, [кайфари] онро мебинад. 8» (Сураи Залзала 7-8)

﴿وَنَضَعُ ٱلۡمَوَٰزِينَ ٱلۡقِسۡطَ لِيَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِ فَلَا تُظۡلَمُ نَفۡسٞ شَيۡـٔٗاۖ وَإِن كَانَ مِثۡقَالَ حَبَّةٖ مِّنۡ
خَرۡدَلٍ أَتَيۡنَا بِهَاۗ وَكَفَىٰ بِنَا حَٰسِبِينَ ٤٧﴾ [الانبياء: ٤٧]

«Рӯзи қиёмат Мо тарозуҳои адлро [барои ҳисобрасӣ дар миён] мениҳем, пас, ба ҳеҷ кас [камтарин] ситаме намешавад ва агар [кирдорашон] ҳамсанги донаи хардале бошад, онро [ба ҳисоб] меоварем ва кофист, ки Мо ҳисобрас бошем.» (Сураи Анбиё 47)

## Ҳисоби махлуқот бар ду навъ аст:

### 1, Ҳисоби муъминон.

Ҳисоби ин афрод ба ин шакл аст, ки ё амалҳояшон нишон ва намоиш дода мешаванд, ва ё инки мавриди барраси ва мунокиша қарор мегиранд. Ҳисоби касоне ки Аллоҳи мутаол ононро аз ҷумлаи шахсони саодатманд қарор дода бошад, фақат нишон ва намоиш дода мешавад.

عَنْ صَفْوَانَ بْنِ مُحْرِزٍ المَازِنِيّ، قَالَ: بَيْنَمَا أَنَا أَمْشِي، مَعَ ابْنِ عُمَرَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمَا آخِذٌ بِيَدِهِ، إِذْ عَرَضَ رَجُلٌ، فَقَالَ: كَيْفَ سَمِعْتَ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يَقُولُ فِي النَّجْوَى؟ فَقَالَ: سَمِعْتُ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يَقُولُ: « إِنَّ اللَّهَ يُدْنِي المُؤْمِنَ، فَيَضَعُ عَلَيْهِ كَنَفَهُ وَيَسْتُرُهُ، فَيَقُولُ: أَتَعْرِفُ ذَنْبَ كَذَا، أَتَعْرِفُ ذَنْبَ كَذَا؟ فَيَقُولُ: نَعَمْ أَيْ رَبِّ، حَتَّى إِذَا قَرَّرَهُ بِذُنُوبِهِ، وَرَأَى فِي نَفْسِهِ أَنَّهُ هَلَكَ، قَالَ: سَتَرْتُهَا عَلَيْكَ فِي الدُّنْيَا، وَأَنَا أَغْفِرُهَا لَكَ اليَوْمَ، فَيُعْطَى كِتَابَ حَسَنَاتِهِ،»

Ба далели ривояте, ки ибни Умар (Худованд аз ӯ розӣ бод) аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) нақл мекунад, ки фармуданд:

«Аллоҳи мутаол (дар рӯзи қиёмат) муъминро чунон ба худ наздик мегардонад, ки соя (ва раҳмати) худро бар ӯ мениҳад ва мефармояд: Оё фалон гуноҳ ва фалон гуноҳро ба ёд дори? Дар ҷавоб мегӯяд: Бале Парвардигоро! Ва ба гуноҳонаш иқрор мешавад ва бо худаш чунин мепиндорад, ки ҳалок шудааст. Аллоҳи мутаол мефармояд: Ҳамоно онро дар дунё бар ту пӯшонидам ва имрӯз онро бароят меомурзам. Сипас номаи амалҳои некаш ба ӯ дода мешавад.» Ин ҳадис муттафақун алайҳи ба шумор меравад.(53)

Вале муваҳҳидоне ки муртакиби гуноҳи кабира шудаанд, амалҳояшон мавриди мунокиша ва барраси қарор мегирад. Яъне афроде ки Аллоҳ таоло ирода кардааст ононро ба сабаби гуноҳонашон дар дӯзах азоб кунад ва фарҷомашон биҳишт аст.

(53) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 2441, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2768.

عن عائِشَةُ: أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «لَيْسَ أَحَدٌ يُحَاسَبُ يَوْمَ القِيَامَةِ إِلَّا هَلَكَ» فَقُلْتُ: يَا رَسُولَ اللَّهِ، أَلَيْسَ قَدْ قَالَ اللَّهُ تَعَالَى: {فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَابَهُ بِيَمِينِهِ فَسَوْفَ يُحَاسَبُ حِسَابًا يَسِيرًا} [الانشقاق: 8] فَقَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «إِنَّمَا ذَلِكِ العَرْضُ، وَلَيْسَ أَحَدٌ يُنَاقَشُ الحِسَابَ يَوْمَ القِيَامَةِ إِلَّا عُذِّبَ»

Модари муъминон Оиша ривоят мекунад, ки паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Ҳеҷ кас дар рӯзи қиёмат мавриди муҳосаба қарор намегирад, магар инки ҳалок мешавад.» Оиша мегӯяд: Пурсидам, Магар Аллоҳ намефармояд:

﴿ فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ ۝٧ فَسَوْفَ يُحَاسَبُ حِسَابًا يَسِيرًا ۝٨ ﴾ [الانشقاق: ٧، ٨]

«Ва аммо касе, ки нома [-и аъмолаш] ба дасти росташ дода шавад. 7 Ба зудӣ ба ҳисобе осон муҳосиба мешавад. 8» (Сураи Иншиқоқ 7-8)

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Мурод аз он (Ҳисоби осон дар ояти Қуръон) нишон додани (амалҳои инсон) аст. Аммо касе ки дар ҳисобгирии ӯ диққат ва сахтгири шавад, азоб дода мешавад» Ҳадис муттафақун алайҳи аст. (54)

## 2, Ҳисоби кофирон.

Кофирон ба шакли инки некиҳо ва бадиҳояшон бо ҳам санҷида ва муқоиса шавад, муҳосиба намегарданд, зеро онон неки надоранд, Ва Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَقَدِمْنَآ إِلَىٰ مَا عَمِلُواْ مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَٰهُ هَبَآءً مَّنثُورًا ۝٢٣ ﴾ [الفرقان: ٢٣]

«Ва ба [баррасии] корҳояшон мепардозем ва ҳамаро [ҳамчун] ғуборе пароканда месозем» (Сураи Фурқон 23)

Балки онҳо аз амалҳояшон бохабар мегарданд ва ба анҷоми онҳо иқрор мекунанд. Дар ҳадиси ибни Умар, ки қаблан зикр шуд,

(54) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 6537, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2876.

чунин омадааст:»Дар ҳузури махлуқот ба кофирон чунин гуфта мешавад, ки:

﴿ هَٰٓؤُلَآءِ ٱلَّذِينَ كَذَبُواْ عَلَىٰ رَبِّهِمۡۚ أَلَا لَعۡنَةُ ٱللَّهِ عَلَى ٱلظَّٰلِمِينَ ١٨ ﴾ [هود: ١٨]

«[паёмбарон ва фариштагон] мегӯянд: «Инҳо ҳамон касоне ҳастанд, ки бар Парвардигорашон дурӯғ мебастанд». Ҳон! Лаънати Аллоҳ таоло бар ситамгорони [мушрик] бод!!» (Сураи Ҳуд 18)

Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.(55)

**Шашум: Имон ба ҷазо ва подош.**

Яъне боварии қатъӣ ба инки биҳишту дӯзах ҳақ ва ҳақиқатанд. Биҳишт сарое аст, ки Аллоҳи мутаол онро ба унвони подош барои бандагони парҳезгораш омода кардааст ва дар он навъҳои неъматҳои ҳиссӣ ва маънавӣ вуҷуд дорад. Неъматҳое, ки ҳеҷ чашм онҳоро надида ва ҳеҷ гӯше онҳоро нашунида ва бар дилу фикри ягон одамие хутур накардааст. Ва ҷаҳаннам маконе аст, ки Аллоҳи мутаол онро ба унвони муҷозоти кофирон омода кардааст ва дар он навъҳои азобҳои ҳиссӣ ва маънавӣ, ки ҳеҷ чашме надида ва ҳеҷ гӯше нашунида ва бар дили ягон одамие хутур накардааст, вуҷуд дорад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ ثُمَّ أَوۡرَثۡنَا ٱلۡكِتَٰبَ ٱلَّذِينَ ٱصۡطَفَيۡنَا مِنۡ عِبَادِنَاۖ فَمِنۡهُمۡ ظَالِمٞ لِّنَفۡسِهِۦ وَمِنۡهُم مُّقۡتَصِدٞ
وَمِنۡهُمۡ سَابِقُۢ بِٱلۡخَيۡرَٰتِ بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَضۡلُ ٱلۡكَبِيرُ ٣٢ جَنَّٰتُ عَدۡنٖ يَدۡخُلُونَهَا يُحَلَّوۡنَ
فِيهَا مِنۡ أَسَاوِرَ مِن ذَهَبٖ وَلُؤۡلُؤٗاۖ وَلِبَاسُهُمۡ فِيهَا حَرِيرٞ ٣٣ وَقَالُواْ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِيٓ أَذۡهَبَ عَنَّا
ٱلۡحَزَنَۖ إِنَّ رَبَّنَا لَغَفُورٞ شَكُورٌ ٣٤ ٱلَّذِيٓ أَحَلَّنَا دَارَ ٱلۡمُقَامَةِ مِن فَضۡلِهِۦ لَا يَمَسُّنَا فِيهَا نَصَبٞ وَلَا
يَمَسُّنَا فِيهَا لُغُوبٞ ٣٥ وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَهُمۡ نَارُ جَهَنَّمَ لَا يُقۡضَىٰ عَلَيۡهِمۡ فَيَمُوتُواْ وَلَا يُخَفَّفُ
عَنۡهُم مِّنۡ عَذَابِهَاۚ كَذَٰلِكَ نَجۡزِي كُلَّ كَفُورٖ ٣٦ وَهُمۡ يَصۡطَرِخُونَ فِيهَا رَبَّنَآ أَخۡرِجۡنَا نَعۡمَلۡ
صَٰلِحًا غَيۡرَ ٱلَّذِي كُنَّا نَعۡمَلُۚ أَوَلَمۡ نُعَمِّرۡكُم مَّا يَتَذَكَّرُ فِيهِ مَن تَذَكَّرَ وَجَآءَكُمُ ٱلنَّذِيرُۖ
فَذُوقُواْ فَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِن نَّصِيرٍ ٣٧ ﴾ [فاطر: ٣٢، ٣٧]

(55) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 2441, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2768.

«Онгоҳ ин китоб [Қуръон]-ро ба гурӯҳе аз бандагонамон, ки баргузидем [уммати Муҳаммад] ба мерос додем; пас, [бархе] аз онон дар ҳаққи хеш ситамгоранд ва [бархе дигар] аз онон миёнарав ҳастанд ва [бархе] аз онон ба фармони Аллоҳ таоло дар некиҳо пештозанд. Ин [мусулмонӣ ва баҳрамандӣ аз Қуръон, фазилат ва] бахшоиши бузург аст. 32 [Подошашон] боғҳои ҷовидон [-и биҳиштӣ] аст, ки ба он ворид мешаванд. Дар он ҷо ба дастбандҳое аз тилло ва марворид ороста мегарданд ва либосашон аз ҳарир аст. 33 [Онон пас аз вуруд] мегӯянд: «Сипос [ва ситоиш] аз они Аллоҳ таоло аст, ки андӯҳро аз мо дур кард. Ба ростӣ, ки Парвардигорамон омурзандаи сипосгузор аст. 34 Он [маъбуде], ки аз фазли хеш моро дар ин сарои ҷовид ҷой дод; дар он ҷо ранҷе ба мо намерасад ва дучори хастагӣ [ва касолат] намешавем. 35 Ва барои касоне, ки куфр варзидаанд оташи дузах [дар пеш] аст. На фармон [-и марг] бар онон ҷорӣ мешавад, то бимиранд ва на [чизе] аз азобаш бар онон коста мегардад. Мо ҳар носипосеро чунин ҷазо медиҳем. 36 [Дузахиён] Дар он [оташ] фарёд мезананд: «Парвардигоро, моро [аз ин азоб] берун овар, то ғайр аз он чи [пештар] мекардем, кори шоистае анҷом диҳем». [Ба онон гуфта мешавад] «Оё ба шумо [он қадар фурсат ва] умр надодем, то ҳар ки пандпазир аст, дар он [муддат] панд гирад? Ва [паёмбар низ ба унвони] бимдиҳанда наздатон омад; пас, [ҳоло ки итоат накардед, таъми азобро] бичашед, ки ситамгорон ҳеҷ ёригаре надоранд. 37» (Сураи Фотир 32-37)

## Имон ба қазо ва қадар

Яъне эътиқоди қатъӣ ба инки Аллоҳи мутаол бар асоси илми азалии худ, сарнавишти махлуқотро муайян карда ва онро дар лавҳи маҳфуз навишта ва бо иродаи худ иҷро намуда ва бо қудрати худ ба вуҷуд меоварад. Чунонки мефармояд:

﴿ إِنَّا كُلَّ شَيْءٍ خَلَقْنَٰهُ بِقَدَرٍ ۝٤٩ ﴾ [القمر: ٤٩]

«Бегумон Мо ҳама чизро ба андоза офаридем» (Сураи Қамар 49)

﴿ وَخَلَقَ كُلَّ شَيْءٍ فَقَدَّرَهُۥ تَقْدِيرًا ۝٢ ﴾ [الفرقان: ٢]

«Ва ҳама чизро офаридааст ва андозаи ҳар чизро – чунон ки муносибаш мебошад – тадбир намудааст.» (Сураи Фурқон 2)

### Имон ба қазо ва қадар шомили матолиби зерин мебошад.

**Аввал: Имон ба илми Аллоҳ таоло.**

Илми азали ва абадии Аллоҳ, ки аз куллиёт ва ҷузъиёти ҳама чиз бохабар аст. Фарқе намекунад, ки марбут ба корҳои худаш бошад, монанди: муайян кардани аҷалҳо ва ризқҳо, ё марбут ба амалҳои бандагонаш бошад, монанди фармонбардории онҳо ё нофармонбардории онон. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ ۝٢٩ ﴾ [البقرة: ٢٩]

«Ва Ӯ ба ҳар чиз доност,» (Сураи Бақара 29)

﴿ ذَٰلِكَ تَقْدِيرُ ٱلْعَزِيزِ ٱلْعَلِيمِ ۝٩٦ ﴾ [الانعام: ٩٦]

«Ин андозагирии Аллоҳи тавонои доно аст» (Сураи Анъом 96)

Бешак Аллоҳ медонад, ки чи касе аз Ӯ итоъат хоҳад кард ва чи касе нофармонии Ӯро мекунад. Ҳамонгуна, ки медонад як шахс чиқадар умр мебинад ва чиқадар аз умраш кам мегардад.

**Дуввум:** **Имон ба инки Аллоҳи мутаол сарнавишти махлуқотро дар лавҳи маҳфуз сабт кардааст.**

Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ مَآ أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَا فِيٓ أَنفُسِكُمۡ إِلَّا فِي كِتَٰبٖ مِّن قَبۡلِ أَن نَّبۡرَأَهَآۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٞ ٢٢ ﴾ [الحديد: ٢٢]

«Ҳеҷ осебе дар замин ва ё дар вуҷуди шумо рӯй нахоҳад дод, магар он ки пеш аз эҷодаш дар дафтари [илми илоҳӣ] рақам хӯрдааст. Ба ростӣ, ки ин кор бар Аллоҳ таоло осон аст.» (Сураи Ҳадид 22)

﴿ عَٰلِمِ ٱلۡغَيۡبِۖ لَا يَعۡزُبُ عَنۡهُ مِثۡقَالُ ذَرَّةٖ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَآ أَصۡغَرُ مِن ذَٰلِكَ وَلَآ أَكۡبَرُ إِلَّا فِي كِتَٰبٖ مُّبِينٖ ٣ ﴾ [سبا: ٣]

«... донои ғайб аст, ҳатман, ба суроғатон меояд. ҳамсанги заррае дар осмонҳо ва замин аз Ӯ пӯшида нест ва кучактар ва бузургтар аз он зарра чизе нест, магар он ки дар китобе ошкор [Лавҳи маҳфуз] сабт аст.» (Сураи Сабаъ 3)

عَنْ عَبْدِ اللهِ بْنِ عَمْرِو بْنِ الْعَاصِ، قَالَ: سَمِعْتُ رَسُولَ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، يَقُولُ: « كَتَبَ اللهُ مَقَادِيرَ الْخَلَائِقِ قَبْلَ أَنْ يَخْلُقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ بِخَمْسِينَ أَلْفَ سَنَةٍ، قَالَ: وَعَرْشُهُ عَلَى الْمَاءِ»

Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (Худованд аз онҳо розӣ бод) ривоят мекунад, ки аз Расули Аллоҳ (Друду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) шунидам:

«Аллоҳи мутаол панҷоҳ ҳазор сол пеш аз инки осмонҳо ва заминро биёфарад, тақдир ва сарнавишти махлуқотро сабт

намудааст. Мефармояд: Ва арши Парвардигор бар руйи об буд.»[56]

قَالَ عُبَادَةُ بْنُ الصَّامِتِ: سَمِعْتُ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، يَقُولُ: « إِنَّ أَوَّلَ مَا خَلَقَ اللَّهُ الْقَلَمَ، فَقَالَ لَهُ: اكْتُبْ قَالَ: رَبِّ وَمَاذَا أَكْتُبُ؟ قَالَ: اكْتُبْ مَقَادِيرَ كُلِّ شَيْءٍ حَتَّى تَقُومَ السَّاعَةُ»

Ва низ Убода ибни Сомит (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят мекунад, ки аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) чунин шунидам:

«Ҳамоно нахустин чизе ки Аллоҳ офарид, қалам буд, Сипас ба он фармуд: Бинавис. Қалам гуфт: Парвардигоро! Чи бинависам? Аллоҳ таоло фармуд: Тақдири ҳама чизро то замони барпо шудани қиёмат бинавис.»[57]

Аллоҳ таоло мавзӯъи илм, китобат ва сабти мазкурро дар ояти зер баён намудааст:

﴿ أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ مَا فِى ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ ۗ إِنَّ ذَٰلِكَ فِى كِتَٰبٍ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ ۝٧٠ ﴾ [الحج: ٧٠]

«Оё надонистаӣ, ки Аллоҳ таоло он чиро дар осмон ва замин аст медонад? Бе гумон [ҳамаи] инҳо дар китобе [сабт] аст. Мусалламан, ин [кор] бар Аллоҳ таоло осон аст.» (Сураи Ҳаҷ 70)

**Севум: Имон ба инки ирода ва машияти Аллоҳ иҷро мешавад.**

Ҳар ончи Аллоҳ бихоҳад, анҷом меёбад, ва ҳар ончи Ӯ таоло нахоҳад анҷом намеёбад. Ҳеҷ монеъе дар баробари ончи бибахшад ва ҳеҷ диҳандае дар баробари ончи манъ кунад, вуҷуд надорад. Ҳеҷ чиз наметавонад монеъи ирода ва хости Ӯ шавад. Ва ончиро ки нахоҳад дар мулку подшоҳии Ӯ сурат намегирад. Ҳар касро бихоҳад ба фазлу эҳсони худ ҳидоят мекунад, Ва ҳар касро бихоҳад, ба адолати худ гумроҳ ва мунҳариф мекунад. Ва

(56) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2653.

(57) Абудовуд, шумораи ҳадис 4700, Сунани Тирмизӣ, шумораи ҳадис 2155.

ҳеҷ боздоранда ва таъқибкунандае барои ҳукмаш вуҷуд надорад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَلَوْ شَآءَ ٱللَّهُ مَا ٱقْتَتَلَ ٱلَّذِينَ مِنۢ بَعْدِهِم مِّنۢ بَعْدِ مَا جَآءَتْهُمُ ٱلْبَيِّنَٰتُ وَلَٰكِنِ ٱخْتَلَفُوا۟ فَمِنْهُم مَّنْ ءَامَنَ وَمِنْهُم مَّن كَفَرَ ۚ وَلَوْ شَآءَ ٱللَّهُ مَا ٱقْتَتَلُوا۟ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَفْعَلُ مَا يُرِيدُ ﴿٢٥٣﴾ ﴾ [البقرة: ٢٥٣]

«ва агар Аллоҳ таоло мехост, касоне, ки баъд аз онҳо буданд, пас аз он [ҳама] нишонаҳои равшане, ки барояшон омад, бо якдигар ҷанг намекарданд; вале [бо ҳам] ихтилоф карданд ва бархе аз онон имон оварданд ва бархе куфр варзиданд; ва агар Аллоҳ таоло мехост, [ҳаргиз] бо ҳам намеҷангиданд; вале Аллоҳ таоло он чиро мехоҳад, анҷом медиҳад.» (Сураи Бақара 253)

﴿ لِمَن شَآءَ مِنكُمْ أَن يَسْتَقِيمَ ﴿٢٨﴾ وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٢٩﴾ ﴾ [التكوير: ٢٨، ٢٩]

«Барои ҳар як аз шумо, ки бихоҳад роҳи рости [ҳақро] дар пеш гирад. 28 Ва шумо [чизеро] намехоҳед, магар он ки Парвардигори ҷаҳониён [ирода кунад ва] бихоҳад. 29» (Сураи Таквир 28-29)

**Чаҳорум: Имон ба инки Аллоҳ таоло тамоми мавҷудотро офарида ва ба вуҷуд овардааст.**

Аллоҳ таоло Холиқ аст, ва ҳама чиз ғайри Ӯ махлуқ аст. Ва ҳама чизҳо, зот, сифатҳо ва ҳаракатҳояшон махлуқ ва эҷодшуда ҳастанд. Ва Аллоҳ офаридгор ва ба вуҷуд оварандаи онҳост. Чунонки мефармояд:

﴿ ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَىْءٍ ۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ وَكِيلٌ ﴿٦٢﴾ ﴾ [الزمر: 62]

«Аллоҳ таоло офаридгори ҳар чизест ва Ӯ бар ҳама чиз [нигаҳбону] корсоз аст» (Сураи Зумар 62)

﴿ وَٱللَّهُ خَلَقَكُمۡ وَمَا تَعۡمَلُونَ ﴾ [الصافات : ٩٦]

« Ва ҳол он ки Аллоҳ таоло [ҳам] шумо ва [ ҳам] он чиро анҷом медиҳед офаридааст.» (Сураи Соффот 96)

﴿ لَهَا مَا كَسَبَتۡ وَعَلَيۡهَا مَا ٱكۡتَسَبَتۡۗ ﴾ [البقرة: ٢٨٦]

«Он чи [аз хубӣ] ба даст овардааст ба суди ӯст ва он чи [аз бадӣ] касб кардааст, ба зиёни ӯст.» (Сураи Бақара 286)

**Панҷум: Имон ба инки ҳеҷ вобастагие ва талозуме миёни машият ва муҳаббат вуҷуд надорад.**

Баъзе вақтҳо Аллоҳи мутаол бар асоси ҳикмати бузург ва ҳадафи муҳимму уствор, ончиро дӯст надорад ирода мекунад ва ё баракс, ончиро дӯст дорад ирода намекунад. Чунонки мефармояд:

﴿ وَلَوۡ شِئۡنَا لَأٓتَيۡنَا كُلَّ نَفۡسٍ هُدَىٰهَا وَلَٰكِنۡ حَقَّ ٱلۡقَوۡلُ مِنِّي لَأَمۡلَأَنَّ جَهَنَّمَ مِنَ ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ أَجۡمَعِينَ ﴾ [السجدة : ١٣]

«Агар мехостем, ба ҳар касе [тавфиқ ва] ҳидояташро арзонӣ медоштем, вале ин сухан [-у ваъдаи] ман ҳақ аст, ки: «Дузахро аз ҳамаи ҷинниён ва одамиён [-и кофир] анбошта хоҳам кард»» (Сураи Саҷда 13)

﴿ إِن تَكۡفُرُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ عَنكُمۡۖ وَلَا يَرۡضَىٰ لِعِبَادِهِ ٱلۡكُفۡرَۖ وَإِن تَشۡكُرُواْ يَرۡضَهُ لَكُمۡۗ ﴾ [الزمر : ٧]

«Агар носипосӣ кунед, [бидонед, ки] Аллоҳ таоло аз шумо бениёз аст ва ҳаргиз носипосии бандагонашро намеписандад ва агар шукри Ӯро ба ҷой оваред, ин корро бароятон меписандад.» (Сураи Зумар 7)

**Шашум: Имон ба инки ҳеҷ таъоруз ва мухолифате миёни шариъат ва тақдир вуҷуд надорад.**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنَّ سَعۡيَكُمۡ لَشَتَّىٰ ٤ فَأَمَّا مَنۡ أَعۡطَىٰ وَٱتَّقَىٰ ٥ وَصَدَّقَ بِٱلۡحُسۡنَىٰ ٦ فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلۡيُسۡرَىٰ ٧
وَأَمَّا مَنۢ بَخِلَ وَٱسۡتَغۡنَىٰ ٨ وَكَذَّبَ بِٱلۡحُسۡنَىٰ ٩ فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلۡعُسۡرَىٰ ١٠﴾ [الليل: ٤، ١٠]

«Ки, яқинан, саъй [-ю талош]-и шумо мухталиф [ва неку бад] аст. 4 Ва аммо касе, ки [дар роҳи Аллоҳ таоло] бахшид ва парҳезкорӣ кард. 5 Ва [ваъдаи Аллоҳ таоло ва суханони] некро тасдиқ кард. 6 Пас, Мо [анҷоми аъмоли наку ва инфоқ дар роҳи Аллоҳро] барояш осон месозем. 7 Ва аммо касе, ки бухл варзид ва бениёзӣ талабид. 8 Ва [ваъдаи Аллоҳ таоло ва суханони] некро такзиб кард. 9 Пас, Мо [анҷоми аъмоли шарру палидро] барояш осон месозем. 10» (Сураи Лайл 4-10)

Зеро ки шариъат китоби бозу ошкор аст, ва тақдир амри ғайбӣ ва пӯшидаву пинҳон аст. Аллоҳи мутаол сарнавишти бандагонро муайян кардааст ва онро аз худашон махфӣ сохта ва ононро онгуна ки шоистаи итоат аз фармонаш ва дури аз наҳяш дониста, амр ва наҳйи ва ёри кардааст. Ва агар мониае аз мониаҳои таклиф вуҷуд дошта бошад, ононро маъзур медонад ва аз ин рӯ бо таваҷҷуҳ ба тақдири собиқ ҳеҷ кас далеле бар анҷоми гуноҳ ва тарки тоат надорад.

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿سَيَقُولُ ٱلَّذِينَ أَشۡرَكُواْ لَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ مَآ أَشۡرَكۡنَا وَلَآ ءَابَآؤُنَا وَلَا حَرَّمۡنَا مِن شَيۡءٖۚ كَذَٰلِكَ كَذَّبَ
ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ حَتَّىٰ ذَاقُواْ بَأۡسَنَاۗ قُلۡ هَلۡ عِندَكُم مِّنۡ عِلۡمٖ فَتُخۡرِجُوهُ لَنَآۖ إِن تَتَّبِعُونَ
إِلَّا ٱلظَّنَّ وَإِنۡ أَنتُمۡ إِلَّا تَخۡرُصُونَ ١٤٨ قُلۡ فَلِلَّهِ ٱلۡحُجَّةُ ٱلۡبَٰلِغَةُۖ فَلَوۡ شَآءَ لَهَدَىٰكُمۡ أَجۡمَعِينَ ١٤٩﴾
[الانعام: ١٤٨، ١٤٩]

«Касоне, ки ширк варзиданд, хоҳанд гуфт: «Агар Аллоҳ таоло мехост, на мо ширк меовардем ва на падаронамон ва [ҳамчунин] чизеро [худсарона] таҳрим намекардем». Касоне, ки пеш аз онон

буданд, низ ҳамин гуна [паёмбарони худро] таксиб карданд, то азоби моро чашанд. [Эй паёмбар, ба ин мушрикон] Бигӯ: «Оё [донишу] далеле наздатон ҳаст, ки барои Мо ошкор кунед? [Дар ҳақиқат] шумо ҷуз пиндор [аз чизе] пайравӣ намекунед ва ҷуз дурӯғ намегӯед» 148 Бигӯ: «Далели расо ва равшан аз они Аллоҳ таолост ва агар мехост, ҳамаи шуморо ҳидоят мекард» 149» (Сураи Анъом 148-149)

Аллоҳ таоло дар ояти боло, дар аввал даъвояшонро таксиб кард ва сипас азобашро ба онон чашонд. Агар онон дар ҳавзаи тақдир барои амалкарди худ далеле медоштанд, Аллоҳ таоло ҳаргиз ононро азоб намекард ва инчунин ботил будани даъвояшонро ошкор намекард. Илова бар ин онон аз тақдирашон огоҳ набуданд, ки аз рӯйи огоҳи сухан бигӯянд ва далел дошта бошанд, Балки корашон фақат ёвагӯӣ ва таваҳҳум буд. Ба ин сабаб ҳуҷҷати ошкор барои Аллоҳ аст.

## Дар мавзӯи қазо ва қадар ду гуруҳ мунҳариф шудаанд:

**Аввал: Қадария (нафйи кунандагони қазо ва қадар)**

Касоне ки дар исботи афъоли бандагон зиёдаравӣ кардаанд ва тақдири собиқро (сабти тақдири махлуқот дар азалро) инкор намудаанд, ки ба ду гуруҳ тақсим мешаванд:

**1, Тундравҳо ё ғолиҳо ва зиёдаравҳо**: Онҳо касоне буданд, ки дар охирҳои асри саҳоба пайдо шуданд ва бар ин бовар буданд, ки ҳеҷ тақдири қабли ва собиқ вуҷуд надорад. Ва саҳобагони бузургвор мисли ибни Аббос ва ибни Умар ба онҳо посух доданд. Ин гуруҳ илму китобат ва машийяту халқро инкор карданд.

**2, Миёнаравҳо**, яъне Муътазилиҳо, ки илму китобатро исбот намуда ва машийяту халқро инкор карданд. Ва иддиъо доштанд,

ки банда худ кору афъоли худашро меофаринад.

**Дуввум: Ҷабрия**

Гуруҳе ки дар исботи афъоли Парвардигор зиёдаравӣ карданд, то инки хост ва қудрати бандаро ба куллӣ инкор намуданд. Ва корҳои бандаро иҷбори, мисли ҳаракати шахси ларзон донистанд. Ва низ вуҷуди ҳикмат ва таълил дар афъоли Аллоҳи мутаолро нафйи карданд. Онон низ ба ду гуруҳ тақсим мешаванд:

**1, Тундравҳо:** Зиндиқҳои баъзе аз суфиён, ки даъвои шуҳуди ҳақиқати кавниро доранд ва бо даъвои мувофиқат бо тақдир, анҷоми ҳама корро барои худ ҷоиз медонанд. Чунонки яке аз онон мегӯяд:

أصبحت منفعلا لما تختاره        منّـي ففعلي كله طاعات.

Ман аз ончи ту бароям интихоб мекуни таъсир пазир гаштаам,

Пас тамоми амалҳоям ибодат ҳастанд.(58)

**2, Миёнаравҳо,** Ашъариҳо, ки соҳиби назарияи «касб» ҳастанд. Ва исботи қудрати ғайри муассир барои банда ҳастанд.

**Иддиъо ва бовари ҳарду гуруҳ бар хилофи шариъат ва ҳақиқат аст.**

1, Дар посух ба мункирони ин чаҳор марҳилаи тақдир – илм, китобат, машийяат ва халқ, ки қаблан баён шуд – бояд гуфт, ки матнҳо ва нусуси сареҳу ошкор ин чаҳор мавридро исбот мекунад. Инчунин воқеъияту ҳақиқат ҳам нишон медиҳад, ки баъзе вақтҳо инсон қасди анҷом додани кореро мекунад, вале онро анҷом дода наметавонад.

(58) Фурқон байни авлиёи Раҳмон ва авлиёи шайтон 237.

2, Посухи ҷабриҳои тундравро дар исботи тақдир, низ матнҳое медиҳанд, ки далолат бар исботи ирода, феъл ва машийят барои бандаро доранд. Воқеъият ҳам нишон медиҳад, ки ҳар инсоне амалҳои ихтиёрии худ ва корҳои изтирори ва иҷбориро, ки бар ӯ пеш меояд, ташхис медиҳад.

Инчунин нусус ва матнҳои шаръӣ фаровоне дар мавриди исботи ҳикмат ва таълил дар афъоли Аллоҳ таоло вуҷуд дорад.

Қуръон каломи илоҳӣ аст. Чунонки мефармояд:

﴿وَإِنْ أَحَدٌ مِّنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ٱسْتَجَارَكَ فَأَجِرْهُ حَتَّىٰ يَسْمَعَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ثُمَّ أَبْلِغْهُ مَأْمَنَهُۥ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَعْلَمُونَ ۝٦﴾ [التوبة: ٦]

«Ва [эй паёмбар] агар яке аз мушрикон аз ту паноҳ хост, пас, паноҳаш бидеҳ, то сухани Аллоҳ таолоро бишнавад, сипас ӯро ба маҳалли амнаш бирасон. Ин [амон додан ба мушрикон] ба он сабаб аст, ки онон гурӯҳи нодонанд» (Сураи Тавба 6)

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар ҳоле ки худашонро дар мавсими ҳаҷ барои қабилаҳои араб маррифӣ мекарданд чунин фармуданд:

عَنْ جَابِرِ بْنِ عَبْدِ اللَّهِ، قَالَ: كَانَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يَعْرِضُ نَفْسَهُ عَلَى النَّاسِ فِي الْمَوْقِفِ، فَقَالَ: «أَلَا رَجُلٌ يَحْمِلُنِي إِلَى قَوْمِهِ، فَإِنَّ قُرَيْشًا قَدْ مَنَعُونِي أَنْ أُبَلِّغَ كَلَامَ رَبِّي»

«Оё марде нест, ки манро назди қавмаш бибарад? Чаро ки Қурайш манро аз инки сухани Парвардигорамро бирасонам, боздоштанд»[59]

Пас ҳақиқатан Қуръони карим каломи Аллоҳ таоло аст, яъне ҳам ҳарфҳо ва ҳам маъноҳои он ва монанди сухани махлуқот нест. Нозил шудааст ва махлуқ нест. Дар аввал Аллоҳи мутаол онро баён фармуданд ва сипас ба суи Руҳул-амин (Ҷиброил) ваҳйи карданд ва ин фариштаи бузургу гиромӣ онро ба шакли бахш бахш бар қалби Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) нозил кард ва Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) онро бар мардум тиловат карданд.

Аллоҳ таоло мефармояд:

(59) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 15192, Абудовуд, шумораи ҳадис 4734, Тирмизӣ, шумораи ҳадис 2925, Насои дар Сунани кубро, шумораи ҳадис 7680, Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 201, Ба ривояти Ҷобир (Худованд аз ӯ розӣ бод)

﴿ وَقُرۡءَانٗا فَرَقۡنَٰهُ لِتَقۡرَأَهُۥ عَلَى ٱلنَّاسِ عَلَىٰ مُكۡثٖ وَنَزَّلۡنَٰهُ تَنزِيلٗا ١٠٦ ﴾ [الاسراء: ١٠٦]

«Ва Қуръон [-и гаронқадр]-ро бахш-бахш [ва ба мурур бар ту] нозил кардем, то онро бо диранг [ва оҳистагӣ] барои мардум бихонӣ ва онро ба тадриҷ [ва бар ҳасби рӯйдодҳои мухталиф] нозил кардем» (Сураи Исро 106)

Вақте мардум Қуръонро тиловат мекунанд, ё онро дар мусҳафҳояшон менависанд ва ё дар синаҳояшон онро ҳифз мекунанд, боз ҳам он каломи ҳақиқии Аллоҳ таоло аст. Зеро калом дар ҳақиқат ба касе нисбат дода мешавад, ки дар аввал онро баён карда ва гуфтааст, на ба шахсе ки ба унвони мубаллиғ онро расонидааст. Бинобарин тиловат ғайри ончизе аст, ки тиловатшуда аст, ва китобат ғайри навишташуда аст. Ва ҳифз кардан ғайри ончизе аст, ки ҳифз мешавад ва инчунин дигар тасарруфоте ки дар амал аст. Амал, амали хонанда ё нависанда ё ҳифз кунанда аст, аммо калом, каломи илоҳӣ аст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ قُلۡ نَزَّلَهُۥ رُوحُ ٱلۡقُدُسِ مِن رَّبِّكَ بِٱلۡحَقِّ لِيُثَبِّتَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهُدٗى وَبُشۡرَىٰ لِلۡمُسۡلِمِينَ ١٠٢
وَلَقَدۡ نَعۡلَمُ أَنَّهُمۡ يَقُولُونَ إِنَّمَا يُعَلِّمُهُۥ بَشَرٞۗ لِّسَانُ ٱلَّذِي يُلۡحِدُونَ إِلَيۡهِ أَعۡجَمِيّٞ وَهَٰذَا لِسَانٌ
عَرَبِيّٞ مُّبِينٌ ١٠٣ ﴾ [النحل: ١٠٢، ١٠٣]

«Бигӯ: «Рӯҳу-л-қудус [Ҷабраил] онро аз ҷониби Парвардигорат бар ҳақ нозил кардааст, то касонеро, ки имон овардаанд, собитқадам гардонад ва барои мусулмонон ҳидоят ва башорате бошад» 102 Ва яқинан медонем, ки онон мегӯянд: «Ҳатман, башаре [ин оётро] ба ӯ омӯзиш медиҳад». [На, чунин нест; зеро] забони касе, ки [ин] нисбатро ба ӯ медиҳад, ғайри арабӣ аст, ҳол он ки ин [Қуръон] ба забони арабии равшан аст. 103» (Сураи Наҳл 102-103)

Аллоҳи мутаол касе ки Қуръонро сухани башар донистааст, кофир муаррифӣ карда ва ӯро ба дохил шудан ба дӯзах таҳдид намудааст. Худованд мефармояд:

﴿ سَأُصۡلِيهِ سَقَرَ ٢٦ ﴾ [المدثر: ٢٦]

«Ба зудӣ ӯро ба сақар (ҷаҳаннам) дархоҳам овард» (Сураи Муддассир 26)

**Дар ин мавзӯъ ду гурух мунҳариф ва гумроҳ шудаанд:**

**Аввал: Ҷаҳмия ва Муътазила**

Касоне ки мункири сифатҳои илоҳӣ шудаанд ва каломашро нафйи кардаанд. Ва иддиъо намуданд, ки нисбат додани калом ба Аллоҳ таоло, аз боби нисбат додани махлуқ бар холиқ аст. Монанди: Абдуллоҳ, Байтуллоҳ, Ноқатуллоҳ. Ва мегӯянд, аз боби нисбат додани сифат бар мавсуф нест.

**Аммо посухи онон чунин аст:** Ончи ба Аллоҳ нисбат дода мешавад, ё айнӣ аст, ки қоим ба зоти Ӯ аст, ки дар ин ҳолат аз боби нисбат додани махлуқ ба холиқаш мебошад. Ва ё инки ончи ба Аллоҳ нисбат дода мешавад васфӣ аст, ки қиёми он ба зоти худаш ғайри қобили тасаввур аст, Монанди: ҳаёт, самъ (шунавои) басар (биноӣ) ва калом (сухан гуфтан), ки аз боби нисбат додани сифат ба мавсуфаш мебошад. Илова бар ин иддиъои онон мухолиф бо Қуръон ва суннат ва иҷмоъ аст.

**Дуввум: Сифотиҳои Куллобия ва Ашоира ва Мотуридия.**

Касоне ки каломи илоҳиро исбот карданд, ба ин маъно ки «Маънои қадим ва қоим ба худаш аст, вале аз назари онон ҳарфҳо ва садоҳо махлуқанд ва барои таъбири маъно ё ҳикояти он маънои қадими оварда шудаанд, ки дигар таҷдид намешаванд ва рабте ба иродаи Аллоҳ надорад.

Бинобар ин ин афрод каломро мунҳасир бар маъонӣ ва на ҳарфҳо ва садоҳо кардаанд ва ончиро ки Мӯсо (Алайҳиссалом) дар канори он дарахт шунид, махлуқ донистаанд ва онро каломи ҳақиқии Аллоҳ намедонанд.

**Дар ҷавобашон бояд гуфт:** Калом бар ҳарду маврид (маъно ва лафз) итлоқ мешавад ва ҳадиси нафс, каломи ҳақиқи гуфта намешавад. Ҳамчунин иддиъои онон мухолиф бо Қуръон ва суннат ва иҷмоъ аст.

## Дидани Парвардигор

Яке аз мавридҳои имон ба Аллоҳ ва рӯзи охират, имон ва бовар ба ин аст, ки муъминон дар рӯзи қиёмат парвардигорашонро бо чашм мебинанд, бидуни инки иҳотае ба зот ва ҳақиқати Ӯ таоло дошта бошанд. Ва ин руъят (дидан) дар ду маҳал сурат мегират:

Аввал: Дар саҳрои қиёмат, яъне мавзеъи ҳисоб.

Дуввум: Пас аз дохил шудани муъминон ба биҳишт.

Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ وُجُوهٌ يَوۡمَئِذٍ نَّاضِرَةٌ ۝٢٢ إِلَىٰ رَبِّهَا نَاظِرَةٌ ۝٢٣ ﴾ [القيامة: ٢٢، ٢٣]

«Он рӯз чеҳраҳое тоза [ва шодоб] аст. 22 Ба сӯйи Парвардигораш менигарад. 23» (Сураи Қиёмат 22-23)

﴿ عَلَى ٱلۡأَرَآئِكِ يَنظُرُونَ ۝٣٥ ﴾ [المطففين: ٣٥]

«Бар тахтҳо (такязада ва) менигаранд» (Сураи Мутаффифин 23)

﴿ ۞لِّلَّذِينَ أَحۡسَنُواْ ٱلۡحُسۡنَىٰ وَزِيَادَةٌۖ ۝٢٦ ﴾ [يونس : ٢٦]

«Барои касоне, ки некӣ кардаанд, подоши нек [биҳишт] аст ва афзун бар он [руъяти Бори таолост]» (Сураи Юнус 26)

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) (зиёда)-ро ба нигоҳ ба ваҷҳи гиромии Аллоҳи мутаол тафсир карданд.(60)

عَنْ جَرِيرِ بْنِ عَبْدِ اللَّهِ، قَالَ: كُنَّا عِنْدَ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، فَنَظَرَ إِلَى القَمَرِ لَيْلَةً – يَعْنِي البَدْرَ – فَقَالَ: «إِنَّكُمْ سَتَرَوْنَ رَبَّكُمْ، كَمَا تَرَوْنَ هَذَا القَمَرَ، لاَ تُضَامُّونَ فِي رُؤْيَتِهِ، »

Инчунин вақто ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ба моҳи шаби чаҳордаҳ нигоҳ карданд, фармуданд:

(60) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 181, ба ривояти Суҳайб (Худованд аз ӯ розӣ бод), ва низ ниг: тафсири Табарӣ 12/155.

«Ҳамоно шумо парвардигоратонро хоҳед дид, ҳамонгуна, ки ин моҳро бидуни ҳеҷ издиҳом ва мушкили мебинед»[61] Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.

## Дар ин мавзӯъ ду гуруҳ мунҳариф ва гумроҳ шудаанд:

Аввал: **Нафйи кунандагони сифатҳо аз Ҷаҳмия ва Муътазила ва касоне ки аз байни Рофизиҳо ва Ибозия бо онҳо мувофиқанд.**

Онон руъяти Парвардигорро инкор кардаанд ва ин сухани Аллоҳ таоло ба Мӯсоро (Алайҳиссалом) ба унвони далел овардаанд.

﴿ قَالَ لَن تَرَىٰنِي ﴿١٤٣﴾ ﴾[الاعراف: ١٤٣]

«(Дар дунё) Ҳаргиз манро нахоҳӣ дид» (Сураи Аъроф 143)

Ва низ ояти:

﴿ لَّا تُدۡرِكُهُ ٱلۡأَبۡصَٰرُ ﴿١٠٣﴾ ﴾[الانعام: ١٠٣]

«Чашмҳо Ӯро дар намеёбанд» (Сураи Анъом 103)

Дар посухи онон мегӯем: Мақсад аз иборати (Ҳаргиз манро нахоҳӣ дид) дидани Парвардигор дар дунё аст. Ҳамонгуна, ки Мӯсо (Алайҳиссалом) дархост кард, Ва нафйи бо ҳарфи (лан) ба маънои нафйи абадӣ нест. Ва нафйи идрок (дарёфтан) ба маънои нафйи иҳота аст, на нафйи руъят (дидан). Чаро ки баъзе вақт руъят бидуни идрок сурат мегирад, мисли дидани офтоб, моҳ, кӯҳ ва амсоли он. Илова бар ин оятҳо ва ҳадисҳои фаровон ва мутавотир мавзӯъи руъяти Парвардигорро исбот кардаанд.

(61) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 554, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 633, ба ривояти Ҷарир (Худованд аз ӯ розӣ бод)

## Дуввум: Хурофотиҳо аз суфиҳо ва бидъаткорҳо

Касоне ки дар исботи руъяти парвардигор зиёдаравӣ кардаанд ва вуқуъи он мавзӯъро барои дӯстон ва авлиёашон дар дунё мумкин медонанд ва дар ин бора ривоятҳо дуруғине баён кардаанд. Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) мефармояд:

«فَاعْلَمُوا أَنَّكُمْ لَنْ تَرَوْا رَبَّكُمْ حَتَّى تَمُوتُوا.»

«Бидонед, ки шумо Парвардигорро нахоҳед дид, то замоне кибимиред.»(62)

(62) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 22864, Насоӣ дар Сунани кубро, шумораи ҳадис 7716, Оҷуррӣ дар Шариъат, шумораи ҳадис 881, ки иборат боло дар китоби ӯ омадааст, ба ривояти Убода (Худованд аз ӯ розӣ бод), Ва низ, Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 4077, ба ривояти Абу Умома (Худованд аз ӯ розӣ бод)

## Ҳақиқати Имон

1, **Имон қавл ва амал аст,** қавли қалб ва забон ва амали қалб ва забон ва аъзо.

- Қавли қалб: Яъне эътиқод ва тасдиқ ва қабули он.
- Қавли забон: Ба маънои талаффузи калимаи тавҳид ва ошкор кардани шаҳодатайн аст.
- Амали қалб: Яъне ончи ниятҳо ва иродаҳо бар он устувор аст, монанди: муҳаббат, тарс, умед ва таваккал кардан.
- Амали забон: Яъне зикр, дуо ва тиловати Қуръон, ки забон анҷом медиҳад.
- Амали ҷаворех ё аъзои бадани инсон: Яъне ибодатҳои баданӣ, ки аъзо бо анҷоми он ба ҳаракат медароянд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ ٱللَّهُ وَجِلَتْ قُلُوبُهُمْ وَإِذَا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتُهُۥ زَادَتْهُمْ إِيمَٰنًا وَعَلَىٰ
رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ ٢ ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَمِمَّا رَزَقْنَٰهُمْ يُنفِقُونَ ٣ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُؤْمِنُونَ حَقًّاۚ
لَّهُمْ دَرَجَٰتٌ عِندَ رَبِّهِمْ وَمَغْفِرَةٌ وَرِزْقٌ كَرِيمٌ ٤ ﴾ [الانفال: ٢، ٤]

«Бе тардид, муъминон [-и ҳақиқӣ] касоне ҳастанд, ки чун ёди Аллоҳ таоло мешавад, дилҳояшон ҳаросон мегардад ва чун оёташ бар онон хонда мешавад, бар имонашон меафзояд ва бар Парвардигорашон таваккал мекунанд. 2 Касоне, ки намоз барпо медоранд ва аз ончи рӯзияшон кардаем, инфоқ мекунанд. 3 Онон ҳастанд, ки ба ростӣ муъминанд. Барои онон назди Парвардигорашон дараҷот [-и воло] ва омурзишу рӯзии наку хоҳад буд. 4» (Сураи Анфол 2-4)

﴿ إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ثُمَّ لَمْ يَرْتَابُواْ وَجَٰهَدُواْ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ فِي
سَبِيلِ ٱللَّهِۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ١٥ ﴾ [الحجرات: ١٥]

«Муъминон [-и ҳақиқӣ] касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ таоло ва паёмбараш имон овардаанд ва [лаҳзае дар имонашон] тардид накарданд ва бо молу ҷонашон дар роҳи Аллоҳ таоло ба мубориза бархостанд; инонанд, ки [дар эътиқод ва амал] садоқат доранд.» (Сураи Ҳуҷурот 15)

عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ، قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «الْإِيمَانُ بِضْعٌ وَسَبْعُونَ – أَوْ بِضْعٌ وَسِتُّونَ – شُعْبَةً، فَأَفْضَلُهَا قَوْلُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَأَدْنَاهَا إِمَاطَةُ الْأَذَى عَنِ الطَّرِيقِ، وَالْحَيَاءُ شُعْبَةٌ مِنَ الْإِيمَانِ»

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Имон ҳафтодучанд – ё шастучанд – шоха дорад, бартарини онҳо калимаи «Ло илоҳа Илло Аллоҳ» аст, Ва поинтарини онҳо дур кардани сабаби азияту озор аз миёни роҳ аст (чизҳое ки дар роҳ аст ё партофта мешавад ва сабаби озору азияти мардум мегардад), Ва шарму ҳаё аз имон ба шумор меравад»[63]

Бинобар ин имон ҳақиқати мураккаб аз қавл ва амал мебошад, Ва имон тасдиқи мусталзими қавл ва амал аст, Ва набудани қавлу амал далолат бар набудани тасдиқ мекунад.

2, **Агар имон ба танҳоги баён шавад** муродиф ва ҳаммаънои ислом, ки ба танҳоги зикр шавад, мебошад. Зеро ҳар яки аз онҳо ба маънои тамомӣ дин аст. Аммо агар бо ҳамдигар баён шаванд, имон ба маънои эътиқод ва бовари ботини ва ислом ба маънои амали зоҳири аст, Ва аз ин ру ҳар муъмин мусулмон аст, вале ҳар мусулмон муъмин нест. Чунонки дар Қуръони карим омадааст:

﴿قَالَتِ ٱلْأَعْرَابُ ءَامَنَّا ۖ قُل لَّمْ تُؤْمِنُوا۟ وَلَٰكِن قُولُوٓا۟ أَسْلَمْنَا وَلَمَّا يَدْخُلِ ٱلْإِيمَٰنُ فِى قُلُوبِكُمْ ۖ وَإِن تُطِيعُوا۟ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ لَا يَلِتْكُم مِّنْ أَعْمَٰلِكُمْ شَيْـًٔا ۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ۝١٤﴾ [الحجرات: ١٤]

«Аъроб [-и бодиянишин дар ҳузури паёмбар] гуфтанд: «Имон овардаем». [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Шумо имон наёвардаед;

(63) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 9, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 35, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод), ибораи ҳадис дар саҳеҳи Муслим омадааст.

вале бигӯед: «Ислом овардаем»; ва ҳанӯз имон дар қалбҳоятон нуфуз накардааст. Агар аз Аллоҳ таоло ва паёмбараш итоат кунед, аз [подоши] аъмоли шумо ҳеҷ нахоҳад кост. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзгору меҳрубон аст»» (Сураи Ҳуҷурот 14)

3, **Имон кам ва зиёд мешавад:** Имон бо илми ба Аллоҳ ва тафаккур дар нишонаҳо ҳастӣ, тадаббур дар оятҳои шаръӣ, анҷом додани тоатҳо, ибодатҳо ва тарки гуноҳон, зиёд мешавад. Аммо бо ҷаҳли ба Аллоҳ, ғафлат аз нишонаҳои ҳастӣ, рӯй гардондан аз оятҳои шаръӣ, иртикоби гуноҳон ва анҷом надодани тоатҳо, кам мешавад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَإِذَا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتُهُۥ زَادَتْهُمْ إِيمَٰنًا وَعَلَىٰ رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ ۝٢ ﴾ [الانفال: ٢]

«Ва чун оёташ бар онон хонда мешавад, бар имонашон меафзояд ва бар Парвардигорашон таваккал мекунанд.» (Сураи Анфол 2)

«Ва ҳангоме ки сурае нозил мегардад, бархе аз онон [ба дигаре] мегӯянд: « Ин сура ба имони кадом яке аз шумо афзуд»? Аммо касоне, ки имон овардаанд, бар имонашон меафзояд ва [ба он] шодмон мегарданд» (Сураи Тавба 124)

﴿ هُوَ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ فِى قُلُوبِ ٱلْمُؤْمِنِينَ لِيَزْدَادُوٓا۟ إِيمَٰنًا مَّعَ إِيمَٰنِهِمْ ۝٤ ﴾ [الفتح: ٤]

«Ӯст, ки бар дилҳои муъминон оромиш нозил кард, то бар имонашон бияфзоянд;» (Сураи Фатҳ 4)

4, **Имон дараҷаҳо дорад.** Баъзе аз хусусиятҳо ва мартабаҳои он бартар аз баъзеи дигараш аст. Чунонки дар ҳадиси боло зикр шуд.

عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ، قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «الْإِيمَانُ بِضْعٌ وَسَبْعُونَ – أَوْ بِضْعٌ وَسِتُّونَ – شُعْبَةً، فَأَفْضَلُهَا قَوْلُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَأَدْنَاهَا إِمَاطَةُ الْأَذَى عَنِ الطَّرِيقِ، وَالْحَيَاءُ شُعْبَةٌ مِنَ الْإِيمَانِ»

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Имон ҳафтодучанд – ё шастучанд – шоха дорад, бартарини онҳо калимаи «Ло илоҳа Илло Аллоҳ» аст, Ва поинтарини онҳо дур кардани сабаби азияту озор аз миёни роҳ аст (чизҳое ки дар роҳ аст ё партофта мешавад ва сабаби озору азияти мардум мегардад), Ва шарму ҳаё аз имон ба шумор меравад»[64]

5, **Муъминон аз нигоҳи имонашон бо ҳамдигар тафовут доранд,** Ба ин маъно, ки имони баъзе аз онҳо комилтар аз имони дигаронашон аст. Чунонки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ ثُمَّ أَوۡرَثۡنَا ٱلۡكِتَٰبَ ٱلَّذِينَ ٱصۡطَفَيۡنَا مِنۡ عِبَادِنَاۖ فَمِنۡهُمۡ ظَالِمٞ لِّنَفۡسِهِۦ وَمِنۡهُم مُّقۡتَصِدٞ وَمِنۡهُمۡ سَابِقُۢ بِٱلۡخَيۡرَٰتِ بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَضۡلُ ٱلۡكَبِيرُ ٣٢ ﴾ [فاطر: ٣٢]

«Онгоҳ ин китоб [Қуръон]-ро ба гурӯҳе аз бандагонамон, ки баргузидем [уммати Муҳаммад] ба мерос додем; пас, [бархе] аз онон дар ҳаққи хеш ситамгоранд ва [бархе дигар] аз онон миёнарав ҳастанд ва [бархе] аз онон ба фармони Аллоҳ таоло дар некиҳо пештозанд. Ин [мусулмонӣ ва баҳрамандӣ аз Қуръон, фазилат ва] бахшоиши бузург аст» (Сураи Фотир 32)

عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ، قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «أَكْمَلُ الْمُؤْمِنِينَ إِيمَانًا أَحْسَنُهُمْ خُلُقًا»

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Комилтарини муъминон аз лиҳози имон, хӯшахлоқтарини онҳоаст»[65]

Бинобар ин ҳар касе шаҳодатайнро бар забон оварад, дар ҳоле ки ба маънояш бовар дошта бошад ва ба муқтазои он пойбанд бошад, қатъан асли имонро дорад, Ва касе ки воҷиботи онро анҷом диҳад ва муҳаррамоти онро тарк кунад, имони

(64) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 9, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 35, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод), ибораи ҳадис дар саҳеҳи Муслим омадааст.

(65) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 7402, Абудовуд, шумораи ҳадис 4682, Тирмизӣ, шумораи ҳадис 1162, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод)

воҷибро дорад, Ва ҳар кас ки воҷибот ва мустаҳабботро анҷом диҳад ва аз муҳаррамот ва макруҳот дури кунад, қатъан аз имони комил бархурдор аст.

6, **Истисно дар имон,** Ба ин шакл бигӯяд, ки «Ин шоа Аллоҳ (агар Аллоҳ бихоҳад) ман муъмин ҳастам». Се ҳолат дорад:

Аввал: Агар ин суханро бо шак ва тардид дар асли имон бигӯяд, чунин истисно ҳаром ва балки куфр аст. Чунки имон ҳамон боварии қатъӣ ва яқини аст. (ки ҳеҷ шакку тардиде дар он роҳ надорад)

Дуввум: Агар аз тарси пок шумурдан ва таъйиди нафс ва аз тарси иддиъои доштани имони воҷиб ё комил, ин суханро ба забон оварда бошад, чунин истисно лозим ва воҷиб аст.

Севум: Агар аз рӯйи табаррук ҷустан ба машийяти Аллоҳ таоло онро бигӯяд, чунин истисно ҷоиз аст.

**7, Сифати имон бо муҷарради анҷоми гуноҳони сағира ва кабира аз байн намеравад,** балки гуноҳон онро ноқису кам мекунанд ва асли имон боқи мемонад. Ва аз ин ру муртакиби гуноҳи кабира муъмин ва ноқисул-имон аст. Бо имоне ки дорад, муъмин ва бар асари гуноҳи кабирае, ки анҷом медиҳад, фосиқ аст. Ва дар дунё аз доираи ислом хориҷ намешавад, Ва дар охират, низ ҷовидон дар дӯзах боқи намемонад, балки дар машйят ва иродаи Аллоҳ таоло аст, ки агар бихоҳад ба фазлу раҳмати худ ӯро мебахшад ва вориди биҳишт мекунад. Вале агар бихоҳад ӯро ба андозаи гуноҳонаш азоб медиҳад ва сипас бо шафоати шафоаткунандагон ё ба раҳмати меҳрубонтарини меҳрубонон, аз дӯзах хориҷ мешавад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُۚ وَمَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱفۡتَرَىٰٓ إِثۡمًا عَظِيمًا ﴿٤٨﴾ ﴾ [النساء : ٤٨]

« Бе гумон, Аллоҳ таоло ин гуноҳро, ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад ва ғайр аз онро – барои ҳар ки бихоҳад – мебахшад; ва ҳар ки ба Аллоҳ таоло ширк варзад, яқинан, гуноҳи бузург ба гардан гирифтааст» (Сураи Нисо 48)

عَنْ أَبِي سَعِيدٍ الخُدْرِيِّ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «يَدْخُلُ أَهْلُ الجَنَّةِ الجَنَّةَ، وَأَهْلُ النَّارِ النَّارَ»، ثُمَّ يَقُولُ اللَّهُ تَعَالَى: «أَخْرِجُوا مِنَ النَّارِ مَنْ كَانَ فِي قَلْبِهِ مِثْقَالُ حَبَّةٍ مِنْ خَرْدَلٍ مِنْ إِيمَانٍ. فَيُخْرَجُونَ مِنْهَا قَدِ اسْوَدُّوا، فَيُلْقَوْنَ فِي نَهَرِ الحَيَا، أَوِ الحَيَاةِ –»

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Биҳиштиён вориди биҳишт ва ҷаҳаннамиён вориди оташ мешаванд. Сипас Аллоҳ таоло мефармояд: Ҳар касеро ки дар дилаш ба андозаи донаи хардале аз имон аст, аз оташ хориҷ кунед. Бинобар ин ононро берун меоваранд, дар ҳоле ки сиёҳ шудаанд, сипас дар рудхонаи ҳаё – ё ҳаёт- андохта мешаванд.»(66)

عَنْ أَنَسٍ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «يَخْرُجُ مِنَ النَّارِ مَنْ قَالَ لاَ إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَفِي قَلْبِهِ وَزْنُ شَعِيرَةٍ مِنْ خَيْرٍ، وَيَخْرُجُ مِنَ النَّارِ مَنْ قَالَ لاَ إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَفِي قَلْبِهِ وَزْنُ بُرَّةٍ مِنْ خَيْرٍ، وَيَخْرُجُ مِنَ النَّارِ مَنْ قَالَ لاَ إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَفِي قَلْبِهِ وَزْنُ ذَرَّةٍ مِنْ خَيْرٍ» قَالَ أَبُو عَبْدِ اللَّهِ: قَالَ أَبَانُ، حَدَّثَنَا قَتَادَةُ، حَدَّثَنَا أَنَسٌ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «مِنْ إِيمَانٍ» مَكَانَ «مِنْ خَيْرٍ»

Инчунин фармуданд:

«Ҳар кас, ки (Ло илоҳа илло Аллоҳ) бигӯяд ва дар дилаш ба андозаи вазни як донаи ҷав аз неки бошад, аз ҷаҳаннам хориҷ мешавад. Ва ҳар кас (Ло илоҳа илло Аллоҳ) бигӯяд ва дар дилаш ба андозаи вазни як донаи гандум аз неки бошад, аз ҷаҳаннам хориҷ мешавад. Ва ҳар кас (Ло илоҳа илло Аллоҳ) бигӯяд ва дар дилаш ба андозаи заррае аз неки бошад, аз ҷаҳаннам хориҷ мешавад».(67)

(66) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 22, ба ривояти Абусаъиди Худрӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(67) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 44, ба ривояти Анас (Худованд аз ӯ розӣ бод)

Дар як ривояти дигар ба ҷои «аз неки» «аз имон»[68] омадааст.

Дар ин замина ду гуруҳ мунҳариф ва гумроҳ шудаанд:

Якум: **Ваъидия**: Касоне ки қоил ба иҷрои ваъиди илоҳӣ (ваъдаи азоби илоҳӣ) ва инкори шафоат дар ҳаққи муваҳҳидони гунаҳгоре ҳастанд, ки муртакиби гуноҳи кабира шудаанд.

**Онон ба ду гуруҳ тақсим мешаванд:**

**1, Хавориҷ**: Муътақиданд, ки муртакиби гуноҳи кабира аз доираи имон хориҷ ва вориди куфр мешавад ва бинобар ин дар дунё кофир ва дар охират абадӣ дар ҷаҳаннам аст.

**2, Муътазила**: Мегӯянд, ки муртакиби кабира аз доираи имон хориҷ мегардад, вале вориди куфр намешавад, Ва аз ин ру дар дунё миёни ду марҳила ё ду дараҷа қарор дорад (мартабаи байни ду мартаба, яъне байни куфр ва имон) на муъмин аст на кофир, аммо дар охират, абадӣ дар ҷаҳаннам аст.

**Посухи Ваъидияро ба чанд сурат метавон баён кард; аз ҷумла:**

**Аввал:** Аллоҳи мутаол барои муртакиби кабира имонро исбот намуда ва васфи бародари имонии ӯро бо дигар муъминон боқи медонад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلۡقِصَاصُ فِي ٱلۡقَتۡلَىۖ ٱلۡحُرُّ بِٱلۡحُرِّ وَٱلۡعَبۡدُ بِٱلۡعَبۡدِ وَٱلۡأُنثَىٰ بِٱلۡأُنثَىٰۚ فَمَنۡ عُفِيَ لَهُۥ مِنۡ أَخِيهِ شَيۡءٞ فَٱتِّبَاعُۢ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَأَدَآءٌ إِلَيۡهِ بِإِحۡسَٰنٖۗ ذَٰلِكَ تَخۡفِيفٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَرَحۡمَةٞۗ فَمَنِ ٱعۡتَدَىٰ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَلَهُۥ عَذَابٌ أَلِيمٞ ١٧٨ ﴾ [البقرة: ١٧٨]

«Эй касоне, ки имон овардаед, дар [мавриди] куштагон [ки барқасдона ба қатл расидаанд, ҳукми] қасос бар шумо муқаррар гаштааст: Озод дар баробари озод ва барда дар баробари барда ва зан дар баробари зан. Пас, агар касе [валии дам] дар ҳаққи бародар [-и дини]-аш [қотил] бахшиш намояд, бояд [аз азобу

(68) Бухорӣ онро пас аз ривояти собиқ овардааст.

озораш бипархезад ва бо ӯ] хушрафторӣ намояд ва [қотил низ бояд мутақобилан дия-хунбаҳоро] ба некӣ ба ӯ бипардозад.» (Сураи Бақара 178)

Аллоҳ таоло дар ояти боло қотилро бародари мақтул муаррифи кард. Ва низ мефармояд:

﴿ وَإِن طَآئِفَتَانِ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٱقۡتَتَلُواْ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَهُمَاۖ فَإِنۢ بَغَتۡ إِحۡدَىٰهُمَا عَلَى ٱلۡأُخۡرَىٰ فَقَٰتِلُواْ ٱلَّتِي تَبۡغِي حَتَّىٰ تَفِيٓءَ إِلَىٰٓ أَمۡرِ ٱللَّهِۚ فَإِن فَآءَتۡ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَهُمَا بِٱلۡعَدۡلِ وَأَقۡسِطُوٓاْۖ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُقۡسِطِينَ ۝٩ إِنَّمَا ٱلۡمُؤۡمِنُونَ إِخۡوَةٞ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَ أَخَوَيۡكُمۡۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ۝١٠ ﴾ [الحجرات: ٩، ١٠]

«Агар ду гурӯҳ аз муъминон бо ҳам даргир шуданд, миёнашон оштӣ барқарор кунед ва агар як гурӯҳ бар дигаре таҷовуз кард, бо гурӯҳи мутаҷовиз биҷангед, то ба фармони Аллоҳ таоло боз ояд; агар бозгашт, байнашон сулҳе одилона барқарор кунед ва ба адолат рафтор кунед, ки Аллоҳ таоло одилонро дӯст дорад. 9 Албатта, муъминон бародари якдигаранд; пас, миёни бародарон оштӣ барқарор кунед ва аз Аллоҳ таоло парво кунед; бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред. 10» (Сураи Ҳуҷурот 9-10)

Аллоҳи мутаол имонро ба ду гурухе, ки бо ҳам ҷангу низоъ доранд нисбат медиҳад ва ононро бародарони имонии якдигар муаррифӣ мекунад.

**Дуввум:** Аллоҳи мутаол гуноҳони пасттар аз ширкро барои ҳар касе бихоҳад меомурзад ва касеро ки дар дилаш ба андозаи хардале имон бошад аз ҷаҳаннам берун меоварад. Чунонки ривоятҳои шафоат дар ин бора ба сурати мутавотир накл шудаанд.

**Дуввум: Мурҷиа:** Онон амалҳоро дар таъриф, исбот ва ҳақиқати имон шарт намедонанд, Ва дар таърифи имон ба чанд гуруҳ тақсим мешаванд:

**1, Ҷаҳмия:** Аз дидгоҳи онон, имон яъне тасдиқ ё шинохти қалбӣ аст. Бинобар ин ҳеҷ гуноҳе бар имон таъсир намегузорад, ҳамонгуна ки ҳеҷ тоате бо куфр фоида надорад.

**2, Карромия:** Онҳо имонро фақат талаффузи забонӣ медонанд.

**3, Мурҷиаҳои фақеҳон:** Онон имонро фақат тасдиқи қалбӣ ва нутқи забонӣ муаррифи мекунанд ва амалҳоро дохил дар таъриф ва ҳақиқати имон намедонанд, балки онро аз натиҷаҳои имон ба шумор меоваранд.

**Посухи Мурҷиаро низ ба чанд сурат метавон дод; аз ҷумла:**

**Аввал:** Аллоҳи мутаол амалҳоро имон номидааст, Ва дар бораи касоне ки ба тарафи Байтулмуқаддас пеш аз тағйири қибла намоз хондаанд ва вафот кардаанд, чунин фармуд:

﴿وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُضِيعَ إِيمَٰنَكُمْۚ ١٤٣﴾ [البقرة: ١٤٣]

« Ва Аллоҳ ҳаргиз имони (намози) шуморо зоеъ намегардонад» (Сураи Бақара 143)

Яъне Аллоҳ таоло намози шуморо беасар ва бефоида намегардонад.

**Дуввум:** Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) имони мутлақро аз фарде, ки дар ҳоли анҷом додани гуноҳи кабира аст, нафйи карданд ва фармуданд:

عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ، قَالَ: قَالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «لاَ يَزْنِي الزَّانِي حِينَ يَزْنِي وَهُوَ مُؤْمِنٌ، وَلاَ يَشْرَبُ الخَمْرَ حِينَ يَشْرَبُ وَهُوَ مُؤْمِنٌ، وَلاَ يَسْرِقُ حِينَ يَسْرِقُ وَهُوَ مُؤْمِنٌ، وَلاَ يَنْتَهِبُ نُهْبَةً، يَرْفَعُ النَّاسُ إِلَيْهِ فِيهَا أَبْصَارَهُمْ حِينَ يَنْتَهِبُهَا وَهُوَ مُؤْمِنٌ»

«Зинокор ҳангоми иртикоби амали зино, муъмин нест, Ва дузд ҳангоми дузди, муъмин нест, Ва шаробнӯш ҳангоми нӯшидани шароб, муъмин нест, Ва инчунин ғоратгаре ки моли боарзишеро тороҷ ва ғорат мекунад, ки мардум ба он чашм дӯхтаанд, ҳангоми ғоратгариаш, муъмин нест». Ҳадиси муттафақун алайҳи аст.(69)

Далели аслии ботил будани сухан ва иштибоҳи ҳарду гуруҳ – ваъидия ва мурҷиа – эътиқодашон мабнӣ бар як чиз будани имон аст, ки ё имон ба пурраги вуҷуд дорад, ё имон ба пурраги маъдум ва ғайри мавҷуд аст. Аммо Мурҷиа онро ба муҷарради иқрори қалбӣ ё забонӣ ё ҳарду собит медонанд, агарчанде амале ҳам набошад. Онон дар ин замина кутоҳӣ ва саҳлангори намудаанд ва аҳли тафрит ҳастанд. Вале Ваъидия имонро бо анҷом додани камтарин гуноҳи кабира мунтафӣ ва аз байн рафта медонанд ва аз ин ру онон аҳли ифрот ва зиёдаравӣ ҳастанд. Бинобар ин муқаддима ва далели аслии иштибоҳи ҳарду гуруҳ як аст, вале натиҷаи онҳо бо якдигар мутазод аст.

(69) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 2475, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 57, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод)

## Имомат ва ҷамоат

Мусулмонон уммати воҳид ҳастанд, ки амрҳои рисолаташон фақат бо мавориди зер ислоҳ ва муҳаққақ мегардад:

### 1, Вуҷуби байъат

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Ҳар касе дар ҳоле бимирад, ки дар гарданаш байъате набошад, ба марги ҷоҳилият мурдааст»[70]

### 2, Гӯш кардан ва итоат намудан аз касоне ки мутаваллии амри ба маъруф ҳастанд.

Ва анҷоми ҳаҷ ва намозҳои ҷумъа ва ҷамоат бо ҳамроҳи амирон – фарқ надорад, ки некукор бошанд ё фоҷиру фосиқ – ва низ хайрхоҳи барои онон ва руҷуъ ба Қуръону суннат дар замон ва ҳолати ихтилоф. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَأُوْلِي ٱلۡأَمۡرِ مِنكُمۡۖ فَإِن تَنَٰزَعۡتُمۡ فِي شَيۡءٖ فَرُدُّوهُ إِلَى ٱللَّهِ وَٱلرَّسُولِ إِن كُنتُمۡ تُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۚ ذَٰلِكَ خَيۡرٞ وَأَحۡسَنُ تَأۡوِيلًا ٥٩ ﴾
[النساء : ٥٩]

«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло ва паёмбар ва коргузорон [-у фармондеҳони мусулмони худ] итоат кунед ва агар дар чизе ихтилоф кардед, онро ба [Китоби] Аллоҳ таоло ва [Суннати] паёмбар бозгардонед. Агар ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон доред, [яқин дошта бошед, ки] ин [бозгашт ва Қуръону Суннат бароятон] беҳтар ва хушфарҷомтар аст» (Сураи Нисо 59)

(70) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1851, ба ривояти ибни Умар (Худованд аз ӯ розӣ бод)

عَنِ ابْنِ عُمَرَ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، أَنَّهُ قَالَ: «عَلَى الْمَرْءِ الْمُسْلِمِ السَّمْعُ وَالطَّاعَةُ فِيمَا أَحَبَّ وَكَرِهَ، إِلَّا أَنْ يُؤْمَرَ بِمَعْصِيَةٍ، فَإِنْ أُمِرَ بِمَعْصِيَةٍ، فَلَا سَمْعَ وَلَا طَاعَةَ».

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Бар шахси мусулмон лозим аст, ки бишнавад ва итоат кунад (амир ё подшоҳро), дар ончи дӯст дорад ё намеписандад, магар инки ба анҷоми гуноҳ фармон дода шавад, пас барояш шунидан ва итоат кардан нест» Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.(71)

Инчунин фармуданд:

«مَنْ خَلَعَ يَدًا مِنْ طَاعَةٍ، لَقِيَ اللهَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ لَا حُجَّةَ لَهُ».

«Касе ки даст аз итоати (амирони исломӣ) бикашад, рӯзи қиёмат дар ҳоле бо Аллоҳ мулоқот мекунад, ки ҳеҷ далиле надорад»(72) (барои итоат накарданаш)

### 3, Таҳрими шуриш бар онон ва мухолифат бо эшон.

Ҳарчанд зулму ситам кунанд, магар инки куфри ошкоре аз онон дида шавад, ки дар ин бора далиле аз ҷониби Аллоҳ дошта бошем,

عَنْ جُنَادَةَ بْنِ أَبِي أُمَيَّةَ، قَالَ: دَخَلْنَا عَلَى عُبَادَةَ بْنِ الصَّامِتِ وَهُوَ مَرِيضٌ، فَقُلْنَا: حَدِّثْنَا أَصْلَحَكَ اللهُ، بِحَدِيثٍ يَنْفَعُ اللهُ بِهِ سَمِعْتَهُ مِنْ رَسُولِ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، فَقَالَ: دَعَانَا رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ فَبَايَعْنَاهُ، فَكَانَ فِيمَا أَخَذَ عَلَيْنَا: «أَنْ بَايَعَنَا عَلَى السَّمْعِ وَالطَّاعَةِ فِي مَنْشَطِنَا وَمَكْرَهِنَا، وَعُسْرِنَا وَيُسْرِنَا، وَأَثَرَةٍ عَلَيْنَا، وَأَنْ لَا نُنَازِعَ الْأَمْرَ أَهْلَهُ»، قَالَ: «إِلَّا أَنْ تَرَوْا كُفْرًا بَوَاحًا عِنْدَكُمْ مِنَ اللهِ فِيهِ بُرْهَانٌ»

Зеро Убода ибни Сомит (Худованд аз ӯ розӣ бод) мегӯяд: «Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) моро фаро хонданд ва мо ба эшон байъат кардем. Баъзе аз мавзӯъҳое, ки бо мо

(71) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 7144, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1839, ба ривояти ибни Умар (Худованд аз ӯ розӣ бод).

(72) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1851, ба ривояти ибни Умар (Худованд аз ӯ розӣ бод).

байъат карданд, инҳо буданд: Гӯш кардан ва итоат кардан (аз амирон) дар хӯшӣ ва нохӯшӣ, дар сахти ва осонӣ, ва тарҷеҳ додани онон бар худ, Ва инки бо зимомдорон мухолифат накунем, магар инки куфри ошкоре бубинем, ки далиле аз ҷониби Аллоҳ таоло дошта бошем». Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.(73)

حَدَّثَنَا زَيْدُ بْنُ وَهْبٍ، سَمِعْتُ عَبْدَ اللَّهِ، قَالَ: قَالَ لَنَا رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «إِنَّكُمْ سَتَرَوْنَ بَعْدِي أَثَرَةً وَأُمُورًا تُنْكِرُونَهَا» قَالُوا: فَمَا تَأْمُرُنَا يَا رَسُولَ اللَّهِ؟ قَالَ: «أَدُّوا إِلَيْهِمْ حَقَّهُمْ، وَسَلُوا اللَّهَ حَقَّكُمْ»

Инчунин Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Ҳамоно шумо баъд аз ман навъе табъиз ва корҳоеро хоҳед дид, ки онҳоро намеписандед» Саҳоба гуфтанд: Чи дастур ба мо медиҳи эй Расули худо? Эшон посух доданд: «Шумо ҳаққи ононро адо кунед ва аз Аллоҳ бихоҳед, ки ҳаққи шуморо бидиҳад». Ин ҳадиснизмуттафақуналайҳиаст.(74)

**Бинобарин шуриш ва хуруҷ алайҳи амирон ҷоиз нест, магар инки шартҳои муҳими зер вуҷуд дошта бошад:**

1, **Исботи воқеъ шудани куфр бо дидан ё баррасии илмӣ**, зеро Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Магар инки бубинед....». Пас наметавон бар овозаҳо ва хабарҳо эътимод кард.

2, **Барои шуриш ва хуруҷ алайҳи онон лозим аст муртакиби «куфр» шуда бошанд,** Ва фисқу фуҷури амирон далиле бар ҷоиз будани хуруҷ бар алайҳи онон ба шумор намеравад.

3, **Лозим аст, ки куфри онон зоҳиру ошкор бошад,** бинобарин агар дучори куфре шуда бошанд, ки куфри хафӣ бошад, хуруҷ бар онон ҷоиз нест.

(73) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 7055, ва 7056, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1709, ва 4771,

(74) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 7052, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 184, ба ривояти ибни Масъуд (Худованд аз ӯ розӣ бод)

4, **Бояд далили қатъӣ бар такфири онон вуҷуд дошта бошад,** чунки Расули Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Дар бораи он далиле аз ҷониби Аллоҳ дошта бошед» Пас ба сабаби кори гумонӣ ва эҳтимолӣ ё масъалаи ихтилофӣ, қиём ва шуриш алайҳи онон ҷоиз нест.

5, **Қудрат:** Дар ҳолати нотавони ва қудрат надоштан хуруҷ алайҳи амири кофир ҷоиз нест, агарчанде шартҳои боло вуҷуд дошта бошад, то ин кор сабаби нобудии дин ва диндорон нагардад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ أَلَمْ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ قِيلَ لَهُمْ كُفُّوٓاْ أَيْدِيَكُمْ وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ فَلَمَّا كُتِبَ عَلَيْهِمُ ٱلْقِتَالُ إِذَا فَرِيقٌ مِّنْهُمْ يَخْشَوْنَ ٱلنَّاسَ كَخَشْيَةِ ٱللَّهِ أَوْ أَشَدَّ خَشْيَةً ﴿٧٧﴾ ﴾ [النساء : ٧٧]

«[Эй паёмбар] Оё касонеро надидӣ, ки [дар Макка] ба онҳо гуфта шуд: «[Акнун] Даст аз ҷанг бардоред ва намоз барпо доред ва закот бипардозед», ва [-ле] чун [дар Мадина] ҷиҳод бар онон муқаррар шуд, он гоҳ гурӯҳе аз эшон аз мардум [-и мушрики Макка] тарсиданд, монанди тарс аз Аллоҳ таоло ё [ҳатто] бештар» (Сураи Нисо 77)

Муъминон дар ҳолати заъфу нотавони амр шудаанд, ки аз ҷанг даст бикашанд. Вале дар ҳолати қудрат доштан бояд алайҳи куфру кофирони золим қиём намуда хуруҷ кунанд.

## Саҳоба

## (Худованд аз онҳо розӣ бод)

Саҳобӣ касе аст, ки бо Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) нишасту бархост дошта ва ба Ӯ имон оварда ва бо ҳамон имонаш аз дунё рафтааст. Саҳобагон беҳтарини мардум баъд аз паёмбарон ҳастанд. Ва беҳтарин насл ва афроди ин уммат ба шумор меравdefinite.

عَنْ عَبْدِ اللَّهِ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «خَيْرُ النَّاسِ قَرْنِي»

Расули Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:» Беҳтарини мардум (инсонҳо) қарни ман ҳастанд» (Саҳобагонашро дар назар дорад) Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.(75)

قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: « خَيْرُ أُمَّتِي قَرْنِي»

Инчунин фармуданд: «Беҳтарини умматам (афроди) қарни ман ҳастанд». Ин ҳадис низ муттафақун алайҳи мебошад.(76)

Ҳамаи саҳобагони Расули Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) одил буданд, зеро Аллоҳ таоло ононро барои ҳамнишини ва ҳамроҳи бо паёмбараш интихоб намуд, Ва ононро тазкия ва пок кард ва аз онон розӣ шуд, Ва тавбаи ононро пазируфт ва бо беҳтарин сифатҳо ононро васф кард, Ва беҳтарин ваъдаҳоро ба онон дод. Чунонки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلۡكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيۡنَهُمۡۖ تَرَىٰهُمۡ رُكَّعٗا سُجَّدٗا يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗاۖ سِيمَاهُمۡ فِي وُجُوهِهِم مِّنۡ أَثَرِ ٱلسُّجُودِۚ ذَٰلِكَ مَثَلُهُمۡ فِي ٱلتَّوۡرَىٰةِۚ وَمَثَلُهُمۡ فِي ٱلۡإِنجِيلِ كَزَرۡعٍ أَخۡرَجَ شَطۡـَٔهُۥ فَـَٔازَرَهُۥ فَٱسۡتَغۡلَظَ فَٱسۡتَوَىٰ عَلَىٰ سُوقِهِۦ يُعۡجِبُ ٱلزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ

(75) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 2652, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2533, ба ривояти ибни Масъуд (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(76) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3650, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2535, ба ривояти Имрон ибни Ҳусайн (Худованд аз ӯ розӣ бод). Иборати боло матни Саҳеҳ Бухорӣ мебошад.

ﭐلۡكُفَّارَۖ وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِنۡهُم مَّغۡفِرَةٗ وَأَجۡرًا عَظِيمَۢا ﴿٢٩﴾ [الفتح: ٢٩]

«Муҳаммад расулуллоҳ ва [саҳобаи муъмин ва фидокораш ҳамон] касоне, ки ҳамвора бо ӯ ҳастанд, дар баробари кофирон [-и ситезаҷӯ] муҳкаму сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон; эшонро дар ҳоли рукуъ ва саҷда мебинӣ, ки пайваста фазлу хушнудии Аллоҳро меҷӯянд; нишони [имону парҳезгории] онон дар чеҳраҳояшон аз асари саҷда ва ибодат ҳувайдост; ин васфи эшон дар Таврот аст; ва тавсифашон дар Инҷил [низ] ҳамчун гиёҳе аст, ки ҷавонаашро бармеоварад ва онро неру мебахшад, то муҳкам гардад ва бар соқаҳояш устувор биистад; чунон ки муҷиби шигифтии кишоварзон шавад; дар натиҷа, Аллоҳ таоло бо [тақвият ва пешрафти] муъминон кофиронро ба хашм дармеоварад. Аллоҳ таоло ба муъминони накукор [саҳоба ва пайравонашон] ваъдаи омурзиш ва подоше бузург додааст» (Сураи Фатҳ 29)

Бо ин ҳама, саҳобагон аз нигоҳи баъзе аз хусусиятҳои умумӣ ва хусусӣ бо якдигар тафовут доранд, ки баъзе аз онҳо аз мартабаҳои бартаре бархурдоранд.

### Ва тафовути онон бо якдигар ба ин тартиб аст:

**1, Муҳоҷирон бартар аз Ансор ҳастанд.**

Аз онҷо ки Муҳоҷирон ҳам ҳиҷрат ва ҳам кумаку ёрӣ кардаанд, аз Ансор беҳтаранд. Ва Аллоҳи мутаол низ аввал аз онон ёд кардааст:

﴿لِلۡفُقَرَآءِ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ ٱلَّذِينَ أُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَأَمۡوَٰلِهِمۡ يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗا وَيَنصُرُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ﴿٨﴾ وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلۡإِيمَٰنَ مِن قَبۡلِهِمۡ يُحِبُّونَ مَنۡ هَاجَرَ إِلَيۡهِمۡ وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمۡ حَاجَةٗ مِّمَّآ أُوتُواْ وَيُؤۡثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ وَلَوۡ كَانَ بِهِمۡ خَصَاصَةٞۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفۡسِهِۦ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ﴿٩﴾﴾ [الحشر: ٨، ٩]

«[Ин амвол] Барои фуқарои муҳоҷире аст, ки аз хона ва амволашон берун ронда шуданд, аз Аллоҳ таоло фазл ва хушнудӣ металабанд ва Аллоҳ таоло ва паёмбарашро ёрӣ мекунанд. Онҳо ростгӯёнанд. 8 Ва [низ] касоне, ки пеш аз онон дар диёри ислом [Мадина] ҷой гирифта ва имон овардаанд, афродеро, ки ба сӯяшон ҳиҷрат мекунанд, дӯст доранд ва дар дилҳои худ аз он чи [ба муҳоҷирон] дода шуда, эҳсоси ҳасад [ва ниёз] намекунанд ва эшонро бар худ муқаддам медоранд, ҳатто агар худ ниёзманд бошанд; ва касоне, ки аз бухл [-у ҳирс]-и нафси хеш дар амон бимонанд [ва дар роҳи Аллоҳ таоло инфоқ кунанд], онон растагоранд 9» (Сураи Ҳашр 8-9)

﴿وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلۡأَوَّلُونَ مِنَ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحۡسَٰنٖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ
عَنۡهُ وَأَعَدَّ لَهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي تَحۡتَهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۚ ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ١٠٠﴾
[التوبة: 100]

«Ва пешгомони нахустин аз муҳоҷирону ансор ва касоне, ки ба некӣ аз онон пайравӣ карданд, Аллоҳ таоло аз онон хушнуд гашт ва онон [низ] аз Ӯ хушнуд шуданд ва барояшон боғҳое [дар биҳишт] муҳайё кардааст, ки ҷуйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст, ҷовидона дар он хоҳанд монд. Ин ҳамон [растагорӣ ва] комёбии бузург аст» (Сураи Тавба 100)

﴿لَّقَد تَّابَ ٱللَّهُ عَلَى ٱلنَّبِيِّ وَٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ فِي سَاعَةِ ٱلۡعُسۡرَةِ مِنۢ بَعۡدِ مَا كَادَ
يَزِيغُ قُلُوبُ فَرِيقٖ مِّنۡهُمۡ ثُمَّ تَابَ عَلَيۡهِمۡۚ إِنَّهُۥ بِهِمۡ رَءُوفٞ رَّحِيمٞ ١١٧﴾ [التوبة:117]

«Бе гумон, Аллоҳ таоло бар паёмбар ва муҳоҷирин ва ансор, ки дар ҳангоми душворӣ [ғазваи Табук] аз Ӯ пайравӣ карданд, раҳмат овард, баъд аз онки наздик буд дилҳои гурӯҳе аз онон билағжад [ва ба сабаби сахтиҳои фаровон ҷиҳодро тарк кунанд], пас, [боз] тавбаи ононро пазируфт. Бе тардид, Ӯ [нисбат] ба онон дилсӯз [ва] меҳрубон аст» (Сураи Тавба 117)

**2, Касоне ки пеш аз сулҳи Ҳудайбия, инфоқ ва ҷиҳод кардаанд, бартар аз касоне ҳастанд, ки баъди сулҳи Ҳудайбия инфоқ ва ҷиҳод кардаанд.**

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ وَمَا لَكُمْ أَلَّا تُنفِقُوا۟ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلِلَّهِ مِيرَٰثُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ لَا يَسْتَوِى مِنكُم مَّنْ أَنفَقَ مِن قَبْلِ ٱلْفَتْحِ وَقَٰتَلَ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ أَعْظَمُ دَرَجَةً مِّنَ ٱلَّذِينَ أَنفَقُوا۟ مِنۢ بَعْدُ وَقَٰتَلُوا۟ ۚ وَكُلًّا وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلْحُسْنَىٰ ۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ۝١٠ ﴾ [الحديد: ١٠]

«Касоне, ки пеш аз фатҳи [Макка] инфоқ карданд ва ҷангиданд, [бо дигарон] баробар нестанд. Дараҷаи онон волотар аз касонест, ки пас аз фатҳ инфоқ карданд ва ҷангиданд, вале Аллоҳ таоло ба ҳар ду гурӯҳ накутарин [подошҳо]-ро ваъда додааст ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст» (Сураи Ҳадид 10)

**3, Аҳли Бадр**

قَالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ:» إِنَّهُ شَهِدَ بَدْرًا وَمَا يُدْرِيكَ؟ لَعَلَّ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ اطَّلَعَ عَلَى أَهْلِ بَدْرٍ فَقَالَ: اعْمَلُوا مَا شِئْتُمْ فَقَدْ غَفَرْتُ لَكُمْ «

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ба сайидамон Умар (Худованд аз ӯ розӣ бод) дар моҷарои Ҳотиб ибни Абибалтаъа фармуданд: « Ӯ дар ҷанги Бадр ҳузур дошт ва ту чи медони, ки Аллоҳ ҳатман ба аҳволи аҳли Бадр огоҳ буд, ки фармудааст: Ҳар ончи мехоҳед анҷом диҳед, ки ман шуморо бахшидаам». Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.(77)

**4, Аҳли байъатур-ризвон**

Худованд мефармояд:

﴿ ۞ لَّقَدْ رَضِىَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِى قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ۝١٨ ﴾ [الفتح: ١٨]

(77) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3007, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2494, ба ривояти сайидамон Алӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод)

«Аллоҳ таоло аз муъминоне, ки дар канори он дарахт [дар Ҳудайбия] бо ту байъат карданд, хушнуд шуд ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад; аз ин рӯ оромиш бар онон фуру фиристод ва ба пирӯзии наздик [дар Хайбар] подошашон дод» (Сураи Фатҳ 18)

قال النَّبِيّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، يقُولُ عِنْدَ حَفْصَةَ: «لَا يَدْخُلُ النَّارَ، إِنْ شَاءَ اللهُ، مِنْ أَصْحَابِ الشَّجَرَةِ أَحَدٌ، الَّذِينَ بَايَعُوا تَحْتَهَا»

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Агар Аллоҳ бихоҳад, ҳеҷ яке аз асҳоби шаҷара, ки дар зери он байъат кардаанд, вориди ҷаҳаннам намешаванд.»[78]

## Аммо мартаба ва бартарии хосси саҳоба бар якдигар, ба ин тартиб аст:

### 1, Чаҳор халифаи рошид

Ба иҷмоъи аҳли суннат ва ҷамоат, бартарини уммат баъди паёмбарон Абубакр ва сипас Умари Форуқ аст. (Худованд аз онҳо розӣ бод). Ривоятҳои мутавотире дар ин бора зикр шудааст, ки бо зиёда аз 80 сурат ривоят шудааст.

قَالَ عَلِيٌّ، رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ: «خَيْرُ هَذِهِ الْأُمَّةِ بَعْدَ نَبِيِّهَا: أَبُو بَكْرٍ، وَبَعْدَ أَبِي بَكْرٍ: عُمَرُ،»

Аз сайидамон Алӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки бар болои минбари Кӯфа чунин фармуданд: «Беҳтарини ин уммат баъд аз Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) Абубакр ва сипас Умар аст.» Имом Аҳмад ин ривоятро бо санадҳои саҳеҳ нақл кардааст, инчунин ибни Абу Осим низ. Ва Албонӣ онро саҳеҳ дониста аст.[79] Ҳатман Алӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) чунин суханро аз руи илму огоҳӣ ба забон овардааст.

(78) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2494, ба ривояти умми Мубашшир (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(79) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 836, Ибни Абиосим дар Суннат бо тахриҷи Албонӣ, шумораи 1201.

عَنِ ابْنِ عُمَرَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمَا، قَالَ: «كُنَّا نُخَيِّرُ بَيْنَ النَّاسِ فِي زَمَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ فَنُخَيِّرُ أَبَا بَكْرٍ، ثُمَّ عُمَرَ بْنَ الخَطَّابِ، ثُمَّ عُثْمَانَ بْنَ عَفَّانَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمْ»

Ва баъд аз ин ду бузургвор, Усмон ибни Аффон (Худованд аз ӯ розӣ бод) аз ҳама бартар аст, Зеро Бухорӣ ривоятеро аз Абдуллоҳ ибни Умар (Худованд аз ӯ розӣ бод) овардааст, ки: «Мо дар замони Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) аз миёни мардум, ибтидо Абубакр ва сипас Умар ва баъд аз ӯ Усмонро интихоб мекардем»(80). (Худованд аз онҳо розӣ бод)

فَيَبْلُغُ ذَلِكَ النَّبِيَّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، فَلَا يُنْكِرُهُ.

Ва дар иборати дигаре омадааст, ки: « Ин хабар ба Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) расид ва эшон онро рад ё инкор накарданд»(81). Суфёни Саврӣ мегӯяд: «Ҳар кас Алиро бартар аз Абубакру Умар бидонад, қатъан ба Муҳоҷирон ва Ансор беэҳтироми кардааст.»(82) (Худованд аз онҳо розӣ бод) Чун инҳо дар хилофат пештар аз Алӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ҳастанд, ва аз ин ру тартиби онон аз нигоҳи бартарӣ, монанди тартибашон дар хилофат аст.

## 2, Башорат додашудагон ба биҳишт

Онҳо иборатанд аз: Халифаҳои чаҳоргона, Абдурраҳмон ибни Авф, Саъд ибни Абиваққос, Талҳа ибни Убайдуллоҳ, Зубайр ибни Аввом, Абуубайда ибни Ҷарроҳ, ва Саъид ибни Зайд,

(80) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3655.

(81) Ибни Абиосим дар Суннат, бо тахриҷи Албонӣ 1193.

(82) Ибни Муъин дар таърихи худаш ба ривояти ибни Муҳарраз, шумораи 885, Халлол дар Суннат, шумораи 528, Хатиби бағдодӣ дар Таърихи Бағдод 5/50, чунин овардааст: « Ҳар кас Алиро бар Усмон муқаддам ва бартар бидонад, қатъан бар 12 ҳазор нафар беэҳтиромӣ кардааст, 12 ҳазор нафаре ки Паёмбар (с) дар замони вафоташ аз онон розӣ буданд, Ҳамон касоне ки бар байъат бо Усмон (Худованд аз ӯ розӣ бод) иҷмоъ ва тавофуқ карданд.»

(Худованд аз онҳо розӣ бод), ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ба онҳо ваъдаи ворид шудан ба биҳиштро додаанд ва ин матлаб дар ҳадисҳои саҳеҳ баён шудааст.[83]

Илова бар ин бар асоси баъзе аз матнҳо ба афроди дигаре низ башорат ба ворид шудани биҳишт дода шудааст, Монанди Билол[84], собит ибни Қайс[85], ва Абдуллоҳ ибни Салом[86]. (Худованд аз онҳо розӣ бод)

### 3, Аҳлу байти Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод)

Онҳо аз панҷ хонадон ҳастанд, ки додани садақа ба онон ҳаром аст. Хонадони Алӣ, хонадони Ҷаъфар, хонадони Ақил, хонадони Аббос ва фарзандони Ҳорис ибни Абдулмутталиб. (Худованд аз онҳо розӣ бод).

عن وَاثِلَةَ بْنَ الْأَسْقَعِ، يقُولُ: سَمِعْتُ رَسُولَ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يقُولُ: «إِنَّ اللهَ اصْطَفَى كِنَانَةَ مِنْ وَلَدِ إِسْمَاعِيلَ، وَاصْطَفَى قُرَيْشًا مِنْ كِنَانَةَ، وَاصْطَفَى مِنْ قُرَيْشٍ بَنِي هَاشِمٍ، وَاصْطَفَانِي مِنْ بَنِي هَاشِمٍ»

Расули Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Ҳамоно Аллоҳи мутаол Кинонаро аз миёни фарзандони Исмоил, Қурайшро аз байни Кинона, Бани Ҳошимро аз Қурайш, ва манро аз Бани Ҳошим баргузид.»[87]

(83) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 1675, Тирмизӣ, шумораи ҳадис 3747, Насоӣ дар Сунани кубро, шумораи ҳадис 8138, ба ривояти Абдурраҳмон ибни Авф (Худованд аз ӯ розӣ бод) ва бо ном бурдан аз 10 нафари зикршуда. Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 1631, Абудовуд, шумораи ҳадис 4649, Тирмизӣ, шумораи ҳадис 3748, Насоӣ дар Сунани кубро, шумораи ҳадис 8162, Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 133, ба ривояти Саъид ибни Зайд (Худованд аз ӯ розӣ бод) бо ном бурдан аз 9 нафар.

(84) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 1149, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2458, ба ривояти Абуҳурайра. (Худованд аз ӯ розӣ бод). Ва низ: Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2457, ба ривояти Ҷобир (Худованд аз ӯ розӣ бод).

(85) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3613, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 119, ба ривояти Анас. (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(86) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3812, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2483, ба ривояти Саъд ибни Абиваққос. (Худованд аз ӯ розӣ бод)

(87) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2276, ба ривояти Восила ибни Асқаъ (Худованд аз ӯ розӣ бод)

« أُذَكِّرُكُمُ اللهَ فِي أَهْلِ بَيْتِي، أُذَكِّرُكُمُ اللهَ فِي أَهْلِ بَيْتِي»

Инчунин фармуданд:» Шуморо дар мавриди аҳли байтам супориш медиҳам, Шуморо дар мавриди аҳли байтам супориш медиҳам».(88) (Аз Аллоҳ битарсед аз инки мабодо дар ҳаққи хонаводаам ситам кунед).

«وَاللَّهِ لَا يَدْخُلُ قَلْبَ امْرِئٍ إِيمَانٌ حَتَّى يُحِبَّكُمْ لِلَّهِ وَلِقَرَابَتِي»

Ҳангоме ки Аббос ибни Абдулмутталиб (Худованд аз ӯ розӣ бод) аз ситами баъзе аз қурайшиҳо бар фарзандони Ҳошим, ба Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) шикоят кард, Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Савганд ба Аллоҳ, ки имон вориди қалби касе нахоҳад шуд, то инки шуморо ба хотири Аллоҳ ва ба сабаби хешовандӣ бо ман дӯст дошта бошад.»(89)

Ҳамсарони поки Расули Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) низ аз аҳли байти эшон ҳастанд. Чунонки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنكُمُ ٱلرِّجْسَ أَهْلَ ٱلْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيرًا ﴿٣٣﴾ ﴾ [الاحزاب : ٣٣]

« Ва дар хонаҳоятон бимонед ва ҳамчун ҷилвагари [-и занон дар даврони] ҷоҳилияти пешин, ҷилвагарӣ [ва худнамоӣ] накунед ва намоз барпо доред ва закот бипардозед ва аз Аллоҳ таоло ва Паёмбараш итоат кунед. Эй аҳли хона [паёмбар], ҷуз ин нест Аллоҳ таоло мехоҳад палидӣ [ва озори бегонагон]-ро аз шумо дур намояд ва комилан покатон гардонад» (Сураи Аҳзоб 33)

Аллоҳ ононро барои паёмбараш баргузид ва ононро ба унвони ҳамсарони Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар дунё ва охират интихоб кард ва ононро модарони

(88) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2408, ба ривояти Зайд ибни Арқам (Худованд аз ӯ розӣ бод).

(89) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 1777, ба ривояти Аббос ибни Абдулмутталиб (Худованд аз ӯ розӣ бод)

муъминон номид. Бартарин ҳамсари Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) Хадиҷа ва сипас Оиша духтари сайидамон Абубакр аст (Худованд аз онҳо розӣ бод). Номҳои ҳамсарони Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод): Савда духтари Замъа, Ҳафса духтари сайидамон Умар, Ум Салама, Ум Ҳабиба духтари Абусуфён, Сафия духтари Ҳуяй, Зайнаб духтари Ҷаҳш, Ҷувайрия, Маймуна ва Зайнаб духтари Хузайма. (Худованд аз онҳо розӣ бод)

## Бо вуҷуди ихтилофи табақот ва дараҷаҳои саҳоба воҷиб аст дар баробари онон амалҳои зеринро риоят кунем:

**Аввал:** Муҳаббат, дӯст доштан ва розӣ будан аз ҳамаи онон, инчунин дархости омӯрзиш барояшон ва таҳсини онҳо. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَٱلۡمُؤۡمِنُونَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتُ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلِيَآءُ بَعۡضٖۚ﴾ [التوبة: 71]

«Ва мардони муъмин ва занони муъмин дӯстон (ва ёвари) якдигаранд.» (Сураи Тавба 71)

﴿وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعۡدِهِمۡ يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ ١٠﴾ [الحشر: ١٠]

«Ва низ касоне ки баъд аз онон (баъд аз Муҳоҷирон ва Ансор) омаданд, Мегӯянд: Парвардигоро! Мо ва бародаронамонро, ки дар имон овардан пешӣ гирифтаанд, биёмурз.» (Сураи Ҳашр 10)

عَبْدُ اللَّهِ بْنُ عَبْدِ اللَّهِ بْنِ جَبْرٍ، قَالَ: سَمِعْتُ أَنَسًا عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «آيَةُ الإِيمَانِ حُبُّ الأَنْصَارِ، وَآيَةُ النِّفَاقِ بُغْضُ الأَنْصَارِ»

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Нишонаи имон, дӯст доштани Ансор, ва нишонаи нифоқ, дӯшмани ва буғз нисбати Ансор аст.»[90]

(90) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 17, ба ривояти Анас (Худованд аз ӯ розӣ бод).

قَالَ عَلِيٌّ: وَالَّذِي فَلَقَ الْحَبَّةَ، وَبَرَأَ النَّسَمَةَ، إِنَّهُ لَعَهْدُ النَّبِيِّ الْأُمِّيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ إِلَيَّ: «أَنْ لَا يُحِبَّنِي إِلَّا مُؤْمِنٌ، وَلَا يُبْغِضَنِي إِلَّا مُنَافِقٌ»

Сайидамон Алӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) мегӯяд: Савганд ба зоте ки донаро шикофт ва ҷонро офарид, Паёмбари уммӣ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) нисбат ба ман ёдовар шудааст, ки:» Фақат инсони муъмин манро дӯст дорад ва фақат марди мунофиқ бо ман душманӣ мекунад.»(91)

**Дуввум:** Бояд дилҳо ва забонҳоямонро аз бадгумони ва хиёнату тавҳин ва дашном нисбат ба онҳо ҳифозат кунем. Дар Қуръони карим чунин омадааст:

﴿ وَلَا تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِّلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴾ [الحشر: ١٠]

«Ва дар дилҳоямон кинаи мо нисбат ба касоне ки имон овардаанд, қарор мадеҳ, Парвардигоро! Бегумон Ту рауф ва меҳрубонӣ.» (Сураи Ҳашр 10)

قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «لَا تَسُبُّوا أَصْحَابِي، لَا تَسُبُّوا أَصْحَابِي، فَوَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ لَوْ أَنَّ أَحَدَكُمْ أَنْفَقَ مِثْلَ أُحُدٍ ذَهَبًا، مَا أَدْرَكَ مُدَّ أَحَدِهِمْ، وَلَا نَصِيفَهُ»

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Ёрони манро дашном надиҳед, ки агар касе аз шумо ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло нафақа кунад, ба андозаи як кафи даст ё нисфи он аз (фазлу подоши) яке аз онон намерасад.» Ин ҳадис муттафақуналайҳиаст.(92)

**Севум:** Худдори аз қазоват дар мавриди ихтилофе ки миёни онон рух додааст ва гумони нек нисбат ба онҳо кардан ва маъзур донистани онон ба ин ки муҷтаҳид буданд, ки агар ба ҳақ расиданд, ду подош мегиранд ва агар хато карданд, як аҷр мегиранд. Ва бовар ва яқин доштан ба инки онон дорои чунон

(91) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 78.

(92) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3673, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2540, ба ривояти Абусаъид (Худованд аз ӯ розӣ бод), Ва низ: Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 254, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод).

собиқа ва маҳосину некиҳои бузурге ҳастанд, ки боиси бахшиши хатоҳояшон мешавад, дар ҳоле ки аз онон гуноҳ ё хатое сар зада бошад.

**Чаҳорум:** Бароат ва безорӣ аз шева ва эътиқоду боварии рофизиҳо, Касоне ки дар мавриди аҳли байт зиёдаравӣ мекунанд ва умуми саҳобаро дашном медиҳанд, Ва нисбат ба онон буғзу душманӣ меварзанд. Ва низ безорӣ аз равишу эътиқоди навосиб, ашхосе ки нисбат ба аҳли байт зулму ҷафо мекунанд.

## Авлиё

Ҳамаи муъминон авлиё ва дӯстони Аллоҳи мутаол ҳастанд. Худованд мефармояд:

﴿ ٱللَّهُ وَلِيُّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ﴿٢٥٧﴾ ﴾ [البقرة: ٢٥٧]

«Аллоҳ ёвар (ва дӯсту сарпарасти) касоне аст, ки имон овардаанд» (Сураи Бақара 257)

Ва гиромитарини муъминон назди Аллоҳ ботақвотарини онон аст.

﴿ إِنَّ أَكۡرَمَكُمۡ عِندَ ٱللَّهِ أَتۡقَىٰكُمۡۚ ﴿١٣﴾ ﴾ [الحجرات: ١٣]

«Ҳамонон гиромитарини шумо назди Аллоҳ, парҳезгортарини шумо аст» (Сураи Ҳуҷурот 13)

Бинобар ин ҳаркас тақвои илоҳӣ бошта бошад, валии Аллоҳ таоло низ мебошад. Ва дӯстии онон барои Аллоҳ, бо ибодат ва муҳаббати Аллоҳ таоло аст. Ва дӯстии Аллоҳ таоло бо онон, бо муҳаббат ва эҳсони Ӯ нисбат ба онон аст.

### 1, Валӣ

Валии Аллоҳ иборат аст аз ҳар муъмине ки парҳезгор аст. Чунонки дар Қуръони карим омадааст:

﴿ أَلَآ إِنَّ أَوۡلِيَآءَ ٱللَّهِ لَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ﴿٦٢﴾ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ﴿٦٣﴾ ﴾ [يونس: ٦٢، ٦٣]

«Огоҳ бошед! Ҳамоно дӯстони Аллоҳ на тарсе бар онҳост ва на онон ғамгин мешаванд. (ҳамон) касоне ки имон овардаанд ва парҳезгори мекарданд» (Сураи Юнус 62-63)

Мартаба ва дараҷаҳои муъминон дар дӯсти бо Аллоҳ таоло, бар асоси мартабаи онон дар имон ва тақво аст ва насабу иддиъо

дар ин замина ҳеҷ таъсире надорад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ إِنَّ أَكۡرَمَكُمۡ عِندَ ٱللَّهِ أَتۡقَىٰكُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٞ ١٣ ﴾ [الحجرات: ١٣]

«Ҳамоно гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост, бегумон Аллоҳ донои огоҳ аст» (Сураи Ҳуҷурот 13)

**2, Кароммат**

Каромат, яъне амри хориқулода, ки Аллоҳи мутаол онро бо дастони яке аз авлиёи худ ва ба хотири гиромидошти ӯ ва тасдиқу таъйиди паёмбаре, ки он валӣ аз ӯ пайравӣ мекунад, ҷорӣ месозад. Ин ҳолат бар ду навъ аст:

**Аввал:** Дар илмҳо ва мукошафот ва донои ва илҳомҳо.

**Дуввум:** Дар қудрат ва таъсиргузорӣ.

Каромот барои авлиёи илоҳӣ дар умматҳои пешин ва барои саҳоба ва тобиъон сурат гирифта аст ва то рӯзи қиёмат боқӣ аст.

## Усули ҷомеъ дар бораи асолат ва истидлол

**Усули ҷомеъ:** Яъне ончи аз он эътиқод ва шариъату сулук гирифта мешавад, ки бар се қисм аст: Қуръони карим, суннати саҳеҳ ва иҷмоъи муназзам ва қонунманд. Ҷоиз нест, ки бо назар, қиёс, салиқа, кашф, ё сухани касе, - ҳар касе ки бошад – бо ин усул мухолифат шавад.

**Равиши фаҳми Қуръон ва суннат.** Равиши саҳеҳу дуруст, ҳамон роҳу равиши афроди нахустини ин уммат аст, Яъне равиши Муҳоҷирон ва Ансор ва пайравони некашон. Ва низ дури ҷустан аз равишҳои навпайдое, ки мутакаллимон ва суфиён ба вуҷуд овардаанд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَمَن يُشَاقِقِ ٱلرَّسُولَ مِنۢ بَعۡدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُ ٱلۡهُدَىٰ وَيَتَّبِعۡ غَيۡرَ سَبِيلِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ نُوَلِّهِۦ مَا تَوَلَّىٰ وَنُصۡلِهِۦ جَهَنَّمَۖ وَسَآءَتۡ مَصِيرًا ١١٥﴾ [النساء : ١١٥]

«Ва касе ки баъд аз онки ҳидоят (ва роҳи ҳақ) барояш равшан шавад, бо паёмбар мухолифат кунад ва аз роҳе ҷуз роҳи муъминон пайравӣ намояд, мо ӯро ба ончи пайравӣ кардааст вомегузорем ва ӯро ба ҷаҳаннам дармеафканем ва ҷойгоҳи баде аст» (Сураи Нисо 115)

**Ақли сареҳ.** Ақле ки солим аз шубуҳот ва шаҳавот бошад ва мухолиф бо нақли саҳеҳ набошад ва низ солим аз далилҳои фосид бошад. Баъзе вақт матнҳои динӣ ақлҳоро ба ҳайрат во медорад, аммо ҳаргиз муқобили ақли солим нест. Ҳар касе гумон кунад, ки байни матнҳои саҳеҳи дини ва ақли солим таъоруз ва мухолифате вуҷуд дорад, ҳатман ақли ӯ фосид аст ва дар чунин ҳолатҳо бояд нақл ва ривояти саҳеҳро муқаддам бар ақли худ бидонад.

## Бидъат (нававари дар дин)

Бидъат ба маънои нававари дар дин аст.

قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «مَنْ أَحْدَثَ فِي أَمْرِنَا هَذَا مَا لَيْسَ فِيهِ، فَهُوَ رَدٌّ»

Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: «Ҳар касе дар ин амри мо (дини мо) чизи навпайдоеро ки аз он нест, биёварад, қатъан мардуд аст» Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст.[93]

قَوْلِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «مَنْ عَمِلَ عَمَلًا لَيْسَ عَلَيْهِ أَمْرُنَا فَهُوَ رَدٌّ»

Инчунин Муслим ва Бухорӣ (Худованд онҳоро раҳмат кунад) ба сурати муаллақ ривоят кардаанд, ки: «Ҳар кас амале анҷом диҳад, ки амри (дини) мо мубтанӣ бар он нест, қатъан мардуд аст».[94]

### Бидъат бар чанд навъ аст:

1, Эътиқодӣ: Монанди эътиқоди шиа, хавориҷ, қадария, мурҷиа.

2, Амалӣ: Монанди раҳбоният, суфигарӣ ва дарвешӣ.

3, Аслӣ: Монанди ҷашни таваллудҳо ва зикрҳои навпайдо.

4, Изофӣ: То ҳудуде аз нигоҳи сабаб, ҷинс, миқдор, чигунагӣ, замон ва ё маконаш шабиҳ ва наздик ба ибодат аст.

5, Муғаллаза: Монанди ширк бо ҳама навъҳояш.

6, Мухаффафа: Монанди зикри дастаҷамъӣ.

7, Мукаффира: Мисли нафйи кардани сифатҳои илоҳӣ.

8, Муфассиқа: Монанди гӯш кардани ҳаром ва мусиқӣ.

(93) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 2697, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1718, ба ривояти Модари муъминон Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод).

(94) Бухори онро ба сурати муаллақ ва пеш аз ҳадиси шумораи 2142, ва шумораи 7350 овардааст. Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1718, ба ривояти Модари муъминон Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод).

## 1, Амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَلۡتَكُن مِّنكُمۡ أُمَّةٞ يَدۡعُونَ إِلَى ٱلۡخَيۡرِ وَيَأۡمُرُونَ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَيَنۡهَوۡنَ عَنِ ٱلۡمُنكَرِۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ١٠٤ ﴾ [آل عمران: ١٠٤]

«Ва бояд аз миёни шумо гуруҳе бошанд, ки (мардумро) ба неки даъват кунанд ва ба кори шоиста во доранд, Ва аз зишти боз доранд, ва онон ҳастанд, ки растагоронанд» (сураи Оли Имрон 104)

فقَالَ أَبُو سَعِيدٍ: أَمَّا هَذَا فَقَدْ قَضَى مَا عَلَيْهِ سَمِعْتُ رَسُولَ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يَقُولُ: «مَنْ رَأَى مِنْكُمْ مُنْكَرًا فَلْيُغَيِّرْهُ بِيَدِهِ، فَإِنْ لَمْ يَسْتَطِعْ فَبِلِسَانِهِ، فَإِنْ لَمْ يَسْتَطِعْ فَبِقَلْبِهِ، وَذَلِكَ أَضْعَفُ الْإِيمَانِ».

Абусаъиди Худрӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят мекунад, ки аз Расули Худо (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) чунин шунидам:

«Ҳар яке аз шумо кори баде дид, бояд онро бо дасташ манъ кунад ва агар натавонист бо забонаш ва агар натавонист, бо дилаш ва ин заъифтарин дараҷаи имон аст»[95]

Бояд пеш аз амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар, илм бошад ва дар вақти ин амал нарми ва мадоро сурат бигирад. Ва баъд аз он низ, доштани сабр ва дилкушоди лозим аст.

(95) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 49.

2, **Иштиёқи зиёд бар ваҳдат ва ҳамбастагӣ ва дури аз ихтилоф ва ҷудоиандозӣ.**

Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ وَٱعۡتَصِمُواْ بِحَبۡلِ ٱللَّهِ جَمِيعٗا وَلَا تَفَرَّقُواْۚ وَٱذۡكُرُواْ نِعۡمَتَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ إِذۡ كُنتُمۡ أَعۡدَآءٗ فَأَلَّفَ
بَيۡنَ قُلُوبِكُمۡ فَأَصۡبَحۡتُم بِنِعۡمَتِهِۦٓ إِخۡوَٰنٗا وَكُنتُمۡ عَلَىٰ شَفَا حُفۡرَةٖ مِّنَ ٱلنَّارِ فَأَنقَذَكُم مِّنۡهَاۗ
كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمۡ ءَايَٰتِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ ١٠٣ وَلۡتَكُن مِّنكُمۡ أُمَّةٞ يَدۡعُونَ إِلَى ٱلۡخَيۡرِ
وَيَأۡمُرُونَ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَيَنۡهَوۡنَ عَنِ ٱلۡمُنكَرِۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ١٠٤ وَلَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ تَفَرَّقُواْ
وَٱخۡتَلَفُواْ مِنۢ بَعۡدِ مَا جَآءَهُمُ ٱلۡبَيِّنَٰتُۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ عَذَابٌ عَظِيمٞ ١٠٥ ﴾ [آل عمران: ١٠٣، ١٠٥]

«Ва ҳамагӣ ба ресмони Аллоҳ таоло [Қуръону Суннат] чанг занед ва пароканда нашавед; ва неъмати [бузурги] Аллоҳро бар худ ба ёд оред, ки чи гуна душмани якдигар будед ва ӯ миёни дилҳоятон улфат эҷод кард ва ба [лутфу баракати] неъматаш бародар шудед; ва [пеш аз он ба хотири куфратон] бар остонаи партгоҳи оташ будед, [ки] Аллоҳ таоло шуморо аз он наҷот дод. Аллоҳ таоло, инчунин, оёти худро бароятон ошкор месозад; бошад, ки ҳидоят ёбед. 103 Ва [эй муъминон] бояд гуворҳе аз шумо бошанд, ки [мардумро] ба кор [-ҳои] шоиста [ки ақлу дин меписандад] водоранд ва аз зиштӣ боздоранд; ва ононанд, ки растагоранд. 104 Ва монанди касоне набошед, ки пас аз он ки далоили равшан барояшон омад, пароканда шуданд ва ихтилоф карданд. Онон азоби бузург [дар пеш] доранд. 105» (Сураи Оли Имрон 103-105)

﴿ أَنۡ أَقِيمُواْ ٱلدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُواْ فِيهِۚ ١٣ ﴾ [الشورى: ١٣]

«Ки динро барпо доред ва дар он фирқа фирқа нашавед» (Сураи Шуро 13)

عَنْ أَبِي مُوسَى رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «الْمُؤْمِنُ لِلْمُؤْمِنِ كَالْبُنْيَانِ يَشُدُّ بَعْضُهُ بَعْضًا» وَشَبَّكَ بَيْنَ أَصَابِعِهِ.

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Муъмин барои муъмин монанди сохтмон аст, ки баъзе аз он бахши дигариро тақвият медиҳад» Ва Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ангуштони худро дар ҳам дохил карданд. Ин ҳадис муттафақун алайҳи аст. (96)

عَنِ النُّعْمَانِ بْنِ بَشِيرٍ، قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: « مَثَلُ الْمُؤْمِنِينَ فِي تَوَادِّهِمْ، وَتَرَاحُمِهِمْ، وَتَعَاطُفِهِمْ مَثَلُ الْجَسَدِ إِذَا اشْتَكَى مِنْهُ عُضْوٌ تَدَاعَى لَهُ سَائِرُ الْجَسَدِ بِالسَّهَرِ وَالْحُمَّى»

Ва низ фармуданд:

«Масали муъминон дар муҳаббат ва раҳмату меҳрубониашон, ба ҳамдигар монанди як ҷасад аст, ки ҳаргоҳ узве аз он ба дард ояд, дигар аъзои ҷасад дар табу бедорхоби бо он ҳамроҳи мекунанд».(97)

## 3, Макорими ахлоқ ва маҳосини амалҳо

Монанди: Сабр, карам, шуҷоат, бурдборӣ, бахшиш, тавозуъ ва дурӣ аз аздоди онҳо. Ва низ неки бар падару модар, силаи раҳм, неки ба ҳамсоягон, эҳсону неки ба ятимону бечорагон ва дар роҳ мондагон. Худованд мефармояд:

﴿ خُذِ ٱلۡعَفۡوَ وَأۡمُرۡ بِٱلۡعُرۡفِ وَأَعۡرِضۡ عَنِ ٱلۡجَٰهِلِينَ ١٩٩ ﴾ [الاعراف: ١٩٩]

«[Эй паёмбар] Гузашт пеша кун ва ба некӣ фармон бидеҳ ва аз нодонон рӯ бигардон.» (Сураи Аъроф 199)

(96) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 2446, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2585, ба ривояти АбуМӯсо (Худованд аз ӯ розӣ бод).

(97) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2586, ба ривояти Нуъмон ибни Башир (Худованд аз ӯ розӣ бод).

عَنْ أَبِي الدَّرْدَاءِ، عَنِ النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: «مَا مِنْ شَيْءٍ أَثْقَلُ فِي الْمِيزَانِ مِنْ حُسْنِ الْخُلُقِ»

Абудардо (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят мекунад, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Дар тарозуи амалҳо, чизе сангинтар аз хӯшахлоқӣ нест.»(98)

عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ، قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «مَنْ نَفَّسَ عَنْ مُؤْمِنٍ كُرْبَةً مِنْ كُرَبِ الدُّنْيَا، نَفَّسَ اللهُ عَنْهُ كُرْبَةً مِنْ كُرَبِ يَوْمِ الْقِيَامَةِ، وَمَنْ يَسَّرَ عَلَى مُعْسِرٍ، يَسَّرَ اللهُ عَلَيْهِ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ، وَمَنْ سَتَرَ مُسْلِمًا، سَتَرَهُ اللهُ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ، وَاللهُ فِي عَوْنِ الْعَبْدِ مَا كَانَ الْعَبْدُ فِي عَوْنِ أَخِيهِ، وَمَنْ سَلَكَ طَرِيقًا يَلْتَمِسُ فِيهِ عِلْمًا، سَهَّلَ اللهُ لَهُ بِهِ طَرِيقًا إِلَى الْجَنَّةِ، وَمَا اجْتَمَعَ قَوْمٌ فِي بَيْتٍ مِنْ بُيُوتِ اللهِ، يَتْلُونَ كِتَابَ اللهِ، وَيَتَدَارَسُونَهُ بَيْنَهُمْ، إِلَّا نَزَلَتْ عَلَيْهِمِ السَّكِينَةُ، وَغَشِيَتْهُمُ الرَّحْمَةُ وَحَفَّتْهُمُ الْمَلَائِكَةُ، وَذَكَرَهُمُ اللهُ فِيمَنْ عِنْدَهُ، وَمَنْ بَطَّأَ بِهِ عَمَلُهُ، لَمْ يُسْرِعْ بِهِ نَسَبُهُ»

Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) низ ривоят мекунад, ки Расули Аллоҳ (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Касе ки мушкилие аз мушкилии дунявии муъминеро ҳал кунад, Аллоҳ мушкилие аз мушкилиҳои рӯзи қиёмати ӯро ҳал мекунад. Ва касе ки бар шахси тангдаст осони гирад, Аллоҳи мутаол дар дунё ва охират бар ӯ осони мегирад. Ва касе ки (айби) мусулмонеро бипӯшонад, Аллоҳ дар дунё ва охират (айби) ӯро мепӯшонад. Аллоҳи мутаол дар садади кумак ба банда аст, то замоне ки банда дар садади кумак ба бародараш бошад. Касе ки дар талаби илм роҳеро бипаймояд, Аллоҳ дар ивазаш барои ӯ роҳеро ба суи биҳишт ҳамвор месозад. Ва гуруҳе дар хонае аз хонаҳои Аллоҳ ҷамъ намешаванд, ки китоби илоҳиро тиловат кунанд ва онро дар миёнашон бихонанд ва ёд бигиранд, магар инки оромиш бар онон нозил мешавад ва раҳмат ононро фаро мегирад ва фариштагон ин ашхосро иҳота мекунанд ва Аллоҳ дар миёни касоне ки наздаш ҳастанд аз онон ёд мекунад. Ва касе ки амалаш ӯро ақиб биронад, насабаш ӯро пеш намеандозад».(99)

(98) Абудовуд, шумораи ҳадис 4799, Тирмизӣ, шумораи ҳадис 2002 ва 2003, Ибораи болоро Абудовуд овардааст ва дар Сунани Тирмизӣ ин ибора афзуда шудааст: “ Ва ҳамоно шахси хӯшахлоқ ба сабаби ахлоқаш ба мартабаи рӯзадор ва намозхон мерасад”.

(99) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 2699.

## Дин ва тариқат

Дини Аллоҳи мутаол якто аст, ва он Ислом аст. Чунонки мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱلدِّينَ عِندَ ٱللَّهِ ٱلۡإِسۡلَٰمُۗ ﴾ [ال عمران: ١٩]

«Ҳамоно дин (и ҳақ) назди Аллоҳ ислом аст» (Сураи Оли Имрон 19)

Ин дини Аллоҳи мутаол барои ҳамаи ҷаҳониён аз ибтидо то интиҳои дунё аст. Чунонки дар Қуръони карим мехонем:

﴿ إِنَّآ أَنزَلۡنَا ٱلتَّوۡرَىٰةَ فِيهَا هُدٗى وَنُورٞۚ يَحۡكُمُ بِهَا ٱلنَّبِيُّونَ ٱلَّذِينَ أَسۡلَمُواْ ﴾ [المائدة: ٤٤]

«Ба ростӣ, Мо Тавротро нозил кардем, ки дар он ҳидоят ва нур аст. Паёмбароне, ки [дар баробари фармони Аллоҳ таоло] таслим буданд,» (Сураи Моида 44)

Маънои умумии Ислом ҳамин аст, яъне таслим шудан дар баробари Аллоҳ бо тавҳиду яктопарасти, фармонбардорӣ ва итоат аз Аллоҳ ва дури аз ширк.

Аммо маънои хосси Ислом, ҳамон ҳидоят ва дини ҳаққе аст, ки Аллоҳ таоло паёмбараш Муҳаммад (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ро бо он мабъус кард, Яъне: Эътиқоди саҳеҳу дуруст, шариат ва ҳукмҳои одилона, амалҳои неку ахлоқи хубу устувор. Аллоҳи мутаол ин динро насх кунандаи динҳои пешин қарор додааст ва ҳеҷ динеро ғайр аз он намепазирад. Чунонки мефармояд:

﴿ وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ﴾ [ال عمران: ٨٥]

«Ҳар ки дине ғайр аз ислом баргузинад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёнкорон аст» (Сураи Оли Имрон 85)

عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ، عَنْ رَسُولِ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ أَنَّهُ قَالَ: «وَالَّذِي نَفْسُ مُحَمَّدٍ بِيَدِهِ، لَا يَسْمَعُ بِي أَحَدٌ مِنْ هَذِهِ الْأُمَّةِ يَهُودِيٌّ، وَلَا نَصْرَانِيٌّ، ثُمَّ يَمُوتُ وَلَمْ يُؤْمِنْ بِالَّذِي أُرْسِلْتُ بِهِ، إِلَّا كَانَ مِنْ أَصْحَابِ النَّارِ»

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«Қасам ба зоте ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳар фарде аз ин уммат (тамоми инсонҳо аз замони биъсати Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) то охирин инсоне ки аз дунё биравад) хоҳ яҳудӣ бошад ё насронӣ аз (паём ва оини ) ман бишнавад (ва бохабар шавад) сипас дар ҳоле бимирад, ки ба ончи бо он фиристода шудам, имон наёварда бошад, қатъан аз дӯзахиён хоҳадбуд».[100]

Аллоҳи мутаол бандагони нек ва саодатманди худро мусулмон номид:

﴿ مِّلَّةَ أَبِيكُمۡ إِبۡرَٰهِيمَۚ هُوَ سَمَّىٰكُمُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ ﴿٧٨﴾ ﴾ [الحج : ٧٨]

«Оини падаратон Иброҳим [низ чунин буд]. Ӯ [Аллоҳ таоло] пеш аз ин [дар китобҳои осмонии гузашта] ва дар ин [Қуръон] шуморо мусулмон номид» (Сураи Ҳаҷ 78)

Аммо аз онҷо ки суннат ва қонуни илоҳӣ дар миёни махлуқоташ ин аст, ки онон бо якдигар ихтилоф кунанд ва фирқа фирқа шаванд –,

عَنْ مُعَاوِيَةَ بْنِ أَبِي سُفْيَانَ، أَنَّهُ قَامَ فِينَا فَقَالَ: أَلَا إِنَّ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَامَ فِينَا فَقَالَ: « أَلَا إِنَّ مَنْ قَبْلَكُمْ مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ افْتَرَقُوا عَلَى ثِنْتَيْنِ وَسَبْعِينَ مِلَّةً، وَإِنَّ هَذِهِ الْمِلَّةَ سَتَفْتَرِقُ عَلَى ثَلَاثٍ وَسَبْعِينَ: ثِنْتَانِ وَسَبْعُونَ فِي النَّارِ، وَوَاحِدَةٌ فِي الْجَنَّةِ، وَهِيَ الْجَمَاعَةُ»

Чунонки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд: « Огоҳ бошед! Ки аҳли китоб пеш аз шумо ба 72 фирқа

(100) Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 153, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод).

тақсим шуданд, ва ҳамоно ин уммат (Ислом) ба 73 фирқа тақсим хоҳанд шуд, 72 фирқа дар оташ ва як фирқа дар биҳишт аст, ки он ҳамон ҷамоат аст.»(101) – Ин фирқаи наҷотёфта ҳамон Аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд, ки ба Қуръони карим чанг мезананд ва аз суннати Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) пайравӣ мекунанд. Ва холи ва пок аз шакку гумон ва тамоюлоти нафсонӣ ва бидъатҳо ҳастанд.

قال رَسُولَ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ: «لَا تَزَالُ طَائِفَةٌ مِنْ أُمَّتِي قَائِمَةً بِأَمْرِ اللهِ، لَا يَضُرُّهُمْ مَنْ خَذَلَهُمْ أَوْ خَالَفَهُمْ، حَتَّى يَأْتِيَ أَمْرُ اللهِ وَهُمْ ظَاهِرُونَ عَلَى النَّاسِ»

Ва онон ҳамон гуруҳи ғолиб ва бартаре ҳастанд, ки Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар бораашон фармуданд:» Пайваста гуруҳе аз умматам дастури Аллоҳро барпо медоранд ва касе ки ёрии ононро раҳо кунад, ё бо онон мухолифат кунад, зараре ба онон намерасонад, то замоне ки фармони илоҳӣ фаро расад. Ва онон ғолиб бар мардум ҳастанд.»(102)

**Аҳли суннат ва ҷамоат миёнатарин, беҳтарин ва ҳидоятёфтатарини фирқаҳо ҳастанд:**

1, Миёни Мушаббиҳа ва Муъаттила дар боби сифатҳои илоҳӣ.

2, Миёни Ҷабрия ва Қадария дар мавриди афъоли илоҳӣ.

3, Миёни Мурҷиа ва Ваъидия дар заминаи ваъд ва ваъиди илоҳӣ, Ва таърифи имон ва дини ислом.

4, Миёни Хавориҷ ва Рофизиҳо дар мавриди саҳобагони Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод).

(101) Муснади Аҳмад, шумораи ҳадис 16937, Абудовуд, шумораи ҳадис 4597, ба ривояти Муовия ибни Абисуфён (Худованд аз ӯ розӣ бод). Тирмизӣ, шумораи ҳадис 264, Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 3991, ба ривояти Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод). Тирмизӣ, шумораи ҳадис 2641, ба ривояти Абдуллоҳ ибни Амр (Худованд аз ӯ розӣ бод). Ибни Моҷаҳ, шумораи ҳадис 3992, ба ривояти Авф ибни Молик (Худованд аз ӯ розӣ бод).

(102) Саҳеҳ Бухорӣ, шумораи ҳадис 3641, Саҳеҳ Муслим, шумораи ҳадис 1037, ва 4955, ба ривояти Муовия (Худованд аз ӯ розӣ бод), ибораи болоро Муслим зикр кардааст.

Аҳли суннат ва ҷамоат аз ҳамагуна мазҳабҳои мардуд ва роҳу равишҳои гумроҳкунанда ва мунҳарифкунанда, безор ҳастанд. Ва хӯшҳоланд, ки Аллоҳ таоло бар онон эҳсон карда имонро маҳбубашон қарор дода ва онро дар дилҳояшон зиннат бахшидааст, Ва куфру фисқу нофармониро дар назарашон зишту нописанд қарор додааст:

﴿ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَنِعۡمَةٗۚ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ٨ ﴾ [الحجرات: ٨]

«[Ин иноят] Ба унвони фазилату неъмате аз ҷониби Аллоҳ таоло [муқаррар шудааст] ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст». (Сураи Ҳуҷурот 8)

Ва дуруду саломи Аллоҳ бар бандааш ва паёмбараш Муҳаммад ва бар олу асҳобаш бод.

**Навиштаи**

**Д. Аҳмад ибни Абдурраҳмон ибни Усмон Ал-Қозӣ**

**Дар 15/2/1427 ҳ ба итмом расид**

**Ш, Унайза**

مركز أصول
Osoul Center
www.osoulcenter.com

osoulcenter
+966504442532
www.osoulcenter.com

عرض تعريفي عن مركز أصول
ومجالاته ووحداته.. مشاهدة ممتعة لك

ISO
9001
حاصل على شهادة
الاعتماد من الأيزو

حاصل على جائزة التميز
في العمل الخيري

TAJIK 1




Олимони исломӣ ҳамвора ба мавзӯъи эътиқод таваҷҷуҳи хоссе доштанд ва тамоми талошашонро дар омӯзиш ва исботи он ба кор бурдаанд, Ва матлабҳои мухтасару шарҳҳои тӯлоние дар ин бора нигоштаанд. Гоҳе дар қолаби баёни иҷмолӣ ва куллӣи эътиқоди салаф ва гоҳе дар тавзеҳ ва баёни мавзӯъи муайян ва гоҳе дар қолаби посух бар ҳавопарастону бидъатгузорон, китобҳо таълиф намудаанд.

Аз ин ҷиҳат тасмим гирифтам масъалаҳои эътиқодиро бар асоси тартиби аслҳои шашгонаи имон, ки зикршуда дар ҳадиси машҳур ба ҳадиси Ҷибриил бо такя бар ду масдари ваҳйи, Қуръон ва суннати набавӣ, баён кунам. Ва баъд аз ҳар мавзӯъи аслӣ мавориди фаръиро баён намудам ва дар поён аз гуруҳҳо ва афроде, ки дар мавзӯъи зикршуда ба бероҳа рафтаанд, ном бурда ва ба таври мухтасар посухашонро додаам.

Дар натиҷа ин китоби эътиқодӣ, китоби мутавасит ва возеҳу равшану осон ва бо ибораи осону тартиби мавзӯъй гаштааст, то ҳама мусалмонон битавонанд аз он истифода кунанд. Ва ҳадаф аз таваҷҷуҳ ба эътиқоди куллӣ ва иҷмолии салафи солеҳ ҳосил шавад. Ва ин китобро

Osoul Center
www.osoulcenter.com

Rabwah

islamic-faith.com

Для скачивания книги пожалуйста посетите:

osoulstore.com